Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ

# САДУ ЯК АНДЕША

## дафтари дуввум



*Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ*

# САДУ ЯК АНДЕША

(дафтари дуввум)

رحیم مسلمانیان قبادیانی

# صد و یک اندیشه

(دفتر دوم)

*Нависанда:* Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ
*Ном:* Саду як андеша (Дафтари дуввум)
*Дабирачинӣ:* Вежа
*Баргбандӣ:* Беҳруз
*Чоп:* якум
*Чой:* Теҳрон
*Шумора:* 1000
*Сол:* 2000

*Ба номи худованди ҷону хирад,*
*К-аз ин бартар андеша барнагзарад.*

*Ба кӯдаке, ки духтар аст,*
*Духтаре, ки ҳамсар мешавад,*
*Ҳамсаре, ки модар аст, ё мешавад,*
*Модаре, ки модарбузург аст ё мешавад,*
*Модарбузурге, ки набераву абераву чабераҳои*
*парвона дораду дарси зиндагӣ медиҳадшон.*

*Ба кӯдаке, ки писар аст,*

*Писаре, ки ҳамсар мешавад,*
*Ҳамсаре, ки падар аст, ё мешавад,*
*Падаре, ки падарбузург аст, ё мешавад,*
*Падарбузурге, ки набераву абераву чабераҳои*
*парвона дораду дарси*
*зиндагӣ медиҳадшон.*

# Пешгуфтор

*(дар ду бахш)*

## 1

Пӯшида нест, ки боми ҳувияти инсонӣ бар се сутун устувор мебошад: зану бачаи шоиста, фарҳанг ва миллату кишвар. Агар яке аз ин сутунҳо набошад, боми ҳувияти инсон ҳам сӯрох аст...

Меҳвари ин дафтар ҳам сегона шуд:

*Яке* – Зану кӯдак,

*Дигаре* – Инсону Фарҳанг,

*Севвумӣ* – Тоҷикистону Миллат.

Чунон ки намудор аст, ҳар яке аз ин меҳварҳо дугонаанд, яъне ки:

-- Ҳувияти зан бо кӯдакаш комил аст,

-- Ҳувияти инсон аз роҳи фарҳангаш равшан мешавад,

-- Ҳастии Тоҷикистон баста аст бо миллаташ ва ҳастиву рушди миллат ҳам вобастаи истиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Шаклан ин дафтар фароҳам омада аз гузориш, мақола, ривоят, ҳикоят, иқтибос ва аммо дар маънӣ -- ҷойе ҳуҷҷат аст, ҷойе воқеият, гоҳи дигар орзу. Ҳама бо ҳам омехта ва ё дар паҳлӯи якдигар. Ончунон ки худи зиндагӣ: омехтаест аз ҳастиву рӯъё, талхиву ширинӣ, гармиву сардӣ, торикиву рӯшноӣ...

Нишони нигоранда хонандаи гиромии эронӣ аст; хонандае, ки мехоҳад бо воқеияти Тоҷикистон ва андешаҳои як тан фарзанди он ошно бишавад.

Нишони нигоранда хонандаи гиромии тоҷик аст; хонандае, ки мехоҳад худ ва муҳиташро беҳтар шиносад, беҳтар бубинад.

Агар азизе ин дафтарро ба даст бигираду ошно шавад, ва ба андеша биравад, ки: "рост мегӯяд", "шояд рост гӯяд", "оё рост мегӯяд?"... тири нигоранда ба нишон расидааст.

*Теҳрон, 10 тири 76 (1 июли 1997)*

## 2

Дарвоқеъ, дафтари якум дуввум асту дуввум -- якум.

Ин дафтар, ки хонандаи гиромӣ, дар дасти шумост, солҳои 1994-1996 пайдо шуда буд; ҳудуди се соли дигар ба се остон сар зад, аммо остонҳо баландӣ карданду сар – пастӣ. Дар ин миён дафтари дуввум ҳам падид омад ва бо заҳамоти фарзандону набераҳо соли 1999 ба хати сирилии тоҷикӣ ҳазор нусха чоп шуд. Набояд айб бошад: охир, гоҳе додар пештар аз бародари калони хонадор мешавад.

Ва аммо ду тавзеҳи дигар ҳам воҷиб менамояд:

Як -- ҷой-ҷой ишораҳо рафта ва шоиста аст бори дигар таъкид ёбад, ки ин дафтарҳо тиккаҳоеро дарбар кардаанд -- аз хондаву шунидаву дида ва ё бардоште аз онҳо. Яъне ки чизе эҷоди ё таълифи миёни ин навиштаҳо тақрибан ҷой надорад.

Ду -- масъалаи мушкил сара кардан буд. Ғирбол вазнинӣ кард. Бастагон ва баъзе аз дӯстону шогирдон ба ёрӣ омаданду даҳдаста бардоштем. Сара шуд ё нашуд? Ё носара ҳам гузашта? -- Хонандаву нависанда хоҳанд гуфт.

Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ
*Теҳрон, 10 обони 78 (1 ноябри 1999)*

*Бахши якум:*

# ЗАНУ КӮДАК

***Шоҳсутун.***

Фарзанд шоҳсутуни хонавода аст.

Ҳатто барои паррандагон.

Намебинӣ, ки ҷуфти парранда лона дуруст мекунанд, тухм мегузоранду чӯҷа во мекунанд. Ва ҳамин, ки чӯҷа парончак шуду калон гашт, ҳама мераванд. Ва лона хароб мешавад.

***Алифбо.***

Ҳар кадом аз зану мард мехоҳад, умри дароз, дили шоду тани солим дошта бошад.

Ва аммо мутаассифона, аксар барои ин аҳдоф ҳеҷ намекӯшанд. Агар мекӯшиданд, аз ибтидо ҳамдигарро эҳтиёт мекарданд.

***Ҳалқаву танакору гиреҳ.***

Кӯдак он ҳалқаест, ки ду сари занҷирро бо ҳамдигар мепайвандад; танакорест, ки зарфи шикастаро пайваст мекунад; гиреҳест, ки гӯшвораро бо пояи он мебанданд...

Агар ҳалқа нест, занҷир нест; агар танакор нест, зарф пора аст; агар гиреҳ нест, гӯшвора зеби гӯш нест.

***Лайзери чашм:***

Парвардаи фарҳанги аврупоиро дар Теҳрон дидам. Сахт нороҳат буд: вуҷуди зеборо дар чодаре сиёҳ печидаанд.

Пас аз муддате боз дидамаш, андаке таскин ёфта буд: ба теғи чашм пардаро мешикофт ва ҳарчӣ даруни он буд, дар тасаввур медид.

***Одамсоз.***

Мардуми мо одатан зани дуҳонро зиёда эҳтирому эҳтиёт мекунанд ва мувозибаш мешаванд, чунончӣ: кори сангин намефармоянд, оташин намекунанд, дар мошин ҷой медиҳанду дар хиёбон роҳ; мекӯшанд аз ҳама гуна хавфу хатар дар амон бошад, гушнаву ташна намонад...

Ин ҳама ба хотири он аст, ки вай *одам месозад.*

*Чароғ.*

Агар зан чароғи зиндагӣ аст, мард равғани он аст.

Кӣ дида, ки чароғ бе равған равшанӣ дода?

Ва он пилта, ки дар меҳвари чароғ қарор гирифта ва равғанро ҷаббида рӯшноӣ пахш мекунад, фарзанд аст.

*Хонаи равшан.*

Агар зан чароғи хона аст, мард худи он хона мебошад.

Якумӣ бе дуввумӣ намепояд ва дуввумӣ бе якумӣ намешояд.

*Зан -- оташ.*

Ба дурустӣ, ки зан ба оташ мемонад. Ҳамон оташе, ки донаро ба камол мерасонад, пасон мехушконад ва дар охир месӯзонад.

Ва аммо метавонад нахушконад ва насӯзонад. Ва лоақал ба таъхир андозад. Ба шарте, ки тарбияти хуб дида ва фарҳанг дошта бошад.

*Зану оташ:*

Зан ба ин маънӣ ҳам оташ аст, ки фосила нигоҳ дорӣ ва мувозибаш бошӣ, гармат мекунад ва хоматро мепазад ва дар биёбони зиндагӣ аз гургҳои дарранда нигаҳбонат мешавад.

Ва аммо агар фосила барҳам занӣ ва хоҳӣ, ки бо ӯ яке бошӣ, хокистарат мекунад.

*Зану рӯшноӣ.*

Ҳусни аслии зан он аст, ки хонаи як мардро равшан кунад.

Як чароғ наметавонад чанд хонаро равшанӣ бахшад.

*Дарёи зан.*

Зан дарёст.

Дарёи лаболаб.

Агар ҳиҷоб надорад -- лабрез.

*Ё сафо ё аҷал.*

Дарёи зан метавонад сафо бахшад.

Ва низ метавонад ғарқ кунад.

Кадомаш?

Бастагӣ ба он дорад, ки чӣ гуна тарбияташ кардаанд.

*Забони ҳиҷоб.*

Ҳиҷоб мегӯяд: соҳибам ба ягона соҳибаш тааллуқ дорад.

Ва боз: соябонам, соябони гули ҳаё, то офтоби беҳаёӣ насӯзонадаш.

*Парда.*

Баракати хонавода дар дасти зан аст.

Баракати зан дар мӯи сару банди пои ӯст.

Агар зан аз мӯи сару банди пойи худ ғофил монд ва ё амдан дар тамошо гузошт, умед аз баракат хатост.

*Ғилофи силоҳ.*

Ашки занро буррандатарин силоҳи вай донистаанд.

Ва аммо нагуфтаанд, ки ин силоҳ аз наёми дили булӯру пурмеҳр берун меояд.

*Кӯдак.*

Кӯдакро на танҳо ба ин маънӣ "гул" гуфтаанд, ки хушбӯву хушрангу дилкушост.

Боз барои ин ҳам "гул" мегӯянд, ки муносибате мехоҳад дар ғояти нозукӣ ва латофат.

Аз муносибати бад гул ҳувияти гулии худро мекоҳаду кӯдак ҳувияти инсонии хешро.

*Гулаксоз.*

Бахше аз тоҷикон, чунончи дар Рашт, кӯдакро "гулак" мегӯянд.

Рӯшан, ки "гулак" аз "гул" аст.

Яъне, ки гули нозукро аз камоли навозишу ғамхорӣ нозуктару комилтар мекунанд.

Ва ин ҳам ҷолиб аст: масдарҳои "таваллуд кардан", "зойиданро" тақрибан ба забон намегиранд.

Балки “сохтан” ба кор мебаранд. Чунончи, мегӯянд: “Шаҳрбону гулак сохт, писарак”.

*Вазифаи аслӣ.*

Вазифаи якуминдараҷаи ҳар як инсон ҳамеша ва ҳама ҷо тарбияти фарзанд будааст.

Ҳамаи бадбахтиҳои дунё низ ҳамеша ва ҳама ҷо дар робита бо ҳамин мавзӯъ рух додааст: муносибатро ба фарзанд ё ба ифрот мерасонанд, ки дар ин сурат фарзандони дигар нодида мемонанд, ва ё ба тафрид мебаранд, ки дар ин ҳол ба дарёи ҳавову ҳавас ғарқ мешаванд ва фарзандон умуман аз назаргоҳ меафтанд.

Чунончи агар дар Тоҷикистон ба фарзандон нигоҳи мӯътадил медоштанд, фоҷеа пеш намеомад.

Кай ба азизони худ нигоҳе дуруст мекунем, то фоҷеа ба поён расад?

*Ченак (малок).*

Агар ҷомеаи шукуфоеро дидед, бипурсед ки: духтаронро чӣ тавр тарбият кардаанд?

Ва агар ҷомеаи пажмурдаеро дидед, таҳқиқ кунед, ки: дар тарбияти духтарон ба чӣ хато роҳ додаанд.

*Фардо ва кӯдак.*

Он, ки аз фардо умед дорад, дар андешаи кӯдак аст.

Он, ки мехоҳад фардо нек бошад, фарзандро некӯ тарбият мекунад.

Ва он, ки мехоҳад фарзандаш зиндагии хубу ором бо вусъату неъмат дошта бошад, мекӯшад, то ҳамаи кӯдакон тарбияти некӯ бубинанд.

*Рисолати марду зан.*

Рисолати мард хонавода сохтан аст.

Рисолати зан -- хонаводаро рӯшан кардан.

*Масъулияти зан.*

Масъулияти зан пеши ҷомеа бузург аст. Аммо на дар зоҳир, балки дар моҳият; на дар намоиш, балки дар воқеият.

Худ андешед: агар мард солим аст, зан нигоҳубин кардааст; агар мард қаҳрамон аст, зан ҳидоягаш кардааст; агар хона равшан аст, зан мунаввар карда...

*Саломy дастбусӣ.*

Агар момои мо ба бобои мо ҳар пагоҳӣ салом медоданд, ин нишони он буд, ки мард боми хонадон аст.

Агар бобои мо ҳар пагоҳӣ дасти момои моро мебӯсиданд, ин барои он буд, ки баракати хонадону саодати аҳли он дар ҳамин дастон буд.

*Боз ҳам дуруду дастбусӣ.*

Қурбони он бузургу бузургворӣ бояд буд, ки ин расмро ҷорӣ кардаанд:

Чун мард пагоҳии мардон аз хоб мехест, дар оби ҷӯй шустушӯй мекард, пас рост мешуду рӯй ба офтоб меоварду салом медод; чун ба хона мерасид, ҳамсараш бо чеҳраи боз ва таъзим саломаш медод ва ӯ ҳам дасти ҳамсарашро мебӯсид.

Ҳар ду мамнуну мадйуни ҳамдигар тамоми рӯз аз дунболи кори худ мешуданд...

Нокас онҳоеанд, ки ин расми зиндагисозро аз миён бурдаанд.

*Шарофату подош.*

Ду зан зиёда дар ҳайрат гузошта.

*Яке* - ҳамсари *Азимов* (марде буд дар Қубодиён), ки пас аз марги ҳамсараш савдоӣ шуду гӯри шавҳарашро оғӯш мекарду раҳо наменамуд. Солҳо мегузашт, аммо вай чашми фарзандонашро хато мекарду ба гӯристон мерафт. Фарзандон аз овардани ӯ хаста мешуданду вай аз гурехтан ба гӯристон хаста намешуд.

*Дигаре* - дилдодаи *Блок* (шоири бузурги рус), ки дар ҳоли девонагӣ ҳамаро аз ёд бурда ва аммо номаҳои *Блокро* аз худ дур намекард ва ба касе намедод.

Шарофати ин занҳо буд, ки чизе ноёбро дар ин мардҳо ёфтаанд.

Аҷиб ин аст, ки он бонувон бо ин ҳама шарофат, на бо номи худ, балки бо номи он мардҳо ёд мешаванд.

Шояд бахти баланди ин мардон ҳамин буд?

*Чӣ беҳ.*

Аз ишқи духтар он беҳ, ки ҳамқисмати худро масъуд кунад, на сабукдилонро масрур.

Аз малоҳати бону он беҳ, ки хонаеро равшан кунад, на майдону хиёбонро.

Аз неруи бозуи ҷавон он беҳ, ки харобиро обод кунад, на ободиро хароб.

Аз хиради пир он беҳ, ки ба ободӣ ва роҳ ҳидоят намояд, на ба харобӣ ва чоҳ.

*Сахтӣ ва нармӣ.*

Ҷавоне аз пир пурсид:

-- Яке дар ҳаққи ҳамсараш сахтгир аст ва гиромӣ; дигаре нарм асту на чандон гиромӣ. Аз ин ҳарду кадом беҳтар?

Пир ба тамсил гуфт:

-- Бубину худ баргузин: санг бо сахтӣ боиси бақои об мешавад ва аммо хок бо нармӣ обро меҷабад ва гум мекунад. Билохира санг санг мемонад ва хок лой мешавад.

*Шоҳу вазир.*

Занро "вазири шавҳар" гуфтаанд.

Ин ба он маънӣ аст, ки вай бояд машварат диҳад, на фармон. Дар кадом кишвар ду подшоҳ ҳукм рондааст?

*Марду шоҳу ноҳудо.*

Зан, агар фармонбардори шавҳар набошад, ба кишваре мемонад, ки раҳбар надорад; ба киштие мемонад, ки ноҳудо надорад.

*Аҷали имон.*

Гуфтаанд, ки занон хаймаи имонанд.

Ва аммо нагуфтаанд, ки баъзе аҷали имонанд.

*Аспу ароба.*

Яке мегуфт:

-- Хонавода аробаву зан аспу мард аробакаш аст, кай ва то куҷо расидани ароба ҳам ба аробакаш вобаста асту ҳам ба асп.

Рост мегуфт?

*Гови ало.*

Гуноҳони зан чун алоии гов фаврӣ ба чашм мехӯранд.

Кӯдак гиряд -- гуноҳи зан, хона норӯфта -- гуноҳи зан, хӯрок нопухта -- гуноҳи зан, пӯшок ношуста -- гуноҳи зан...

Ин ҳама гувоҳ аз ҷойгоҳи зан аст. Агар вай худ накӯшад, аз нохуни по то мӯи сар ғарқ дар гуноҳ мешавем.

*Гуфтугӯ.*

-- Дастат дард накунад. Намедонам, агар занҳо набуданд, мардҳо чӣ кор мекарданд?

-- Нӯши ҷон. Агар занҳо набуданд, мардҳо ҳам набуданд.

*Зану мард, шабу рӯз.*

Ин муҳим нест, ки аз миёни зану марду шабу рӯз кадомӣ болотар аст.

Балки муҳим ин аст, ки яке бидуни дигарӣ наметавонад бошад, чаро ки ҳастии яке ба шарофати дигарист.

*Фиреби зан.*

Зане мумкин аст фиреби мардеро бихӯрад.

Ҳар гуна зан фиреби ҳар гуна мардро хӯрда метавонад.

Ин айби вай нест. Балки аз хосияти зании вай ва номардии мард аст.

*Ду рӯйи сикка.*

Зану мард чун ду рӯи сиккаанд: на танҳо яке бе дигарӣ наметавонад бошад, балки ҳарду ҳеч гоҳ баробари ҳамдигар қарор намегиранд, як ҷо ба чашм намехӯранд, дар як замону ҳол баробар равшан намешаванд...

*Дурӯягӣ?*

Дар хилват ҳамдигарро “ҷонак” хитоб мекунанд, дар ғайри хилват “мардаку занак”-у “пиру кампир” мегӯянд.

Дурӯягӣ аст?

Не.

Яке нишони меҳр аст ва дигаре поси хотири ҷамъият.

*Лофу заъф.*

Лофи мард пеши зан далел бар қудрати вай нест.

Ончунон, ки таслими зан пеши мард аз заъфи вай нест.

*Хонавода ҳам кишвар аст.*

Хонавода як кишвар аст.

Ҳам хонавода, ҳам кишвар раҳбар доранду мушовир.

Агар мушовир доно бошаду раҳбар донову далер, корҳо нағз пеш мераванд.

Агар мушовир нодон бошаду зӯъм, корҳо хоҳад лангид.

Агар раҳбар нодону тарсу бошад, корҳо бо ҳарду по меланганд.

Агар раҳбар бе маслиҳати мушовир кор кунад, комёб шуданаш гумон аст.

Агар раҳбар фармонбардори мушовир бошад, ноком шуданаш бегумон аст.

*Агар ҳофизаи тифлӣ мемонд.*

Агар инсон ҳофизаи кӯдакии худро нигоҳ дошта метавонист, агар инсон маъниҳои аллаи модари худро мефаҳмид ва тӯшаи роҳи зиндагии худ мекард, ҳаргиз даст бар сари каси дигар намебардошт, ҳеҷ гоҳ қасди ҷони касе намекард...

Ҳеҷ модаре ба гӯши фарзандаш алла нахондааст: "калон шавӣ, золим шавӣ, хунхор шавӣ..."

*Хори гул.*

Агар кӯдак гул асту ҳама ошиқи рангу бӯи ӯянд, заҳри хорашро танҳо модар мутаҳаммил мешавад. Бо камоли майл. Бе ҳеҷ миннат.

*Табдили мавқеъ.*

Гоҳе зану марди ҷавон ҷангиву қаҳрӣ мешаванд. Дар чунин ҳол аксар бо "забони тифл" изҳори матлаб мекунанд, ба монанди: "додота гӯй, ки хӯрока мекашам", "модарат фалон корро анҷом диҳад"...

Мавқеъ тағйир меёбад: хурд бузург мешавад, бузургон хурд.

*Бало? ё дармон?*

Яке чун “дард” гуфт, дуввумӣ набояд “бало” гӯяд.

Дардро бало корсоз нест, дармон корсоз аст.

*Оё метавонад?..*

Вақте зану шавҳар ҳамдигарро нафаҳмиду дастгирӣ накард, оё имкон дорад, ки падару писар ва модару духтар ҳамдигарро бифаҳманд ва дастгирӣ бикунанд?

Вақте зану шавҳар, падару писар, модару духтар ҳамдигарро нафаҳмидандy дастгирӣ накарданд, оё имкон дорад, ки аҳли ҷомеа якдигарро дарк карда ва ёрӣ намоянд?

*Рисолати падарӣ.*

Падаре, ки рисолати худро шинохтааст, дар баробари фарзанди ноқобилаш ҳаргиз намеситезад, балки бурдборона баррасӣ мекунад ва то расидани ҷон бар лаб, бароиислоҳаш мекӯшад.

Қарзро медиҳанду соф мекунанд.

*Ситора дар доман.*

Вақте ҷавон ба духтар ситораи осмонро ваъда медиҳад, вай дурӯғ намегӯяд. Воқеан мехоҳад ҳамин корро анҷом диҳад.

Ва аммо аз ӯҳдааш бармеояд ё на – ин кори ақл аст, на эҳсос.

*Хомтамаъ.*

Волидайн ба тарбияти писар аҳамият надоданду орзу мекарданд, ки ба дасташон об резад.

Аммо вай ба сарашон об рехт.

*Тарбият.*

Барои он ки дар полиз ва ё боғча аз об бидуни исроф истифода шавад, ҷӯйчае дуруст мекунанд; то ки об идора шавад.

Тарбияти кӯдак ва навҷавону ҷавон ҳам ниёз ба идора дорад.

Онҷунон ки мазраа ва дарахт бидуни дасти инсон шодоб намешаванд, ҳамин тавр инсон ҳам бе заҳамоти мураббӣ аз тарбияти шоиста шодоб нахоҳад гашт.

*Чашмаву ниҳол.*

Дар канори саҳрои ташна чашмае сар зад.

Дар канори дигари саҳро ниҳоле ҳам рӯйид.

Агар обро ба ниҳол расонанд, дарахт мешаваду ҳосил хоҳад дод. Агар заҳмат накашанд, об худ ба ниҳол намерасад.

Канори чашма хорзор ва ботлоқ мешавад. Ниҳол ҳам мехушкад. Агар ҳам нахушкад, бори дилхоҳ нахоҳад дод.

Ангор, ин чашма духтар аст ва, он ниҳол писар.

*Шох.*

Шохи бачаро нашикананд, шохзан мешавад.

Шохзаниро бо падару модар машқ мекунад. Вақте калон шуду маҳорат андӯхт, дигаронро ҳам шох мезанад.

*Нуф (Акси садо).*

Одатан аз мардиву паҳлавонӣ вақте лоф мезананд, ки он марҳала сипарӣ шуда бошад.

Онҷунон ки аввал корро мекунанд ва баъд нонашро мехӯранд.

*Кӯрӣ.*

Ҳар кӣ модари худро дӯст надорад, умед ба дӯстии вай набояд дошт.

Ҳар кӣ падари худро эҳтиром накунад, ҳурмат аз вай умед накунед.

Ҳар кӣ хоҳару бародари худро азиз надорад, таваққӯи иззат аз ӯ надошта бошед.

Ҳар кӣ фарзанди худро зиндаятим мекунад, таваққӯи одамият аз вай надошта бошед.

Вай кӯрӣ аст.

*Душмани Ширин.*

Ҳангоме ки дар мактаби миёна Рӯдакиро хондам:

Дареғо, ки хирадмандро бошад фарзанду хирадманд не

В-ончӣ адаб дораду дониш падар, ҳосили мерос бе фарзанд не.

Дареғам аз фарзанди носазо омаду вайро бад гуфтам.

Ҳангоме дар Донишгоҳ хондам, маълум шуд, ки ҳаким Фирдавсӣ низ аз писараш нохушнуд будааст:

Ҳаме буд ҳамвора бо ман дурушт...

Дареғам аз фарзанди нолоиқ омаду вайро бад гуфтам.

Ва аммо имрӯз, ки фарзанди худам нозҳое ноҷо мекунад, лол мондаам.

Имрӯз ба ҳикмати модарам: "бача душмани ширин" сарфаҳм рафтаам.

*Мусича.*

Инсон озод ба дунё меояду гирифтор мешавад.

Муҳит гирифтораш мекунад.

"Муҳит" мегӯему худро мусича метарошем.

Дар ҳоле, ки муҳит аз инсон иборат аст.

Ва инсон худи моем.

Ин моем, ки инсони озоду озодаро гирифтор мекунем.

*Хилофи рисолат.*

Падар ҳақ надорад, ки фарзандонашро ба нағзу ганда ҷудо кунад. Агарчӣ онҳо дар ҳақиқат хубу баданд.

Падари асил гандагии фарзандони бадашро бод намекунад, балки бо хун□ ҷигар мекӯшад, то онҳо ислоҳ шаванд.

Падаре, ки миёни ҷигарбандҳои худ ҷудоӣ меандозад, рисолати худро пушти по задааст.

*Модар.*

Пурифтихортарин, пуршарафтарин, душвор-тарину хатарноктарин кори дунё одам сохтан аст.

Беҳуда намегӯянд, ки як пои зани дуҷон дар лаби гӯр аст.

Оне, ки одам эҷод мекунад, беҳуда *модар* ном намегирад.

Ва "модар" болотарин унвон, волотарин гиромидошт ва олитарин вожа дар дунёст.

Вожае, ки модар онро ба нархи ҷон мехарад.

Вожае, ки инсон пас аз омаданаш ба дунё, нахустин ба забон мегирад ва ҳангоми рафтанаш аз дунё, вопасин бор мехоҳад такрор кунад.

*Навозиши модар.*

Навозишро ҳангоме мекунанд, ки онро намефаҳмӣ.

Чун мазаашро фаҳмидӣ, аз он маҳрум мегардӣ.

*Вазифаи модар.*

Манзараеро аз симои Теҳрон пахш карданд. Манзарае ба ёд монданӣ.

Паланге оҳу шикор кард.

Шикорро кашолакунон пеши бачаҳояш овард.

Бачаҳо бо шавқу шӯри тамом мехӯрданд.

Модар дуртар рафт; ва нигаҳбонӣ мекард.

Чун бачаҳо сер шуданд ва ба бозӣ гузаштанд, модар омад, лабу даҳони хунолуди бачаҳоро якояк лесиду пок кард...

Вақте модар вазифаашро анҷом дод, худ ба тановул гузашт.

*Модар модар аст.*

Манзараи дигареро ҳам пахш карда буданд. Хеле ва хеле ҷолиби диққат.

Муддатхост, аз пеши чашмам дур намеравад. Ба чанде аз дӯстонам ҳам нақл кардам, хунук нашудам, хостам инҷо ҳам оварам.

Дар чамане оҳу бача кард.

Модар сахт нигарон буд. Ҳаросон буд. Ва мелесиду хушк мекард. Мехост бачааш ҳар чӣ зудтар ба по хезад.

Оҳубарра кӯшид хезад, нашуд: ғалтид.

Паланге тозон наздик меомад.

Модар бо фуку лабу даҳон бачаашро ҳидоят мекард, ки бархезад.

Вай хест.

Ҳарду давиданд.

Ва аммо паланги бодпову тездандон даррасид.

Расиду барраро печонд.

Модар даҳ гом дуртар рафту истод. Вай пой мекӯфт ва бонгаке дармеовард. Коре дигар аз вай сохта набуд.

Барра меафтоду мехест, раҳой мехост. Паланг ҳам лаҳзае раҳо мекард. Барра сӯи модар медавид. Паланг бо чанд хез мерасид ва барраро ба замин меафканд. Барра рост мешуд...

Паланг бозй мекард.

Барра сахт эҳсоси гуруснагй кард. Ба ҳар ҷои паланг: шикам, рон, пой, ҳатто даҳони вай мук мезад, макидан мехост...

Паланг диккак (ба пушт) нишаст.

Оҳубарра, ки аз макидани паланг ноумед шуда буд, чаҳорхез сӯи модар шитофт.

Модар дуртарак, мижжа намезаду нигоҳ мекард.

Паланг дар ҳамон ҳоле, ки нишаста буд, оҳубарраро таъқиб мекард. Бо чашм.

Модару бача фирор карданд. Аз чашмҳо пинҳон шуданд.

Ва паланг онҳоро таъқиб мекард. Бо чашмон.

Паланг дар ҳамон ҳоли нишаста боқй монд. То даме, ки шере наздик шуд. Аз бими шер паланг дур шуд.

Ангор, ин паланг модар буд.

## *Насиҳати падар.*

Ҳар кас метавонад насиҳат кунад: устод, дӯст, хеш, раҳгузар...

Инсон ихтиёр дорад насиҳатҳоро пазирад, ё напазирад.

Ва аммо ҳангоме падар насиҳат мекунад, ҳатман бояд гӯш дод: чаро, ки беғаразтарин ва дилсӯзтарин аз пандҳост.

## *Намак агар ганда гардад...*

Яке аз бачаҳо агар хато кунад, бачаи дигар ё падару модар метавонад ислоҳ кунад, аммо агар сари хонавода хато кунад, илоҷи ислоҳу рафъи хатар ҳаст?

Нест.

Барои ҳамин гуфтаанд: “Гӯшт агар ганда гардад, даво намак аст, вале намак ганда гардад, даво чист?!”

## *Бобову момои Фирӯз.*

Агар пирамардон писари писарро ширинтар аз ҷони худ хонанду пиразанон фарзанди духтарро ҷо дар мағзи ҷигар

кунанд, модарон набояд мутааҷҷиб шаванд: меҳри зан аз пули дил мераваду меҳри мард аз роҳи мағз.

*Қумғон.*

Пирамарде, ки наберааш наварӯс мешуд, мегуфт:

-- Агар хоҳӣ, ки бо шавҳарат умри дарозу хушу хурсанд зиндагӣ кунӣ, ҳаргиз якашро ду накун, ду карат дуро "се" гӯяд, "дуруст" гӯй. Дер ё зуд вай ба иштибоҳоташ пай мебарад ва ислоҳ мешавад. Ва аммо чизе, ки ту пайдо мекунӣ, итминони хотири ӯст. Зану мард муштҳои ҷудогонаанд, вале чун бо ҳам бошанд, қумғон мешавад.

*Чашма.*

Занро "чашма" гуфтаанд. Чашмаи меҳру навозиш ва отифаи зиндагибахш.

Барои фарзанду шавҳар, падару модар, хоҳару бародар. Барои ҳамаи бастагонаш.

Ва аммо тавон ва умри ин чашма гуногун мебошад. Чаро ки муҳити офариниш гуногун аст.

Яке лаҳза ба лаҳза ва соат ба соат ҷӯш мезанад.

Дигаре замоне ҷӯш мезанад, пас аз муддате андак-андак заиф мешавад ва оқибат мехушкад.

Ягон-ягон як умри дароз ба атрофиён зиндагӣ мебахшад.

Хуш ба ҳоли миллате, ки аз ҳамин чашма бештар дошта бошад.

*Даҳ диданин зебо.*

Шарми зане, ки дуҷон (бордор) аст;

Гиряи кӯдаке, ки нав ба дунё омадааст;

Ғурридану болидани кӯдаке, ки аз сина сер шудааст;

Пуштибонии пирамарду пиразан аз набераву набера, ҳангоми ҷазои падару модар;

Аз ҷои хатарнок бачаҳояшро газида ба ҷои дигар бурдани сагу гурба, шеру паланг;

Ба дифоъи чӯҷаҳояш ба саг дарафтодани мурғи курк;

"Бахшидам" ва "қабул кардам" гуфтани арӯсу домод ҳангоми ақди никоҳ;

"Келин-салом" (саломҳое, ки ҳангоми ба хонаи домод ворид шудани арӯс аз забони вай гуфта мешавад);

Дурахши шабнам дар барги гул;

Ҷон додани пири рӯзгордида ва қонеъшуда дар иҳотаи фарзандон ва набераву абераву чабера ва наздикони дигар.

*__Беғаразтарин хайрхоҳ.__*

Хайрхоҳи беғараз барои инсон бахше аз дӯстон (ба қавли шайх Саъдӣ "ҷонӣ"), вале бештар хоҳару бародар хоҳад буд.

Ва аммо беғаразтарин хайрхоҳи инсон падару модаранд.

Чунки онҳо дар дунё ғаразе ҷуз фарзанд надоранд.

*__Падар розӣ, Худо розӣ.__*

Ин ҳикмат аз таҷрибаи ҳазоронсолаи мардумон руйидааст.

Аз таҷрибаҳои бепоёну такрор ба такрор ба ҳамин натиҷа расидаанд.

Ба натиҷае расидаанд, ки падар комилтарин ва бехатотарин мушовир аст барои фарзанд.

Чаро ки падар беғаразтарин хайрхоҳи фарзанди хеш аст.

Ин падар аст, ки дар андешаи вай фарзанд ҳамеша чарх мезанад. Ҳамеша.

*__Ифтихори зан.__*

Занро ҳамин ифтихор бас аст, ки одам меофаринад.

Агар офаридааш дар сафи одамон ҷо бигирад, ифтихораш комил хоҳад буд.

Монанди худовандони *Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Бӯалӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз ...*

*__Модари меҳрубон ва модари сахтгир.__*

Аз домани модар гирифтиву роҳ рафтан омӯхтӣ.

Роҳ рафтан ҳалолат бод!

Аз домани зиндагӣ гирифтиву парвоз кардан омӯхтӣ.

Парвозатро ҳазор аҳсан!

Роҳ рафтанат боиси шодмонии модар аст. Ҳарчанд нафъ бар худат дорад.

Парвоз боиси саодати зиндагӣ аст. Ҳарчанд нафъ бар дигарон дорад...

Модар меҳрубон асту нозатро мебардорад. Бурдборона роҳ рафтанат омӯхт.

Модари зиндагӣ сахтгир асту нозатро намебардорад. Метавонад аз авҷи осмон ба қаъри замин занадат.

Бурдбории модар аз он аст, ки ту ҳанӯз кӯдакӣ ва ақлу зӯр надорӣ.

Сахтгирии модари зиндагӣ аз ин аст, ки ту акнун бузургӣ ва ақлу зӯр дорӣ.

*Ҳезуму гӯгирд.*

Агар мард ҳезум аст, зан гӯгирд мебошад.

Агар аз ин ҳар ду яке набошад, оташ эҷод мешавад?

*Хому пухта.*

Агар мард масолеҳ аст, зан оташ мебошад.

Агар оташ набошад, хом пухта мешавад?

*Риштаву сӯзан.*

Зану мардро "риштаву сӯзан" метавон гуфт.

Бидуни яке чоки зиндагӣ кай дӯхта шавад?

*Коғазу қалам.*

Зану мардро "коғазу қалам" гуфтаанд.

Агар яке набошад ва ё бо ҳам набошанд, сафҳаи зиндагӣ холӣ монад.

*Фосилае ва умре.*

Замоне ки хушдори ҳамдигар мешаванд, ҳамдигарро аз ишорае мефаҳманд.

Вақте издивоҷ мекунанд, ҳамдигарро бо кундӣ мефаҳманд.

То поёни умр.

*Дарёи нерӯи зан.*

Бузургони дунё ба бузургии зан тан додаанд.

Ва аммо на ҳамаи мардон инро медонанду ба гардан мегиранд.

Ҳатто худи занҳо намедонанд, ки кистанд. Агар медонистанд, кулли мушкилоти дунё фаврӣ ҳал мешуд.

Мардоне будаанду ҳастанд, ки дар ҳасрати қатрае аз нерӯи дарёи зан сӯхтаанд.

Марди муҷарради девона бисёр будааст. Ва аммо зани муҷарради девона кӣ дида?

Мардоне будаанду ҳастанд, ки ҳастии хеш дар ин дарё ғарқ кардаанду армони соҳил бо худ бурдаанд.

Касоне ҳам дар замонҳо пайдо шудаанд, ки мазрааи орзу аз ин дарё шодоб кардаанд. Хуштолеътарин одамон ҳаминҳоанд...

Дарёи неруи занро намешавад яклухт "ободкунанда" номид ва ё "харобкунанда" донист.

Зан дарёи неруи худ҈о сӯи мазрааи касе аз меҳр равона карда бошад, шодоб кардааст, аз кина равон карда бошад, сӯхтааст.

Зан дарёи неруи худро барои тарбияти фарзанд дониста сарф карда бошад, фарзандаш бузург шудааст; надониста сарф карда бошад, нокас шудааст.

*Гувоҳи фарҳанг.*

Нишондиҳандаи фарҳанги хонадон ин аст, ки ба тарбияти шоистаи духтар чӣ андоза эътибор медиҳанд.

*Омили саодату бақо.*

Агар дасти зан бо меҳр хӯрок мепазад, бо муҳаббат пӯшок медӯзад, бо садоқат навозиш мекунад – пас ҷомеа ҳам сер асту ҳам пӯшида асту ҳам боланда.

*Одаму ҳадаф.*

Агар одам тир бошад, волидон камонкашанду ҷомеа – нишона.

Агар волидон ҳадафро рӯшан набинанду камон дуруст кашида натавонанд, ҷомеа табъи дил нахоҳад буд.

*Лутфу пастӣ.*

Лутфу навозиши зан пастӣ асту мард – об.

Об ба пастӣ меравад.

*Покиву дуруштӣ.*

Зани хона таҷриба надорад, забони навозишро чандон хуб намедонад.

Зани кӯча, ки таҷриба дорад, дар "меҳрубонӣ" устухон надорад.

*Зану дунё.*

Зане, ки кӯдак дар доман дорад, гӯё дунёро дар бағал дорад.

Пас ободиву харобии дунё дар дасти ҳамин зан аст.

*Қотил ва ёди модар.*

Агар қотил модари худро аз ёд намебурд ва ӯро гирён пеши назар оварда метавонист, даст ба ҷони касе барнамедошт.

*Ҳазору ду.*

Ҳазор мард дар хонае бихуспиду ду зан дар ҳавлие нагунҷид.

*Рӯй ва даҳон.*

Марде, ки дасти зананда дорад, пой ба рӯи кӯдаконаш мегузорад.

Зане, ки аз гиребони шавҳараш мегирад, ба даҳани фарзандаш (пӯзиш) мемезад.

*Дасти зананда.*

Агар мард дасти зананда дораду зан дасти гиребонгир, айб аз зан асту модари зан асту модари шавҳар.

*Гӯгирд.*

Зан гӯгирдест, ки метавонад чароғро рӯшан кунад ва ё хонаро хокистар.

Ин гӯгирдро волидони зан месозанд, ҷомеа обутоб медиҳаду шавҳар ба даст мегирад.

*Заҳру позаҳр.*

Зан метавонад барои ҷомеаву шавҳар заҳр бошад, ё позаҳр.

Ва аммо ин вобастаи волидону муҳит асту ҳамсар.

*Маъҷуни лутф.*

Лутфи зан чунон маъҷуне аст, ки агар барои ҳамсару фарзандон сарф шавад, ҳамеша сарсабз нигоҳ медорад.

Вале агар ғайр ҳам истифода кунад, он дуро месӯзонад.

*Ҳусну нерӯ.*

Ҳуснро ба зан додаанд, то ҳастиро зебо кунад.

Нерӯро ба мард додаанд, то ҳастиро обод кунад.

Агар ҳусну нерӯ баҳам оянд, қирони саъди хонавода асту ҷомеа. Олам гулистон аст. Ва аммо агар зан зӯрӣ кардан хоҳаду мард зебоӣ, олам хористон хоҳад шуд.

*Суккони хонадон.*

Чаро ҳангоми издивоҷ одатан мекӯшанд, ки домод аз арӯс калонсолтар бошад?

Барои он ки зан зудтар пир мешавад?

На.

Барои он ки мард бояд таҷрибадортар бошад. Чаро ки сукконро ба дасти одами бетаҷриба намедиҳанд.

*Не нишоне, не нишона.*

Устод мегуфт: Аз марди муҷаррад нишон напурсед.

*Хонаи марди муҷаррад.*

Хонаи марди муҷаррад ҳам сард асту ҳам торик. Беҳуда намегӯянд, ки нонаш савоб надорад.

*Чароғ ва чароғдор.*

Занро "чароғ" гуфтаанд. "Чароғи хонадон". Хеле пурмаънӣ гуфтаанд.

Бе чароғ хона рӯшан мешавад? На. Дар шаби торик бе чароғ роҳ рафта мешавад? На.

Аммо чароғ бе чароғдор чароғ аст?

На.

Чароғ ба чароғдор ниёз дорад, то даргиронад, дар ҷои амн гузорад ва аз боду газанд нигаҳ дорад.

Пас, хонаро зану шавҳар бо ҳам рӯшан мекунанд.

*Ду нафар...*

Ду нафар дар роҳ...

Яке ним қадам пеш, дигарӣ аз ақиб.

Яке як мушт устухон, дигарӣ чанори равон.

Ҳар ду сархам. Яке аз бори умр, дигарӣ аз шаҳомати ҳамсафар.

Ҳар ду бар дил сипосгузор бар худованди бузург: яке барои он ки ин чанори равон эҷоди ӯст, дигарӣ аз ин ки дар сояи мурғи давлати худовандаш басар мебарад...

Он ки пешопеш мерафт, модар буд; он ки аз дунболи ӯст, писар аст.

*Се нафар.*

Се нафар дар роҳ...

Ду бар по, яке бар даст.

Ду хандону яке гирён.

Яке шодон аз ин аст, ки по аз лаби гӯр кашида ва одаме сохтаасту ӯро ба хона мебарад.

Дигарӣ шодон аз ин аст, ки худованд номбардораш додааст.

Он яке гирён аз ин аст, ки аз олами роҳат берун оварда ба олами ғавғо андохтандааш.

*Ҳовян.*

Мардро дар хонааш шикаста бошанд, майда – майда карданаш дар берун душворӣ надорад.

*Нимшикаста.*

Вақте мардро муҳиташ, яъне зану фарзандону наздикони дигараш эҳтиром нагузоранд, дигарон низ ҳурмат намекунанд.

Танро пероҳани худ гарм мекунад, на пероҳани дигарон.

*Гарданбанд.*

Занро гарданбанд гуфтаанд.

Ин монандӣ ҳарчанд норасост, аммо ба чанд маънӣ дуруст мебошад, чунончи:

-- Гулӯву гардани худро аз боду сармо нигоҳ медорӣ;

-- Дар зарурат ҷойнамоз аст;

-- Ба гардани каси дигар намедиҳӣ; агар додӣ, бозпас намегирӣ;

-- Поймолаш кунӣ ва ё кунанд, сару рӯят касиф мешавад;

-- Ба ҷои пойтоба печонӣ ва ё чун дастмол истифода кунӣ, вазифаи аслии худро аз даст медиҳад;

-- Дар ҷои носанҷида гузорӣ, аз даст медиҳӣ;
-- Ба сар печонӣ, хандасор мешавӣ...

*Марворид.*

Агар зан марворид аст, мард садафи ӯст.

*Ҳиҷоб.*

Дар Теҳрон чашмам ба шиоре афтод: агар бадҳиҷоб тамаддун аст, пас ҳайвонот мутамаддинтаранд.

Дуруст гуфтаанд.

Ҳатто дарахти беҷон мекӯшаду солҳо умри худро сарф мекунад, то шармгоҳашро, ки аз табари инсон ёфтааст, бипӯшад.

*Сӯрох дар кӯлвор.*

Зан ки ҳамеша зан аст.
Ва оё мард низ ҳамеша мард аст?

*Имтиёз.*

Мардро миёни занҳо зиёд дидаанд.
Ва аммо миёни мардҳо низ номард кам нест.

*Ситоиш ва накӯҳиш.*

Агар дар бораи зане сифати "мард"-ро ба кор бибаранд, ин ситоиши ӯст.

Чаро ки рисолати худро аъло анҷом додааст.

Чи беҳтар ки чунин занҳо бештар будӣ.

Ва аммо мардро "зан" гӯянд, ин накӯҳиши вай аст.

Чи хуш, агар ин навъ мардон кам бошанд.

*Ҳаё.*

Ҷилваи беҷои зан хамёзаест, ки беихтиёр сироят мекунад.

*Хонаи зулм.*

Аз касе бояд тарсид, ки дилаш аз хандаи кӯдак мулоим нашаваду аз гиряаш ба танг наояд.

*Мушки ноб.*

Бӯи гули санҷидро беҳтарин гуфтаанд.

Шояд.

Ва аммо бӯи навзод аз он гуворотар аст.

*Покӣ.*

Кӯдаку барф дар покиву дилкашӣ ҳамтаборанд.

Оё бузургсолеро дидаӣ, ки монанди кӯдаку навҷавон бо шавқи тамом то поёни мадор барфбозӣ карда бошад?

*Чароғи ҳусн.*

Партави ҳусн аз даричаи чашм ворид мешавад ва дарунро рӯшан мекунаду танро гарм.

Дуди қубҳ аз тангии чашму бинӣ ворид мешаваду мағзро месӯзаду танро афсурда мекунад.

*Ҷойнишин.*

Ҳангоме калони хонавода меравад, бори калонӣ ба дӯши ҷойнишини вай меафтад.

Намебинӣ, чун офтоб дар пушти кӯҳи офтобшин пинҳон мешавад, шираи ормонҳои ношукуфтаи вай дар шакли шафақи ҷигарӣ бар рӯи теғаҳои кӯҳи офтоббаро гул мекунад.

*Ҳалқаҳои занҷир.*

Падарам (худо раҳмат кунад) дар поёни панҷ вақт намоз ҳамеша дуои тану ҷони азизонашонро мекарданд. Аз худованд умри дарозу рӯи сурх мехостанд.

Аммо фарзандон хабар надоштанд.

Имрӯз дар поёни панҷ вақт намоз ҳамон корро фарзандон такрор мекунанд.

Аммо азизон хабар надоранд.

Ва донистанашон муҳим ҳам нест.

Муҳим он аст, ки тану ҷонашон сиҳат, умрашон дарозу рангу рӯяшон ҳамеша сурх бошад.

*Хӯ.*

Марде занеро азият мекард. Ҳатто мезад.

Аз қазо бистарӣ шуд.

Зан сояи вайро ҷунбон дид.

Ва ба фиғон даромад:
-- Худоё, сояашро аз сари бачаҳоям кам макун!

*Тухми оянда.*

Ҳама чизе, ки аён ё ноаён меҷунбаду мерасад, тухм дорад.

Аз ҷумла оянда ҳам.

Тухми оянда дар мушти занон аст.

*Ғазали бепоён.*

Ҳар касе ҳам ба Муҳаммади Ҳиҷозӣ ҳасад мебарад, ки ин сухани нағзро гуфтааст:

"Зан агар шоир бошад, худ ғазалест, ки поён надорад".

*"Забонат ширин..."*

Ба занон ин қадар "забонат ширин, забонат ширин" гуфтаанд, ки забонашон дароз шуду гӯшашон пур гашт.

Ба андозае, ки мегӯянду мегӯянд, аммо намешунаванд.

*Пеши рӯй ва пушти рӯй.*

Ҷомеае, ки сарнавишташ гул карданӣ аст, фарзанд аз падару модар пештар мераваду шогирд аз устод.

Ҷомеае, ки гулаш пажмурданӣ аст, фарзанд раъйи падару модарро бар замин мезанаду шогирд аз гиребони устод мегирад.

*Домоду арӯс.*

Агар домоди зимистон дастори сафед бошаҳоматтар набандад, арӯси баҳор гулпӯштар нахоҳад шуд, бонуи тобистон борварии шоиста нахоҳад дошт, модарбузурги пойиз низ чандон сурхрӯй нахоҳад буд.

## *Бахши дуввум:*

# ИНСОНУ ФАРҲАНГ

*Сиккаи ҳунар.*

Пӯшида нест, ки сиккаи ҳунар дурӯя мебошад: яке -- ҳунарманд *чӣ гуфтааст?* Ва дигарӣ -- *чигуна гуфтааст?*

Дар замони ҳафтодсолаи Шӯравӣ рӯи дуввуми ин сикка поймол буд; ва рӯи якумаш ҳам хати сурх дошт: танҳо ва танҳо манофеи Ҳизби Камунист, Давлати Шӯравӣ, Ҷомеаи Сотсиалистӣ... бояд гуфта мешуд.

Иллат ҳамин аст, ки шеъри замони Шӯравӣ чизи монданиву хонданӣ хеле кам дорад. Ҳам аз нигоҳи дарунмоя, ҳам аз арзиши ҳунарӣ.

Аз поёни солҳои шастуми мелодӣ гурӯҳе аз аҳли қалами тоҷик дар Афғонистон ифои вазифа менамуданд -- миёни мутахассисони Шӯравӣ, ки ҳама рус ё русизабон буданд, ва коргарони афғонистонӣ тарҷумонӣ мекарданд.

Ин тарҷумонҳо имкон ёфтанд, то бо шеъри муосири шоирони афғонистонӣ ва эронӣ худ ошно шаванд. Шеъре, ки ба хоки Шӯравӣ роҳ намеёфт, агар ҳам роҳ меёфт, хонданаш қадаған буд.

Чанде аз ин тарҷумонҳо аз ҳузури хеш дар Афғонистон ба ваҷҳе аҳсан истифода карданд; чунончи аз мактаби адибони машрутахоҳи эронӣ сабақе ғоибона гирифтанд. Ва устод *Бозор Собир,* ки аз ҷумлаи фаъолтарини ҳаминҳо буд, пас аз бозгашт ба Тоҷикистон, мактаби адабии худро эҷод кард -- мактабе, ки ҳамон ду талаби усулии ҳунариро меъёри худ қарор додааст: шеър ҳунарӣ бояд ва шоир дардҳои ҷомеаро гӯяд.

Гуфтани дардҳо чандон душвор набуд, чаро ки фарогир ва диёр буданд. Ва аммо офаридани шеъри ҳунарӣ корест хеле ва хеле душвор, чунки он танҳо дар чаҳордевори тан, дар кӯраи андешаи гӯянда гудохта мешавад ва аз хуни ҷигараш обу тоб меёбад; ҳеҷ имдодгар наметавонад ба додаш бирасад.

Иллат ҳамин аст, ки имрӯз шоирони тоҷик дар мавзӯъ ва мӯҳтаво бештар муваффақ ҳастанд, то дар шеваи ҳунарӣ.

Бояд тан дод, ки сурудаҳои шоирони мо пеши осори суханварони эронӣ ва афғонистонӣ шогирдона менамояд.

Аз сӯи дигар, набояд фаромӯш кард, ки барои шоирони ҳунарманди тоҷик чизи муҳимтар аз гавҳари шеър пеш омад. Ва он *сӯхтани Тоҷикистон ва зери суол рафтани ҳастии он* аст. Ҳангоме хона месӯзад, аз паи ҷон мешаванд? Ва ё зару гавҳар?

Агар ҷони тоҷикон, яъне Тоҷикистон, зинда монд, оростанаш бо зару зевар, аз ҷумла гавҳари шеър, бо кӯмаки худовандӣ ва ҳамёрии бародарони эрониву афғонистонӣ, чандон душвор нахоҳад буд.

*Устод.*

Устоде, ки гуноҳи шогирдашро намебахшад, устод нест.

Устоде, ки "як ҳунараш"-ро барои "рӯзи мабодо" аз шогирдаш ниҳон медорад, устоди асил нест.

*Реша ва бар.*

Дарахти фарҳанг, ҳарчанд реша дар русто дорад, бар дар шаҳр медиҳад.

*Умр.*

Умр -- фосилаест, аз лаҳзаи берун омадан аз шиками Модар то лаҳзаи дарун рафтан ба ишками Модарбузург.

*Шоиру миллат.*

Касе, ки вазну қофияро медонаду дар заминаи саноеи бадей маънӣ сохта метавонад, шоир аст.

Шоире, ки дар гуфтани сухани мавзуну маънидор малакаву маҳорат дорад, шоири ҳунарманд аст.

Шоири ҳунарманде, ки дар заминаи дарди миллат, бо ҳадафи роҳнамоӣ ба рӯзи беҳтар шеър месарояд, Шоири Миллат аст.

*Аз тарси он гурбаҳӯ.*

Золимеро мешинохт, ки ҳатто ба фарзандони худ раҳм намекард.

Хост вайро ба тасвир кашаду шарманда кунад.

Коғазу қалам гирифт ва унвон баровард:

-- "Гурбахӯ".

Ба андеша рафт:

"Мабодо, худро шиносаду рӯзамро сиёҳ кунад..."

Унвонро хат зад, аз нав навишт:

-- "Гурбарӯ".

*Меҳри сӯзон.*

Шоир Саъдулло Амин дар Донишгоҳ мехонд.

Рӯзе гуфт:

-- Девони Ҳилолиро сӯзондам.

-- Чаро?

-- Чунки саропо азёд кардаам. Агар китобро дошта бошам, аз коҳилӣ фаромӯш карданам мумкин. Вале агар китобро надошта бошам, ҳар гоҳ такрор мекунаму дар ёд нигоҳ медорам; мехоҳам Ҳилолӣ бо ман набошад, дар ман бошад, барои ҳамеша.

*Худодода.*

Парии Илҳом, монанди париёни дигар, балки бештар аз онон, ба душворӣ ром мешавад.

Дар ибтидо соатҳову рӯзҳо, ҳатто ҳафтаҳову моҳҳоро қурбон мекунӣ, нерӯи фаровонро нисораш менамоӣ.

Аммо вай нимнигоҳ ҳам намекунад.

Бисёриҳо дар ҳамин ҳол ҳамдигарро раҳо менамоянд. Аз рӯи гуфтаи: "Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре!".

Агар худованд бурдборӣ арзонӣ дорад (аз ҳазорон, балки миллионҳо якеро сарфароз менамояд) ва ранҷи фаровонро бардошта тавонӣ, ба нозу истиғнои Парӣ тоб оварӣ, вай ёри ту хоҳад шуд, ёри вафодору ғамгусори ту хоҳад шуд. Ҳамеша, ҳама ҷо ва дар ҳама ҳол ба як ёде ва имое фаврӣ ҳозир мешавад. Чун дар андеша ба суроғаш рафтӣ, ба парвоз меояд, рӯёрӯят менишинад, бо партави ҷонофарин ва хандаи ширин ҳастиатро ғарқ ба дарёи эҳсоси гарм мекунад; туро аз ҳама медуздад, ҳатто дар ҳузури ҳама. Танҳо ва танҳо бо худаш машғул медорад.

Агар коғазу қалам дорӣ, агар аз баҳри ҳамаву ҳама мегузарӣ, агар худро батамом ва батамом бар вай мебахшӣ ва танҳо ва танҳо домани вайро медорӣ, вай азони туст, вай ёри вафодори туст; вай камарбаста дар хидмати туст. Ва ту аз вай ком хоҳӣ бардошт.

Ва аммо агар коҳилӣ кардӣ, хотири касе ё чизеро дидӣ, дигареро бартар доштӣ ва дидорро пас андохтӣ, сафову садоқат, хайру баракат аз вай чашм мадор; вай ҳастиашро бар ту намебахшад, комат намедиҳад. Ин Парӣ ҳеҷ булҳавасро ҳанӯз набахшидааст. Ва туро ҳам нахоҳад бахшид.

Ин Парӣ аз ҳазорон, шояд миллионҳо якеро хушбахт ва хушком кардааст.

Танҳо ошиқи ранҷу дардро.

Худододаро.

*Парии Илҳому умри абад.*

Парии Илҳом ҳар касеро дӯст доштааст, шодкому хушном карда ва умри абадаш бахшидааст.

Аммо муҳаббати оташини Парии Илҳом ба ситораи касу ҷойгоҳи вай вобаста нест, балки ба садоқати вай бар Парӣ, бардошта тавонистани нозу нузу ранҷу машаққатҳои вай бастагӣ дорад.

*Лев Толстой,* бинобар вафои комил бар Парии Илҳом, аз ҳамаву ҳама даст кашид, аз рӯи тобу рағбати комил бар машаққатҳои Парӣ китоби бузургҳаҷмашро даҳҳо бор хонд, чаҳордаҳ бор рӯйнавис кард; корро ба ҷое расонд, ки матни беш аз ҳазор сафҳаро аз бар медонист.

Агар шодравон устод *Раҳим Ҷалил* низ ба Парӣ содиқ мебуданд, итобҳои вайро таҳаммул мекарданд ва "Шӯроб"-ро ду-се бор мехонданд, дар китоби севвум Арслоналӣ ва Даряро бо Давлату Ҳидоят иштибоҳ намекарданд.

*Қаҳри Парӣ.*

Дӯстам Нозирҷон Арабзода мегуфт:

-- Боре бо ром кардани Парии Илҳом машғул будам, ки хонумам кӯдакро ба бағалам андохту коҳиш ҳам кард:

-- Бекор ҳам нишастаед, на мехонед, на менависед...

Дӯстам ба ҳасрати худ идома дод:

-- Ман девона шудам. Лайлои ман гурехту рафт. Ҳарчанд дубора ҷон кандам, фоидае надошт. Вай илтифот накард.

*Издивоҷи ғайриоддӣ.*

Бузургони илму ҳунар издивоҷҳои ғайриоддиву пинҳонӣ ҳам доранд.

Издивоҷе, ки ягон кас аз он огоҳ нест.

Ҳатто ҳамсари бадрашк ҳам.

Издивоҷ бо Парӣ.

Парии Илҳом...

Осори безаволи ҷаҳонӣ -- ҳамчун "Шоҳнома" -- шоҳи номаҳо, "Хамса", "Донишнома", Маснавии маънавӣ, "Ҷангу сулҳ" ... зодаи чунин издивоҷҳо мебошанд.

*Пирхона.*

Он ҷо, ки кори доимиро анҷом медиҳанд, "коргоҳ" мегӯянд.

"Корхона" ҳам мегӯянд.

"Дӯкон" низ меноманд.

Вале дар забони хушзавқҳо "пирхона" меояд.

Он ҷоро хеле поку муқаддас медоранд.

Он ҷо дурӯғ намегӯянд, бо андешаву шуғли бад машғул намешаванд, ҳатто ҷона намезананд, ҳарчи харидор диҳад, бо хушнудӣ "баракат ёбед!" мегӯянд.

Ҷаро ки он ҷо *кор* анҷом мешавад. Коре ки ба дарде мехӯрад.

Ҷаро ки нишемангоҳи Парии Илҳом аст ин ҷо. Ҳамин Парӣ, ки ҳузурашро чашми оддӣ намебинад.

Беҳуда ин ҷоро "пирхона" намегӯянд.

Ҷои савганд аст пирхона.

Ҳар касе пирхонаро гиромӣ доштааст, баракат дидааст.

*Коғаз.*

Мардуми мо коғазро муқаддас медорад.

Монанди нону намак.

Дар ёд ҳаст, ки бузургвор ҳар гуна коғазпораро -- хоҳ аз китобу рӯзнома, хоҳ аз дафтару печиданӣ, хоҳ навишта дошта бошаду хоҳ не -- аз замин мебардоштанду меафшонданд, бехи девор ё дарахт мегузоштанд, ба об е оташ меандохтанд.

Ва мегуфтанд:

-- Коғаз сафедӣ аст, дар вай китоб менависанд. Касе китобу коғазро хор мекунад, хор мешавад.

*Луқмаи пок.*

Ин луқма, ки ба даст меояду бо азизон сарф мешавад, чун шири модар ҳалол асту роҳатбахш.

Ба ин маънӣ, идомаи падарам ҳастам. Он кас то поёни умр аз белу замин нон ба даст овардаанд.

Қаламам белу коғазам сафҳаи замин аст.

*Шоиру нафс.*

Шоирон ду тоифаанд: яке шоир барои худу дигаре барои миллат. Яке барои обрӯ ва нон ёфтану зиндагии зану фарзандонро таъмин намудан шеър менависанд, дигаре барои мардум, ҷиҳати дармон шеър месароянд.

Азбаски нафс ом аст, тоифаи нахуст ҳамеша ва дар ҳама ҷо ҳастанду бисёранд; ва аммо шикастанафсӣ, ки хос аст, тоифаи дуввум ҳамеша ва ҳама ҷо ангуштшуморанд.

*Фарзанди беном...*

Шеър, агар фарзанди шоир аст, чаро гоҳе ном надорад? Санаи таваллудаш маълум нест?..

*Гаранг.*

Шоирон ҳама гаранг нестанд.

Ба ҳар ҳол, дар сафар бохабар бошед.

*Тавоноӣ.*

Фасли гулшукуфт -- баҳорон аст.

Вале инсон тавониста, ки ҳар чаҳор фасл гул дар канораш бошад.

*Ҳофиза.*

Ягон-ягон касоне ҳастанд, монанди шодравон Нодир, устод Бозор, устод Лоиқ, Низом Қосим, устод Кадканӣ ... ки ҳофизаи қавӣ доранду исту бисташон шеър аст.

Ҳофизаи эшон ҳамеша баҳор асту чун замини фарбеҳу корам ҳеҷ донаеро талаф намекунад.

Ва аммо аксар (камина низ дар ҳамин гурӯҳ) ҳузури зеҳне надоранд; ҳофизаи эшон монанди шӯрхоке аст, ки аз ҳазорон дона якеро сабзонад ҳам, то ба ҳосил намерасонад.

*Ду ва се.*

Аҳли заҳмат се тоифаанд:

Яке – харбузаву каду меръёнаду арза мекунад, дигарӣ -- боғдорӣ мекунаду меваи тару хушк пеш мениҳад, севвумӣ -- гул мепарвараду атру гулоб дуруст мекунад...

Аҳли қалам низ се гурӯҳанд:

Яке суханро бо хасу хошокаш пеш мениҳад, дигарӣ -- андаке заҳмат мекашаду аз хасу об мекоҳад, севвумӣ -- арақшор ҷон меканаду суханро ба қиём мерасонад.

*Фарҳанг.*

Фарҳанг мушак нест.

Тӯпу норинҷак ҳам нест.

Мусалсал, ҳатто камони оддӣ ҳам нест...

Фарҳанг шамшер аст.

Шамшере ҳамеша охта (бараҳна ва кашида).

Шамшере ҳамеша бурранда.

Шамшере ҳаргиз зангназананда.

Шамшере, ки аз оби замон обдортар шаваду бурротар.

Шамшере, ки душманиро мекушаду вайро ба дӯст табдил медиҳад.

*Фарҳангӣ.*

Фарҳангӣ шамшердор аст.

Шамшердоре, ки шамшераш ҳамеша ҷавлон мезанад.

Шамшердоре, ки ҳаргиз хато намекунад.

Ва аммо шамшераш оддӣ нест.

Балки аз доду ростиву рӯшноӣ сохта шудааст.

Шамшере, ки бедодиву норостиву торикиро беамон сар мезанад...

Дасти чунин шамшердор дард накунад!

*Фарҳанг ва фарҳангиён.*

Фарҳанг ҳамон гавҳари нӯш аст, ки зарра-зарра дар гули зиндагӣ ниҳон аст.

Фарҳангиён ҳамон занбӯри асаланд, ки он зарраҳоро гирд меоваранду нӯши зиндагӣ месозанд.

*Масъулияту фарҳанг.*

Тақрибан ҳама ҳуқуқи худро нағз медонанд, аксар онро бекаму кост талаб ҳам мекунанд.

Ва аммо вазифа ва масъулияти худро на ҳама медонанд. Агар ҳам медонанд, худро ба нодонӣ мезананд. Барои шинохтани масъулият ва ба гардан гирифтани вазифа фарҳанг зарур аст.

*Шаҳрӣ ва деҳотӣ.*

Дари шаҳрӣ ба дарун боз мешавад, деҳотӣ -- ба берун.

*Шаҳрӣ ва деҳотии дигар.*

Андозаи муносибатҳои деҳотӣ одамигарӣ аст.

Ва аммо шаҳрӣ -- манофеъ, чи хусусӣ ва чи умумӣ.

*Нони фарҳанг.*

Фарҳанг хушном ҳасту хушнон нест.

Ин нон калон нест. Кулча аст.

Рӯғанӣ ҳам нест. Қоқфатир аст.

Кунҷиту хашхош ҳам надорад. Мост ҳам намолидаанд. Ва аммо муштхӯрда аст. Хушмазаву хушҳазм аст. Барои онҳое, ки мазаро эҳсос мекунанд.

Ин нонро худованд ба хушбардоштҳо мебахшад.

Ба дӯстдоштаҳояш.

Ба гуфтаи ҳаким *Носири Хусрави Қубодиёнӣ:*

Ҳеҷ касро ба бахт фахре нест,
З-он ки ӯ ҷуфт нест бо фарҳанг.

*Яке хушном, яке хушнон.*

Дар тангнои бозори фарҳанг ду танро нағз мешиносам.

Яке ҳамаи ҳастии хешро ба кори чопу нашр бахшида. Ҳафтае мехонаду мавод гирд меоварад ва қалам меронаду миёни идораву чопхона тор метанад, аз пой меафтад; ва се ҳафтаи дигарро дар беморхона месипарад. Ва чун ба пой хест, боз... ҳама аз нав такрор меёбад.

То ин ки дар чанд моҳ китобе дармеоварaду дар хидмати ташнагон мегузорад. Вай чизе барои худ нигоҳ надоштааст: на хоби дуруст, на хӯроки кофӣ, на тани солим... Ҳатто манзилаш дар таҳхона. Бо вуҷуди он ки ба саломатиаш созгор нест.

Вай китобхонаашро аз даст додааст...

Дигаре понздаҳ-бист миллион бар ивази ваъдаҳо, аз давлат рӯёнд, понздаҳ-бист ҷавони донишҷӯ киро карду дар чанд сол китоби нимахомеро даровард, бо номи баланди “Донишнома”.

Ин, ҳарчи дилаш мехост, пайдо кард: китобхонаи ғанӣ, мошин, вилла...

Имрӯз аз он ду тан яке хушнон асту дигаре хушном. Дар тангнои бозори фарҳанг.

Дар ҳамин тангнои бозори фарҳанг ин садо ҳам ба гӯш мерасад:

-- Инро нафс хар кардаасту он нафсро асп

*Фарҳангу айш.*

Айш лаҳзаӣ мебошаду гузаранда.

Ва аммо фарҳанг – монданиву ҳамешагӣ.

Айш фонусест, ки пеши роҳи як ё чанд нафарро рӯшан мекунаду бас.

Ва аммо фарҳанг...

Фарҳанг машъалест, ки то дуро-дуриҳо ва дерҳо мерасад, шоҳроҳи ҳазорон, балки миллионҳоро нишон медиҳад.

Аз айш аксар талхиву торикӣ мемонад.

Ва аммо аз фарҳанг ҳамеша гуворой ва рӯшноӣ.

*Гавҳари бозу.*

Ҳангоми ташхиси инсон аз махлуқи дупо, фарҳанг – гавҳарест дар бозу.

*Тафовути инсон.*

Фарҳанг – ҳамон фосилаест, ки инсон миёни худ ва ҳайвони дигар эҷод кардааст.

Пас, фосила ҳар чи бештар, фарҳанг болотар. Ва ё: ҳарчи фарҳанг болотар, фосила бештар.

*Хасак.*

Боғбонро пурсиданд:

-- Чаро ниҳол аз решаи дарахти пайвандӣ хасак мешавад?

Гуфт:

-- Магар фарзанди фарзона ҳатман фарзона мешавад?

Худ посух дод:

-- Намешавад. Барои он ки фарзона шавад, бояд ки аз роҳи падар бираваду камоли ӯро касб кунад, идома диҳад.

Боз гуфт:

-- Барои хасак нашудан, дар ҳама ҳол, бояд пайванд хӯрад, бо беҳтару бузургтар аз худ.

*Ваҷҳи хеле муҳими иштирок.*

Тангдастӣ азияташ мекард.

Аммо худро хушнуд вомеиамуд:

-- Бузургон ҳамеша ва ҳама ҷо азият дидаанд...

*Дар мактаби зиндагӣ.*

Бештари одамон "алиф"-и дигаронро такрор мекунанд.

Танҳо чанде "алиф" худро ба забон меоварад.

Ягон-ягон худододаҳо низ пайдо мешаванд, ки "алиф"-и ҳамагонро бигӯянд.

*Илму ҷаҳл.*

Илм бо сабру шикебоӣ хӯ дорад.

Ҷаҳл -- бо тундиву ношикебоӣ.

Дар ноҳинҷорӣ қатра агар пеши ҷоҳил дарёст, пеши оқил дарё қатра аст.

Дар ҳинҷор дарё агар пеши ҷоҳил қатра аст, пеши оқил қатра дарёст.

*Ду рӯи оқил ва ҷоҳил.*

Ҷоҳил барои худ мезияд. Ҳатто агар олам хористон шавад.

Оқил барои дигарон мезияд. Ҳатто агар олам гулистон бошад.

*Суханҷаллоб.*

Соҳибсуханон ду тоифаанд: яке суханофарин, дигаре суханфурӯш.

Шараф якумӣ дорад, на дуввумӣ.

На ҳар ангурфурӯш боғбон аст.

*Донову сухандон.*

Доно дигар асту сухандон дигар.

Доно сухандон мешавад.
Ва аммо на ҳар сухандон доност.
Иродат ба доно бояд, на ба сухандон.

*Забон.*

Чун одаме калимаҳоро омехтаву хоида сухан мекунад, пеши чашм касе меояд, ки меваи ношустаро мехӯрад.

Чун одаме дар сухани худ вожаҳои забони бегонаро беҷо ба кор мебарад, пеши чашм касе меояд, ки меваҳои гуногунмизоҷи зидди ҳамдигарро хоколуду ношуста мехӯрад.

Шигифтӣ дар ин аст, ки вайро бало намезанад, аммо дигарон шикамдард мешаванд.

*Сагро мегазанд?*

Агар ду тан -- хоҳ марду хоҳ зан, хоҳ хурду хоҳ калон - - ҷанг карданду ҷангашон то дилсиёҳӣ кашид, ҳар ду хостаанд бо ҳамдигар баробар шаванд.

Дар ҳоле, ки яке дар ақлу фаросат, ё синну сол бузургтар буд.

Агар бузург бузургии худро донаду бузургӣ кунад, бо пасттар аз худ баробар намешавад ва кор ба дилсиёҳӣ намекашад. Кадом саггазида сагро газидааст?

*Саггазида.*

Одами бад монанди сагест хобида дар рӯи раҳ.

Одами нағз аз болои он намегузарад, аз канораш давр мезанад.

*Намад.*

Одаме, ки аз бад ҳазар намекунад, худ аз бадӣ хабаре дорад.

*Сигоркашу носкаш ва...*

Вақте сигоркаш дар ҳузури ҷамъ сигор дуд мекунад, носкаше пеши чашм меояд, ки дар ҳузури ҷамъ нос туф мекунад.

Вақте носкаш дар ҳузури ҷамъе нос туф мекунад, беадабе пеши чашм меояд, ки аз телевизион сӯҳбат дораду по рӯи по гузоштааст.

Вақте носкаш нос дар даҳон сӯҳбат мекунад, пеши чашм ҳамон гӯянда меояд, ки по болои по сухан мегӯяду сӯи бинанда дуд ҳам пуф мекунад.

*Аждаҳо.*

Мегӯянд, ки императории Иттиҳоди Шӯравиро Омрико аз миён бурд.

Мегӯянд, ки мансабталошон фурӯхтанд...

Ин тавр нест.

Иттиҳоди Шӯравиро *нафс* хӯрд.

Агар маркази импературӣ нафси худро *андаке меғундошт* ва ҳаққу ҳуқуқи қавму халқҳои қаламрави хешро як андоза риоят мекард, Иттиҳоди Шӯравӣ боқӣ мемонд.

Агар камунистҳо нафси худро каме меғундоштанд ва ҳама гуна ҷоҳу ҷалол, молу манол, ҷавоизу имтиёзро танҳо ба худ ихтисос намедоданд ва худро ба *синфи имтиёзноки ҷомеа* табдил намекарданд ва хештанхоҳиву маҳалгароиро ба авҷи аъло намерасонданд, Иттиҳоди Шӯравӣ боқӣ мемонд.

Иттиҳоди Шӯравиро нафс фурӯ бурд.

Иттиҳоди Шӯравӣ чӣ?

Нафс кӯҳи Қофро фурӯ мебарад.

Кӯҳи Қоф чӣ?

Нафс балоро зинда ба зинда фурӯ мебарад.

*Санги нафс.*

Нафс мисдоқи санги тарозуст. Ва аммо баръакс.

Яъне ки санги нафс ҳарчи гаронтар, бузургӣ ҳамон андоза сабуктар; ва санги нафс ҳар қадар сабуктар бузургӣ дар баробари он сангинтар.

*Гушна ва сер.*

Яке ниёз ба вақт дорад. То ҳазм кунад.

Дигарӣ ниёз ба ғизо дорад. То вақт гузарад.

*Сер ва гурусна.*

Гуруснаҳое, ки сер мешаванд, ду тоифа хоҳанд буд:

Яке -- гуруснагиро фаромӯш мекунанд,

Дигарӣ -- гуруснагиро фаромӯш намекунанд.

Ононе, ки фаромӯш мекунанд, чашмгушнаанд; ва ононе, ки фаромӯш намекунанд, чашмсеранд.

*Маргу зиндагӣ.*

Агар марг набудӣ, ширинии зиндагӣ эҳсос намешуд.

Чунон ки рӯз аз қиёси шаб рӯз аст.

Дуруст гуфтаанд, ки зиндагиро марг зиндатар ва ширинтар кардааст.

*Тарс аз марг.*

Касе аз марг метарсад, ки ширинии зиндагиро сари вақт нафаҳмидааст, ба қадраш нарасидааст ва аз ин рӯ дуруст истифода накардааст.

*Шинохти марг.*

Бо шинохти марг метавон умрро дарозтар кард. Умри маънавиро.

Монанди чизи гуворое, ки муддате дар ком боқӣ мемонад.

*Зистан пас аз марг.*

Марг на барои ҳама рафтан аст.

Баъзеҳо муддате ҳам зинда мемонанд. Дар дили фарзандону бастагонашон.

Яке аз ҳазорон ба замонҳо мемонад. Дар дилу мағзи қавму миллат худ.

Яке аз миллионҳо барои абад мемонад. Дар фикру зикри халоиқ. Монанди *Афлотун, Арасту, Бӯалӣ, Фирдавсӣ...*

*Одаму ҳайвон.*

Агар одам маргро нашиносад, аз худо натарсад, арзиши Меҳанро нафаҳмад, дар қайди русуму одот набошад, аз ҳайвони чаҳорпо ҳеҷ тафовуте надорад. Ҳамон ҳайвоне, ки умраш дар нӯги шоху неши дандони ӯст.

Барои онҳо шаҳр ҷангал асту хона оғил.

*Фазли забонӣ.*

Якеро забони қалам равон асту дигареро забони даҳон.

Оне ки ҳар дуро равон дошта бошад, кам андар кам аст.

Ва аммо оне, ки ҳар дуро лангон дошта бошад, дар кишвари мо ҳар қадам ду нафарӣ дучор меоед.

*Фазли одам.*

Дар пайдо кардани шохаҳои беҳосилу зарарноку хушкшаванда ниҳолу инсон яксонанд.

Ба ин тафовут, ки ниҳол наметавонад худро афшонаду ҷавонаҳои нодаркорро дур андозад. Ва аммо инсон метавонад.

Агар ниҳолро арраву табари боғбон ороставу борвар кунад, одамро дастони шахшӯли Боғбони Зиндагӣ пероставу борвар менамояд.

*Вазифа.*

Дар Эрон ва аз ҷумла Теҳрон, гӯшти мурғ зиёд мехӯранд. Ҷӯҷакабобӣ ва фурӯшгоҳи гӯшти мурғ дар ҳар қадам ҳастанд. Ҷӯҷа ва мурғи зинда ҳам мефурӯшанд. Дар гӯшаи майдону канори хиёбон катакҳои мурғ, ҷо-ҷо мурғҳои боз низ ҳастанд.

Ва мурғҳо хурӯс ҳам доранд. Ва хурӯс вазифаи одатии худро фаромӯш накардааст. Вақташ расид, садо баланд мекунад. Ҳеҷ коре ҳам надорад, ки ин ҷо шаҳр асту овози баланд айб аст.

Ба ҷеғи хурӯс яке аз даҳ раҳгузар мутаваҷҷеҳ мешавад, менигарад, табассуме ҳадя мекунаду меравад.

Ва аммо хурӯс шармеву парвоеро намедонад, хотир намебинад, манфиат намеҷӯяд. Вақташ ки расид, вазифаашро ба иҷро мерасонад.

Агар одамон ҳам, бахусус онҳое, ки вазифаашон садо додану раҳнамоӣ кардан аст, вазифаи худро сари вақт ва дар ҳар шароит адо менамуданд, шарму хотирбинӣ ва манофеъҷӯиро аз ёд мебурданд, олам гулистон мебуд.

*Файзи саҳар.*

Баракати бомдодон дар чист?

Дар ин аст, ки чеҳраи гулу сабзаву кӯҳу дарахтро, ки шаб то пагоҳи мардон ба дасти шаббода ва нури моҳу ситорагон шуста ва тару тоза шуда ва ҳанӯз рӯи нопокеро надидааст, мебинӣ.

Пеш аз рӯношустагон мебинӣ.

Пеш аз олуда шуданашон мебинӣ.

*Сипоси гул.*

Кй гуфт ки гул бар боғбони худ сипос намегузорад?

Он дурдонаҳои шабнам, ки -- гул шаб то саҳар дард мекашаду аз ҷигари худ ва партави моҳу ситорагон мезояд ва бомдодон рӯи каф мегузорад, аз баҳри кист?

*Ҳар чизе ҷой дорад.*

Буттае, ки барги наваш ҳусну таровати гулро дорад, гулаш ҳусну таровати гулро нахоҳад дошт.

*Ҷавҳари рӯшноӣ ва торикӣ.*

Фарҳанг ҷавҳарест, ки инсонро нарм мекунад.

Ончунон ки ҷавҳари ҷаҳл одамро сахту дурушт кунад.

Ин ду ҷавҳар монанди шабу рӯзанд: бо ҳамдигар на месозанду на меомезанд.

Шояд ба ин тафовут, ки рӯзу фарҳанг ҳамеша корсозанд, шаб гоҳе корсоз асту ҷаҳл ҳамеша коршикан.

*Нотавонии фарҳангӣ.*

Вақте касеро бад бинему айби воқеии ӯро наёбем, чашм мепӯшему тӯҳматаш мезанем. То диламон холӣ шавад.

Ғофил аз ин, ки заъфи фарҳангии худро ошкор кардаем.

*Бачаҳои як модар.*

Зиндагӣ зиндагӣ аст. Имкон дорад, ки як бародар аз бародари худаш замоне нохуш шуда бошад. Аммо онҳо ҳақ надоранд, ки бо ҳам душман шаванду қасди ҷони якдигар кунанд.

Ҳам ба хотири модари ягона, ҳам ба хотири бачаҳои худ.

Ҳам ба хотири ин ки дар рагҳои ҳамдигар хуни якдигар ҷорист.

Дар ноҳинҷорӣ бояд, ки ҳурмати шири сафеди модар ба дилу мағз рӯшноӣ бахшад.

*Кина.*

Кина ба гунаҳкор шояд зарар расонад. Ва аммо ба кинадор ҳатман мерасонад.

Намебинед, рӯшандилон, ки ҳама чизро мебинанду медонанд, ҳамеша мекӯшанд, то кинаро дур андозанд.

*Кинаву мех.*

Касе кина мепарварад, ба ҳамоне мемонад, ки рег дар кафш мерезад, – ҳам дар кафши дигарон, ҳам дар кафши худ.

Ҳар кӣ барои дур андохтани кина намекӯшад, монанди он Тулхорӣ[1] аст, ки мехи бечоро аз кафши худ кашидан намехоҳад.

Ҳолдонҳо донанд: кина бар дил мехаладу мех бар пой.

*Кирми кина.*

Кина дар дил монанди кирме аст, дар себ ё биҳӣ.

Ва ҳар ду ҳам парварандаи худро мекоҳад.

*Фарқи ду ҷанг.*

Ҷанг бо дигар, ногузир ба заъфу харобӣ ва ақибмондагии ҳар ду тан мекашад.

Ҷанг бо худ раҳнамост, танҳо ба як сӯй: камолоту ободӣ ва пешравӣ.

*Мурдан ё зистан?*

Садаи бист садаи инқилобҳову ҷангҳо, садаи одамкушиву истеҳсоли силоҳҳои қатли ом шуд.

Садаи бисту як садаи ягонагӣ ва якдигарфаҳмӣ, садаи кашфи асрори навтарини зиндагисози оламу кишоварзию саноат мешуда бошад?

*Бузургӣ.*

Бузургӣ – донистани рисолати хеш аст.

Ва харҷи кӯшишҳои комил дар роҳи иҷрои он.

*Ҳаққу шараф.*

Агар калон бузургӣ кунад, ҳаққи вай аст.

Вале агар хурд бузургӣ кунад, шарафи ӯст.

---

[1] Бародари ҳамхуни Румонӣ, Маҳаллотӣ, Ширинӣ, Қазвинӣ...

*Рисолат.*

Рисолат -- он вазифа ва қарзе аст, ки инсон пеши азизонаш, миллату кишвару башарият дорад.

*Анҷоми рисолат.*

Чаро бузургтарини бузургон маргро шодона пешвоз мегиранд? Пайки аҷалро бо лабханд посух мегӯянд?

Чунки рисолати хешро бармаҳал фаҳмида ва бо саъйи комилу то андозаи дилхоҳ ба анҷом расондаанд.

Монанди шогирди қобиле, ки ба имтиҳони устод бо омодагии комил омадааст.

*Роҳҳои талош.*

Агар зиндагӣ талош барои зинда мондану будан бошад, ҳар ки тибқи тинати худ талош меварзад:

Одам одамвору ноодам ноодамвор,<br>
Оқил оқилонаву золим золимона,<br>
Одил одилонаву бешараф бешарафона,<br>
Шарафманд бошарафонаву бешараф бешарафона.

*Шатак.*

Инсони дурӯя ва бисёррӯя ба шатак мемонад: ҳар ки метавонад ба замоне истифода кунад.

*На ҳар нозпарвард...*

На ҳар нозпарварди падару модар, нозпарварди ҷомеа мешавад.

*Барги чанор.*

Чанорро дарахти муқаддас мешуморанд.

Шояд ба хотири ин бошад, ки баргу панҷаҳояш ба кафу панҷаҳои одам монанд аст?

*Шатта (лагад).*

Одам аз задухӯрдҳо, аз афтодану хестанҳо пухтаву сахт мешавад.

Чунонки лой аз шатта хӯрдан.

Надидаӣ, ки барфи шаттахӯрда дер об мешавад.

*Ҳамсоя ба ҳаққи худо баробар.*

Дурустии ин ҳикмат батакрор исбот шуда.

Ду мисоли дигар.

Бародарзодаҳоям Абдурауфу Фарҳод, ки ҳаштсолаву даҳсола буданд, дар Наҳри Калон оббозӣ мекарданд.

Фарҳод шиноро намедонист.

Ҳар ду худро ба об андохтанд.

Абдурауф аз об берун омад. Аммо Фарҳод дастак мезаду пинҳон мешуд, дастак мезаду пинҳон мешуд.

Фиғони Абдурауфро шунида ҳамсояи бародарам акои Мирзоҷон фаврӣ ҳозир мешаваду бо либосаш худро ба об меандозаду Фарҳодро наҷот мебахшад.

(Агар Мирзоҷон набуд, ё андаке дер мекард, Фарҳод ҳам набуд).

Мисоли дуввум, аз хонаводаи худам.

Вақте писарам Абдуҷаббор понздаҳсола буд, рӯзе дар хона танҳо монда ва хоста картошка бирён кунад. Картошкаро пӯст канда, бо маска ба тоба андохта ва тобаро рӯи газ мегузораду хобаш мебарад.

Ҳамсояамон Саидҷон мушоҳида мекунанд, ки аз дарича дуд фағона мезанад.

Саидҷон омада занги дарро мезананд. Посухе нест. Дарро мекӯбанд. Посухе нест.

Оқои Саидҷон бо илоҷе аз дарича худро дарун мекунанд.

Ва мебинанд, ки ба оғози сӯхтор лаҳзае беш намонда...

Воқеан ки хона нахар, ҳамсоя хар, чунки ҳамсоя ба ҳаққи худо баробар аст.

*Кому ном.*

Чанде ком меҷӯянд, яке ном.

Лаззати комро дар замон меёбанду номро ба замонҳо.

Ком гузаранда асту ном монанда.

Ширинии комро як кас мебинаду номро ҳама кас.

Ком аз тан асту ном аз равон.

Чанде ком меҷӯянду яке ном.

Чанде мемираду яке мемонад...

*Дунё.*

Забону дандон дунёро мехоянду мехоянд, мехоянду мехоянд.

Одамӣ ҳай роҳат мекунаду роҳат.

Ғофил аз ин ки дунё забону дандонро мехояд, ҳамроҳ бо соҳибаш.

*Насли пуч.*

Одатан насле аз одамӣ хушҳосил мешаваду насле камҳосил.

Монанди дарахтони мевадор, ки соле бар медиҳанду соле дам мегиранд.

Ва аммо ягон-ягон боғбонҳои худодода низ ҳастанд, ки муваффақ мегарданд, то дарахтонашон ҳар сол бор оварад.

Ҳамин тавр ягон-ягон хонаводаҳои баруманд низ ҳастанд, ки ҳама наслашон бороваранд -- яке аз мисолҳои камшумор чаҳор насли Қозӣ Оят -- Шарифҷон Махдуми Садри Зиё -- Муҳаммадҷон Шакурӣ -- се писари эшон: Шарифу Рустаму Анвар --метавонанд бошанд.

*Чароғи шараф.*

Шарафи одамӣ чун чароғу шуъла аст, ки инсон аз он гирду пешашро мебинад, роҳ меравад, гарм мешавад, хомашро мепазад.

Ончунон ки одам чароғашро аз бод ҳифз мекунад, пайваста ба рӯғанаш меафзояд, бояд ки шарафашро низ ҳифз намояду бар мояаш афзояд.

*Шишаи ноёб.*

Шишаи чароғи шараф ноёб аст.

Агар худо накарда шикаст, дуруст карданаш маҳол аст.

*Об.*

"Обу ободонӣ" гуфтаанд.

Аммо чаро "Обу зиндагӣ" нагуфтаанд?

*Бурдборӣ ва замон.*

Об бо ин ҳама нармиву нотавонӣ санги сахтро мебуррад, мебараду мехӯрад.

Чаро?

Чунки ду силоҳи бурротаринро дар ихтиёр дорад:

яке -- бурдборӣ,

дигаре -- замон.

*Обу санг.*

Дар кӯҳистон дараҳои бузургро мебинед, ки дар қаъри худ хати качмакачаки обаки ночизеро доранд.

Ин дараи бузург кори ҳамин *обак* аст.

Об дар муқобили кӯҳ ҳамеша дар талош аст: чун неру пайдо кард, харсанге аз синаи кӯҳ меканаду ба пойин мебарад; замоне ҳам заиф шуд, зарра-зарра мешиканад ба рег табдил мекунаду бо худ мебарад.

Ба нотавонтарин оби кӯҳӣ зеҳн монед, ғелидани зарраҳоро мебинед.

Оби нарму нотавон бар санги сахту бузург пирӯз аст.

*Зиндагонӣ оштии зиддҳост.*

*(Мавлавӣ)*

*Талоши об.*

Об аз талош хаста мешавад; адо мешавад; ва аммо ноумед намегардад.

Бо умеди дигар ба осмонҳо меравад. Ба он ҷое, ки дунё омада буд. Аз нав ҷон мегирад; муттаҳид мешавад.

Ва бо неруи тамом фурӯ мерезад, бар сари кӯҳ...

Ин талош на сар дораду на поён.

*Обу даст.*

Агар об бошаду дасти одам -- биёбон гулистон мешавад.

Агар об набошаду дасти одам -- гулистон биёбон мешавад.

Агар об бошаду дасти одам набошад -- гулистон хористон мешавад.

*Рӯшноӣ.*

Агар шабро дар сафар пушти сар мекунӣ: якеро аз ду бояд гузинӣ:

Ё аз ғанаби ширини бомдодӣ баҳра мебарӣ,

Ё дамидани рӯшноӣ ва гурехтани торикиро тамошо мекунӣ.

*Манзили мурод.*

Аксар дар нимароҳ мондагонанд. Танҳо фарзонае ба манзили мурод расидааст, ки нишонро дар ҷавонӣ дуруст баргузида ва дар роҳи он дақиқае аз кӯшиш фориғ набудааст.

Дар пирӣ дастони сайёди сайёдон ҳам меларзад.

*Ҷавонӣ ва нишона.*

Инсон дар навҷавониву ҷавонӣ бояд рӯшан кунад, ки ҳадафи аслии зиндагиаш чӣ хоҳад буд ва гавҳари мақсудро аз куҷо бояд ҷуст?

Чаро ки тир дар навҷавониву ҷавонӣ нишонрас аст.

*Самти зиндагӣ.*

Роҳи инсон дар тӯли зиндагӣ тасҳеҳу такмил меёбад.

Гоҳе тағйир ҳам мекунад.

Вале аксар ҳадафи аслӣ ва самти он ҳамонанд, ки одам дар ҷавонӣ интихоб кардааст.

Пас, магар авло нест, ки роҳ дар ибтидо дурусту беғалат гузида шавад?

*Ихтиёри инсон.*

Дар ҳар кору андеша, ҳар иқдоми инсон, ҳам Раҳмон мушовири ӯст, ҳам шайтон.

Ба ҳарфи кадоме гӯш медиҳад? -- ихтиёр дар дасти Ҳазрати Инсон аст.

Одаме, ки чунин мушовиронро надорад, аз хиради дуруст бархурдор нест.

Чӣ ва кӣ шудани инсону муҳиташ -- ба ҳамин ихтиёр бастагӣ дорад.

*Ойина.*

Агар бахше айби дигаронро бубинанду айби худро набинанд, ин чунин маънӣ надорад, ки худ беайб ҳастанд.

Бе ойина рӯи худро кӣ дидааст?

Агар хоҳӣ, ки айбро бубинӣ, дигаронро ойина қарор деҳ.

*Раҳмону шайтон.*

Инсонро Раҳмон ба рӯшноӣ мехонаду шайтон ба торикӣ;

Раҳмон сӯи ҷамъиятро нишон медиҳаду шайтон сӯи хилватро;

Раҳмон умеди фардэро зинда мекунаду шайтон онро мекушад...

*Талош.*

Раҳмону шайтон дар ниходи инсон ҳамеша дар талошанд.

Кадом пирӯз мешавад? -- ихтиёр дар дасти Ҳазрати Инсон аст.

*Қатра ва дарё.*

Қатра куҷову дарё куҷо?

Ва аммо оғозу анҷоми дарё аз қатра аст. агар омад -- дарё шавад, агар равад -- дарё хушк гардад.

*Сахтӣ ва роҳат.*

Давча ба нисбат нарм аст. Аммо дандонро мезанад.

Ғӯлунг сахт аст. Вале роҳати ҷон

*Кимиёи сабр.*

Барои он ки давчаи зардолу ғӯлунг шавад, вакт даркор аст.

Ва сабр.

*Сабр? Ё ғафлат?*

Дуруст аст, ки дардро вакт сӯи дармон оварад.

Вале агар бепарво шавӣ, сӯи саратон ҳам мебарад

*Сад бибину яке гӯй!*

Ҳеҷ таваҷҷӯҳ кардаӣ, ки чаро ду гӯшу ду чашму даҳ миллиард тори мағз дорӣ ва танҳо як забони гӯё, ҳамагӣ як дасти нависанда?

Ин чунин маънӣ дорад, ки бояд такрори ба такрор бубинӣ ва бихонӣ, миллиардҳо бор баркашӣ ва бисанҷӣ, бисанҷӣ ва баркашӣ, пас танҳо як бор ба забон орӣ ва як дафъа бинависӣ.

*Зиндагӣ, яъне набард аст...*

Зиндагӣ саросар як сафҳаи набард аст.

Зиндагӣ маҷмӯаи пирӯзиҳо ва мағлубиятҳои муттасил аст.

Яке пирӯз ва чанде мағлуб. Замоне пирӯз ва ба замоне дигар мағлуб...

Аммо ҳанӯз касе ба дунё наёмада, ки ҳамеша пирӯз ва ё ҳамеша мағлуб бошад.

Яъне ки ҳар фарде ҳам пирӯзиҳо дорад, ҳам мағлубиятҳо.

Ва аммо аз миёни мардумон ягон-ягон касон пайдо мешаванд, ки пирӯзии бештар доранду мағлубият камтар. Ва инро бояд эътироф кард, ки бахши азими одамон дар талошҳои худ бештар ноком мемонанд.

Иллат дар чист? Дар андешаву рафтору гуфтор.

Миёни одамон ягон-ягон касон пайдо мешаванд, ки бо ин се падидаи зиндагисоз ҳамеша эътибор медиҳанд. Ва аксар муваффақ ҳам мешаванд.

*Фарзандиносазо.*

Чун сару рӯят гул кард, бояд рангаш дилатро рӯшан кунаду бӯяш димоғатро муаттар.

Агар инчунин нашудӣ, бирав, ки фарзанди сазовори Моми Замин нестӣ.

*Офтоби пушти абр.*

Чун мӯят сафед шуд, забонат бояд ширинтар гардад.

Аз офтобе, ки пушти абр мондааст, зарар ҳасту суде нест.

*Парвариш.*

Ниҳолу кӯдаку сиёҳмашқ монанди ҳамдигаранд: то заҳмат накашиву парвариш накунӣ, самар набарӣ.

Ва аммо...

Ва аммо ниҳолу сиёҳмашқ парвариш набинанд, нобуд мешаванду зарар намерасонанд. Вале кӯдак агар бе тарбият монд ва ё бад тарбия шавад, офат хоҳад овард.

*Дасти Маҳмуд...*

Гул нозуктарин мӯъҷизаи табиат аст.

Ва инсон ҳам ба қадраш мерасад ва тоҷи сараш мекунад.

Ва аммо...

Ва аммо чун ба дасти инсон мерасад, пажмурда мегардад.

*Роҳи дурусттарин.*

Аксари мутлақи мардум танҳо дар заминаи дидаву кардаҳои худ андеша меронанд, натиҷае мегиранду амал мекунанд. Чанде таҷрибаҳои худу дигаронро дар робита бо воқеият таҳлил мекунанду роҳи беҳтареро нишон медиҳанд.

Ягон-ягон касоне пайдо мешаванд, ки ба иловаи таҷрибаҳои дирӯзаву имрӯза воқеияти кунуниро аз ҳамаи паҳлуҳо дида ва чигунагии фардоро рӯшан тасаввур карда ва ягона роҳи дурусттаринро нишон медиҳанд.

Агар ба гуфтаи инҳо гӯш диҳанд, зиндагӣ гул мекунад.

*Роҳи зиндагӣ.*

Агар роҳ аз нури чароғ рӯшан шаваду чароғ аз рӯған ғизо гирад, роҳи зиндагӣ аз рӯшании дил мунаввар мешаваду дил аз кори неку гуфтори неку андешаи нек ғизо мегирад.

*Моми замин.*

Агар зан Модар аст, замин Модарбузург мебошад.

Агар аз шиками Модар омадаем, барои муваққат, дар шиками Модарбузург пинҳон мешавем.

Барои абад.

*Мардӣ.*

Ҳақиқат сахт асту тунд ва бурросту оташин. На ҳар кас дошта ва бардошта метавонад.

Агар мардед, ҳам гуфтанашро ҷасорат кунеду ҳам шуниданашро таҳаммул.

*Офтобу моҳтоб.*

Одамони нағзу ганда, марду номард, донову нодон... Монанди офтобу маҳтобанд. Яке сарчашмаи рӯшноиву гармӣ, дигарӣ ориятбардор.

Яке пурбор аст ва ботамкину муназзам, дигар сабукбор ва чолоку номуназзам.

Яке арзиши худро барои ҳамеша нигоҳ медорад, дигарӣ мекоҳаду меафзояд, яъне ки ноустувор...

*Шинохти бузургӣ.*

Ҷои холии бузургонро пештар аз ҳама ва бештар аз ҳама бузургон эҳсос мекунанд.

Мегӯянд, ки дар марги Ҷомӣ сӯги Навоӣ аз ҳама сӯзандатар буд.

Мегӯянд, ки Осимӣ дар сӯги ду ҷавон гиристаанд: Маҳмудҷон Воҳидов ва Ҷамшеди Осимӣ...

Намебинӣ, ки бар ғуруби Офтоб Кӯҳ сару рӯяшро хун мекунаду то тулӯъи дигар сиёҳ мепӯшад.

*Зиндадилу мурдадил.*

Талошгарони молу сарват ва ҷоҳу мансабро "мурдадил" гуфтаанд.

Талошгарони илму фарҳанг ва ному шарафро "зиндадил" гуфтаанд.

Ҳар ки мухтор аст: то зиндадил бошад, ё мурдадил.

*Устодӣ.*

Устоди асил касе аст, ки аз ҳама, ҳатто аз шогирдонаш меомӯзад.

Меомӯзаду бармегардонад.

Ва аммо бо тасҳеҳу такмил.

Яъне ки "устодӣ" -- гирифтан асту афзудану додан.

*Эроду инкор.*

Шогирде, ки ба устодаш эроде дар дил надорад, ба манзил намерасад.

Шогирде, ки аз устодаш мункир аст, ҳаргиз ба ҷое намерасад.

*Муваффақтарин устод.*

Зиндагӣ устодест бемонанд. Устоде аст, на танҳо тавонотарин ва сахтгиртарин. Балки муваффақтарин ҳам.

Шогирде, ки чашми ақл надораду ҳузури ӯро намебинад ва корҳои зиндагиро шӯхиву бозӣ мепазирад, иштибоҳи фаровон мекунад ва ногузир шикаст мехӯрад.

Ин устод саркаштарин шогирдро танбеҳи сазовор додааст.

Оё шогирде будааст, ки пеши ин устод пушаймон нашуда ва пӯзиш нахоста бошад?

Гумон аст.

Танҳо шогирде ба таҳсини ин устод сазовор шудааст, ки сабақҳои ӯро пешакӣ пай бурда, соати имтиҳонот бо омодагии комил ҳозир мешавад.

*Ҳафт сабақи устод.*

Расм нест, ки шогирдон меҳри худро бар устод ошкор намоянд.

Аслан оё имкон дорад, ки заҳамоту хадамоти устодро дар роҳи парвариши шогирд ва орзуву ҳавасҳои ӯро бароиояндаи шогирд дар сухан гунҷонд?

Магар ҳастӣ ва камоли шогирд худ муҷассамаи заҳамоти устод нест?..

Ва аммо шогирд ҳини арзёбӣ меандешад, ки аз устодаш чиҳо омӯхтааст.

Аз устод Соҳиб Табаров, ки умрашон дароз бод, камаш дар ин ҳафт пайравӣ кардаам:

якум: ҳар суханро дар кӯраи андеша гудохта ва пасон дар қолаби муносиб рехтан;

дуввум: ҳамешаву ҳама ҷо ва дар ҳама ҳол кор кардан;

севвум: ҳамешаву ҳама ҷо ва дар ҳама ҳол рост гуфтану аз ростиву ҳақиқат ҷонибдорӣ кардан;

чаҳорум: ҳамешаву ҳама ҷо ва дар ҳама ҳол барои аҳдофи олӣ, миллӣ ва меҳанхоҳӣ кӯшидан, на ба сина задан,

панҷум: аз танқид озурда нашудан, ҳар гуна суханро таҳаммул кардан, бо посух андармон нашудан;

шашум: аз ин ки чоп намекунанд ва қадр намешиносанд, ноумед нашудану кор кардан, “чаро ки дар дег бошад, ба кафлес мебарояд”;

ҳафтум: ҳангоми арзёбӣ танҳо ҳақро гуфтан, агар бар нафъи ҳариф аст...

*Шогирду оби ҷӯй.*

Шогирд ва оби ҷӯй, ҳар ду якеанд.

Ҳар ду ҳам ба ҳидоятгар ниёз доранд.

Оби ҷӯй ба оброн.

Шогирд ба омӯзгор.

Ҳар ду ҳам бе мураббӣ ба ҷое намерасанд. Аммо харобгар мешаванд.

*Ақлу эҳсос.*

Устодро пурсиданд:

-- Чаро бисёре аз одамон эҳсосро пойбанд ҳастанд, то ақлро?

Гуфт:

-- Чунки на танҳо ҷони зинда, балки ҳар чизи дигар ҳам, аз гармӣ нумӯъ мекунад ва аз сардӣ афсурда мешавад.

Боз пурсид:

-- Чӣ бояд кард, то гароиш ба ақл бештар бошад, ё лоақал таодули ақлу эҳсос риоят шавад?

Гуфт:

-- Иксири иродаро бояд обутоб дод, то дар зарурат гармиро, дар зарурате дигар сардиро, дар шароити севвум ҳар дуро баробар таҳаммул карда тавонад.

*Кундаву хас.*

Эҳсосот – дарзаи хас аст, чун даргирифт, дар лаҳзае месӯзаду хокистар мешавад. На рӯшноӣ дораду на гармӣ. Аммо агар эҳтиёт набошед, месӯзонад.

Ақл – кунда асту ба осонӣ дарнамегирад, барои даргирифтанаш, барои гармӣ доданаш ва хомро пухтан каме хас даркор аст.

Эҳсос, бидуни ақл, сӯзанда аст, созанда нест.

Ақл, бидуни эҳсос кунда аст, коргар нест.

Барои он ки рӯшноиву гармӣ дошта бошем, хомро пухта тавонем, кунда даркор асту каме хас ҳам.

*Ошёни баланд.*

Устодро пурсиданд:

-- Чаро дил метавонад иштибоҳ кунаду хирад наметавонад?

Гуфт:

-- Чаро ки хонаи хирад дар баландӣ асту хонаи дил дар пастӣ.

*Риштаи дутоба.*

Устодро пурсиданд:

-- Барои инсон арзиши кадом бештар: дил ё хирад?

Гуфт:

-- Арзиши ҳар ду баробар аст: дил одамро нигоҳ медорад, хирад одамро бо дигарон, бо муҳит, бо замону макон мебандад.

*Қаҳрамон.*

Устодро пурсиданд:

-- Муваффақу номуваффақ кист? Қаҳрамон кист?

Гуфт:

-- Оне, ки кори имрӯзаро ҳамин рӯз анҷом медиҳад, муваффақ аст; оне, ки ба фардо мегузорад, номуваффақ аст; оне, ки кори фардоро имрӯз сомон медиҳад, Қаҳрамон аст. (Айниву Ғафурову Турсунзодаро ба ёд оваред).

*Дурбин.*

Устодро пурсиданд:

-- Дурбин кист?

Гуфт:

-- Он ки дар сабзии баҳор, зардии хазонро дида тавонад.

*Дӯст бештар...*

Шунидам, ки устод дар халқаи шогирдон мегуфт:

-- Ойина пушти сари шуморо нишон намедиҳад. Агар хоҳед, пушти сару болои сарро... бубинед, бояд, ки чанд ойина дошта бошед... Ҳамин тавр, агар хоҳед, худатонро бештару беҳтар бишиносед, бояд ки дӯст бештар дошта бошед.

*Омили тарбият.*

Бадтарин сифате, ки наметавонанд шуниданашро таҳаммул кунанд, "бепадар" аст.

Бадтарин дашноме, ки наметавонанд шуниданашро таҳаммул кунанд, "бар падарат лаънат" аст.

Ин гувоҳи он мебошад, ки омили аслӣ дар тарбият *падар* аст.

*"Падарлаънат".*

Агар навхонадорон созиш накунанду кор ба ҷудоӣ кашад, гунаҳкор танҳо худашон нестанд.

Гунаҳкорони аслӣ падаронанд.

Бесабаб "падарлаънат" намегӯянд.

Чаро ки "модарлаънат" намегӯянд.

Ҳатто ки "муҳитлаънат" намегӯянд.

Танҳо *"падарлаънат"* мегӯянд...

*Ду нишони адаб.*

Агар якумин нишонаи одоб ин чаҳорчӯб бошад, ки "салом аз хурдону ҳолпурсӣ аз бузургон", нишонаи дуввум -- нашикастани сухани ҳамсӯҳбат аст.

*Маҳаки муошират.*

Дар деҳот -- "ман" ва "ту";

дар шаҳр -- "мо" ва "шумо";

дар идора "банда" ва "ҳазрати олӣ".

*Тафовут аз куҷост...*

Дар кору рӯзгори аҳли ҳунар ҳолате ом аст: "ман"-и шоирона дигар асту "ман"-и шоир дигар.

Мисоле ки миёни ду "ман" чандон тафовути маънавӣ набошад, хеле ва хеле кам дучор меояд: *Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Аттор, Ҷомӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода, Ахавони Солис, Бозор Собир, Фаридуни Муширӣ...*

*Ришу ноқид.*

Одамон бо ниятҳои гуногун риш мегузоранд: яке барои зебаш, дигарӣ ба хотири суннат, севвумӣ савганд хӯрдааст, чаҳорумӣ аз шодмонӣ, панҷумӣ аз сӯг...

Ва аммо ноқидони риш ду тоифаанд: яке ихтиёрӣ ва дигаре ғайриихтиёрӣ.

Ноқиди ихтиёрӣ изҳори хурсандӣ мекунад, табрик мегӯяд, шояд маслиҳате ҳам диҳад. Ва агар риш хуш наояд, нодида мегираду хомӯш мемонад, ки ин ҳам нақд аст.

Ва аммо ноқиди ғайриихтиёрӣ фаврӣ заҳрханда мекунад, нописандона киноя̄ҳо мезанад, аз қабили "пир шудай"...

Агар хоҳед, ки дараҷаи фарҳанги дӯстону хешону шиносони худро рӯшан кунед, муддате риш гузоред.

*Роҳату ном.*

Чанд тан аз шоирон дар маъракае устод *Бозорро* ғайбат мекарданду механдиданд: "ҳунар дошта бошад ҳам, зиндагӣ надорад; аз пушти хӯи бадаш бечора аҳсту овора; забонашро ғундошта наметавонад; нони хӯрдан надорад".

Гуфтам: аҳли ҳунар ҳамеша ду тоифа будаанду ҳастанд ва ҳаргиз наметавонанд ҳамдигарро бипазиранд: яке *комҷӯй* ва дигаре *номҷӯй.* Чун *Унсурӣ,* ки роҳат дошт ва чун *Фирдавсӣ,* ки ном ёфт.

*Маъҷун.*

Дарди мардум ҳамон зарфест, ки шоири асил дар он сухан мегудозаду маъҷун месозад. Маъҷун месозаду ба досташ медиҳад.

Яъне ки машъал эҷод мекунад.

*Ғафлат.*

Вақте дардмандеро мебинем, ҳамдард мешавем. Вале ба хаёл роҳ намедиҳем, ки ҳамин дард аз домони мо ҳам дошта метавонад.

Вақте бахтбаргаштаеро гирифтори фалокате мебинем, мутаассиф мешавем. Аммо гумон намекунем, ки ҳамин тасодуф метавонист бо мо ҳам иттифоқ афтад.

Вақте ба ҷанозаи рӯзпуршудае мерасем, роҳу рӯҳашро ёд мекунем, аз худованд омурзиш мехоҳем. Лекин иқрор намешавем, ки ҳамин рӯз дар пеши мо низ ҳаст...

*Забони вежа.*

Кӯҳу ҷангалзор низ монанди шаҳру шаҳристонҳо бузургроҳу майдон, хиёбону кӯча ва бунбастҳо дорад.

Ҳатто осмон ҳам.

Ва аммо бо ин тафовут, ки бузургроҳу майдон, хиёбону кӯча ва бунбастҳои осмону кӯҳу ҷангал монанди шаҳру шаҳристонҳо номгузорӣ нашудаанд.

Ҳамин аст, ки забони онҳоро на ҳар кас медонад. Ҳамин аст, ки дар ҷангалу осмон роҳ зудтар аз шаҳру шаҳристон гум мешавад.

*Шаҳру кӯҳ.*

Кӯҳ акси садо (нуф) дорад. Аммо намешунаванд.

Шаҳр акси садо надорад. Аммо мешунаванд.

*Ҳавои шаҳру кӯҳсор.*

Санге дар кӯҳ ҷар шавад, садои онро ҳамон лаҳза дар саросари кӯҳсор мешунаванд.

Одаме дар шаҳр даргузарад, дар хонаи ҳамсоя пас аз соатҳо, ҳатто рӯзҳо намешунаванд

*Роҳбалад кист?*

Чашмам ба ҷавонмарди нобиное афтод, ки аз дасти писарбачае панҷсола гирифта буду дар хиёбон роҳ мепалмосиданд.

Надонистам, ки раҳнамо кадомашон буд.

*Зери дандон.*

Шиораш ҳамеша ин буд: дар ҷангали рӯзгор ё дандони тез дошта бош, ё пои гурез.

Чанде нагузашт, дандони рӯзгор ордаш кард.

Маънии ҳикмати: "Ё дар шаҳри азим бош, е дар кӯҳи баланд" дар ҳамин будааст.

*"Мурод туй?"*

Шод доштани арвоҳ барои худи мост.

На барои гузаштагон.

Моем, ки ба пушти маҳкаму дили пур, рӯҳи тавонову роҳи рӯшан ниёз дорем.

То бештар муваффақ бошем

*Заҳмату подош.*

Эҳтироми бузургон подошест ба заҳматҳои эшон.

Намебинӣ, пойандози сабзаширо баҳор худаш густурдааст.

*Ҷавонию пирӣ.*

Ҷавониву пирӣ ҳар ду бор мекашанд.

Яке кӯзаи орзуҳо дар сар,

Дигаре кӯлвори хотираҳо бар дӯш

*Пирӣ.*

Пирӣ ҳангоме сар мешавад, ки даричаи хазинахонаи хотираҳо боз шавад.

Барои ҳамеша.

На танҳо дақиқаҳо, балки соатҳоро он ҷо басар бибарӣ.

*Марзи пирӣ.*

Ҳангоме ҷои ширинии орзуҳоро ширинии хотираҳо мегирад, пирӣ оғоз меёбад.

*Боз ҳам пириву ҷавонӣ.*

Ҷавониву пириро метавон ҳамноми "гушнагӣ" ва "серӣ" гуфт.

Ҷавонӣ даврони гушнагӣ аст. Гушнаи хондану донистан, хӯрдану пӯшидан ва айш рондану ...

Пирӣ серӣ аст. Аз ҳама чиз.

Серӣ нишонаи пирӣ аст?

*Нигоҳ.*

Устодро пурсиданд:

-- Ҷаро пирӣ даврони хотираҳост?

Гуфт:

-- Барои он ки дар ибтидои роҳ ба пушт нигоҳ намекунанд, дар поёни роҳ нигоҳ мекунанд.

*Куҷо меравӣ?*

Устодро таъна заданд:

-- Аз гузашта зиёд такрор мекунед...

Гуфт:

-- То надонӣ аз куҷо омадаӣ, чӣ донӣ куҷо меравӣ?!

*Ҳазрати шароит.*

Амаки Нормурод, умрашон дароз бод, мегуфтанд, ки дар замони ҷанги фашистон боре асп куштанду мо нахӯрдем. Аммо як рӯзи дигар, асной ҳамлаи чандинрӯза, ки аз ақибгоҳ хеле дур рафта будем, қӯрбоққаро кабоб кардему хоидем...

*Ҳарам.*

Ба ҳарами рози худ ҳатто дӯстонро чандон роҳ мадеҳ.

То дӯстӣ халал наёбад.

Ойинаро чун наздик овардӣ, аз нафасат хира гардад.

*Офтоби кас.*

Ҳар кас бар сари худ офтобе дорад.

Гоҳе рӯшноӣ ва гармии ин офтоб чунон бузург аст, ки ба дуродур мерасад. Гоҳе чунон ночиз, ки ҳатто ба соҳибаш кифоят намекунад.

Боз ин офтоб аз офтоби ҷаҳонтоб чунин тафовут дорад, ки нерӯи онро кас метавонад худ ба кӯшишҳо бияфзояд ва ё ба коҳилӣ бикоҳад.

Ва тафовути дигари ин офтоб ҳамин аст, ки он шабу рӯзро намедонад. Яъне ки рӯшноӣ ва гармии он муқайяд ба замоневу маконе мушаххас намебошад. Чунон ки офтоби паёмбарону донишмандони бузург макону замони номаҳдудро фаро гирифта.

*Девори қиёмат.*

Девори ҷаҳл ҳамеша будааст.

Ва нури ақл пеши он оҷиз монда.

Агар ин тавр набуд, паёмбаронро ҳама бо хушӣ мепазируфтанду ҳамаи хирадмандонро дар замони зиндагии эшон гиромӣ медоштанд.

*Баҳор.*

Аз файзи баҳор гардам, ки ҳатто хори биёбонро ба гул менишонад, дили сангро нарм карда ва сабза дар синаи он медамонад.

*Чеҳраи баҳор.*

Устод мегуфт:

-- Чеҳраи баҳорро дар ойинаи оби тирамоҳ бояд дид.

*Ойинаи баҳор.*

Дар баҳор ҳар ҷой рост ояд, метавонӣ биншинӣ.

Ҳатто дар рӯи хок.

Гарде ба домонат намешинад.

*Дўсту душман.*

Агар баҳор дарахтонро гул кунонад, агар тобистон ғўраро пазонад, агар тирамоҳ дарахтонро аз мева маҳрум намояд, зимистон аз дарахтон баргро ҳам мегирад ва модарзоди урён мегузорад. Ба андозае, ки шармгоҳи худро пўшида натавонанд.

Ва аммо ҳамин зимистон аст, ки ба дунбол баҳорро меорад.

*Имтиҳон.*

Ҳар як кор, ҳодиса, масъала -- хулоса ҳар қадаме -- барои инсон имтиҳон аст.

Ва аммо ин имтиҳон аз имтиҳони омўзгори муқаррарӣ чанд тафовут дорад, чунончи:

1 -- устоди зиндагӣ ҳаргиз холеро, аз хотирбинӣ, зиёд ва ё, аз ғараз, кам намедиҳад, балки тиллобаркаш, ҳамон баҳоеро медиҳад, ки сазовор будай;

2 -- устоди зиндагӣ баҳоро на ҳамеша фавриву ошкор зоҳир мекунад. Гоҳе онро баъд аз замоне, гоҳе пас аз замонҳо медиҳад. Гоҳе "имтиёз"-и имтиҳони гузаштагон насиби фарзандону наберагон мешавад.

Ончунон ки нохалафии баъзе аз фарзандон натиҷаи айшпарастии падарон аст.

*Гавҳари хирад.*

Аз ин чандон ноҳат набояд шуд, ки нафс куллӣ асту ақл инфиродӣ.

Одамизода бо дасту пой ва даҳони боз ба ҷаҳон меояду бо чашми пўшидаву гўши баста.

*Мояи тасаллӣ.*

Худро тасаллӣ медод, ки агар дар ҳунару шўҳрат ба Рўдакиву Фирдавсӣ наздик нест, дар нороҳатӣ аз фарзанди ноаҳл, монанд аст.

*Фосилаи орзу ва воқеият.*

Ҳар падаре мехоҳад фарзандаш дар шоҳроҳи зиндагӣ дилпурона ва сарбаландона гом бардорад, на ки дар тангкўчаву бунбастҳо раҳгум занад.

Аммо воқеият аксар баръакс мешавад.

Чаро?

Чунки тарбияти фарзанд кори як падару модар нест, балки кори ҳамаи падарону модарон, кори кулли ҷомеа мебошад.

*Ҳам зери по, ҳам тоҷи сар.*

Ду навҷавони хушлибос дар хиёбон шӯхикунон равон буданд. Нон ҳам мехӯрданд. Тифоқо, пораи нон ба замин афтод.

Ба дунбол марди миёнсол, дар либоси корӣ меомад. Нонпораро бардошту пуф карду ба даҳон андохт.

Онҳо ҳанӯз ба осиёби зиндагӣ нарасидаанд.

Аммо ин аз ҳамон осиёб меомад.

*Шаҳд аз куҷову заҳр аз куҷо...*

Подшоҳ ба сари раоёи кишвари худ подшоҳ аст.

Ва аммо хатар бар ҷони вай ё аз хонадони худаш таҳдид мекунад, ё аз подшоҳе дигар.

*Гавҳар.*

Қатраи шабнаме, резаи шишае ва зарраи регеро дидаед, ки рӯёрӯи рӯшноӣ аз будаш борҳо бузургтар ҷилва карда бошад?

Ин қазия се паҳлу дорад; яъне ба се *ҳастӣ* вобаста мебошад:

1 -- ҳастии бинанда, ки ҷои истодааш созгор аст;

2 -- ҳастии чизи партавпазир, ки нурро шинохта ва якеро чанд карда метавонад;

3 -- ҳастии чашмаи рӯшноӣ.

Аз ин се гавҳар наметавон якеро якумдараҷа гуфту дигареро севвумдараҷа.

*Силоҳ.*

Зимни баҳс оқил бозуи хирад ба кор мебараду ҷоҳил зури бозу.

*Далели бузургӣ.*

Нахустин нишони бузургиро дар эҳсоси ҳақорат дидаанд. Яъне ки ҳақоратро шинохтӣ, аз он парҳез мекунӣ.

*Андозаи бузургӣ.*

Бузургӣ вобаста аст ба мартабаи амирӣ бар нафс: касе ҳар қадар бар нафси хеш тасаллут дошта бошад, ба ҳамон андоза бузург аст.

*Бузургӣ чист?*

Далели бузургии бузургон маҳбубият аст.

Яъне ки ба гузашти рӯзгорон сафи дӯстонаш кам нашавад. Балки афзояд.

Бузургон чароғанд.

Ба чароғ ҳар касе ниёз дорад ва барои худ нигоҳ медорад.

*Баландӣ.*

Рисолати ононе, ки бар пояҳои баланди илму фарҳанг ва молу мансаб қарор доранд, хидмат расондан бар ниёзмандон аст.

Ва поя ҳарчи баландтар, хидмату расидагӣ ҳамон андоза бештар.

Намебинӣ, ки оби зулол аз фарози кӯҳсорон бо суръате тамом сӯи пастиҳо мешитобад.

То лабташнаро шодоб кунад.

*Мукофоти боғбон.*

Гулро мебинему аз рангу бӯяш лаззат мебарем. Ва гиромиаш медорем.

Ва аммо заҳмати боғбон ҳеҷ ба ёдамон намерасад.

Боғбон ҳам бо арзёбии мо коре надорад. Ҳамин ки гул парвардааст, хуш аст.

*Зиндагӣ.*

Дар тафсири "зиндагӣ" метавон гуфт: маъҷунест сиришта аз талхиву ширинӣ, шабу рӯз, гиряву ханда, зоду марг, заҳру нӯш...

Ин ҷуфтҳо ҷудоинопазиранд. Агар ҷудо кунанд, маъҷун намешавад.

*Озода.*

Озода кист?

Он аст, ки ғурури хешро шикаста ва тасаллути комил бар нафси хеш ёфта бошаду нороҳатии худро пинҳон карда тавонад.

*Худову ростиву накӯӣ.*

Ҳама норасост. Ҷуз худованд.

Ҳама гузарост. Ҷуз ростӣ.

Ҳама бебақост. Ҷуз накӯӣ.

*Аждаҳои дурӯғ.*

Агар аждаҳои дурӯғро шинохтан хоҳед, як бофтаи дурӯғгӯеро пай бигиред, ки то куҷоҳо рафтааст у чи балоҳо зодааст.

Магар аждаҳое аждаҳотар аз дурӯғгӯ ҳаст?

*Дин.*

Дин он чароғест, ки одам дар зиндагӣ -- дар шаби тор -- роҳи манзили муродро меёбад.

Қавми бедин монанди рӯдест, ки соҳилҳояшро хӯрда ва ҳувияти рӯдии худро бохтааст. Рӯди бесоҳилро кӣ дида?

Дин одамро аз зиндони худ раҳо мекунаду бо ҷаҳони ҷомеа мепайвандад -- ҳам бо дирӯз, ҳам бо имрӯзу ҳам бо фардои он.

Одами бедин на дар пушт чизе дораду на дар пеш пуле.

Одами бедин зардпечакест, ки решааш хушкида ва ниҳолу дарахти печидаашро низ ҳатман хушк мекунад.

Қавми бедин дар саҳрои таърих монанди гӯсфандест, ҷудошуда аз рама ва ногузир тӯъмаи гург хоҳад шуд.

Дин -- эътиқод аст, зӯроварӣ нест.

Дин -- маърифату рӯшноӣ аст, ҷаҳлу торикӣ нест.

"Мусулмонӣ оҳиста-оҳиста" гуфтаанд. Ин ба он маънӣ аст, ки масъулони дин рӯшноии маърифати диниро бешитобу босуботу тамкин аз роҳи намунаи худ, дар дилу мағзи мардум ҷо диҳанд...

*Дилеву ҳавасе.*

Дин барои яке эътиқод аст, барои дуввумӣ шуғл, барои севвумӣ дастгоҳ.

Ҳар се ҳам худро ҳақ медонад.

Танҳо худаш медонад, ки Вай бо кист.

*Рӯза.*

Рӯза лаҷом аст, барои нафс. Ва об аст барои ирода.

*Покиву рӯҳ.*

Устодро пурсиданд:

-- Гуфтаанд, ки рӯзаву намоз хурофот аст.

Гуфт:

-- Ҳар кӣ бар арзиши неруи рӯҳу покии тан қоил аст, ин андешаро роҳ намедиҳад.

*Пӯсту мағз.*

Охунду муллоҳое низ ҳастанд, ки аз суннатҳои Ҳазрати Расули Акрам (с), бештар ба ду: дӯст доштани атру зан гароиш меварзанд, то ба асли паёми паёмбар.

*Имон.*

Зиндагӣ даштест кавир.

Ва аммо имон болу пари одамӣ: агар имон ҳасту қавӣ, убур аз ин дашт осон метавон кард.

Худованд офтоб аст.

Одам аз офтоб баҳраманд аст? Ё офтоб аз одам?

Одам ба офтоб ниёз дорад? Ё офтоб ба одам?..

Имон мисдоқи реша аст, ки метавонад яктоба бошад, ё дутоба, ё бисёртоба...

Нахи имон метавонад абрешимӣ бошад, ё пашмӣ, ё маснӯӣ... Сахту маҳкам, ё пӯсида...

Ва аммо чигунагии решаи имон ба дасти худи одам аст.

*Эътиқод.*

Бузургтарин баҳра аз эътиқод ба худованд дар ин дунё ин аст, ки мукофоти амалро меандешӣ. Агар донӣ, ки бад кунӣ, бад пешат меояд, иқдоми бад нахоҳӣ кард; сухани бад бигӯӣ, посухи бад хоҳӣ шунид, сухани бад намегӯӣ...

Ва рафтору гуфтору андешаат нек хоҳад буд.

Чун ҳама монанди ту шуданд, олам гулистон хоҳад гашт.

*Мояи фахр? Ва ё нанг?*

Агар даъвои мусулмонзодагӣ мекунем, ҳақ дорем.

Чаро ки пушт андар пушт гузаштагонамон мусулмон будаанд.

Ва агар ифтихор аз *Зардушт* мекунем, айбе надорад.

Чаро ки гузаштагони хеле дурамон зардуштӣ будаанд.

Агар мутанаффир бошем, нохалафӣ ба ниёкон нахоҳад буд?

*Соҳил.*

Ҳар як инсон монанди рӯдест.

Ҳар як рӯд обхосту обкостҳо дорад.

Рӯд соҳил низ дорад, ки нигаҳбон аст дар ҳоли хосту кост.

Имону эътиқоду ишқу ихлос -- соҳилҳои рӯди инсонанд.

Дарёи ҷомеа.

*Ҳар ҷомеа монанди як дарёст.*

Ҳар як дарё соҳилҳо дорад.

Низоми давлат, забони давлатӣ ва пулу артиш чаҳор соҳили дарёи ҷомеа мебошанд.

*Мусулмонӣ оҳиста оҳиста...*

Айёми навҷавонӣ раҳматӣ падар ҳангоми сарзанишҳо барои шитобкорӣ ин ду ҳикматро зиёда ба забон меоварданд:

-- Сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад...

-- Мусулмонӣ оҳиста-оҳиста...

Барои пурсидани маънии ин суханон ҷасорат набуд.

Пас аз муддатҳо рӯшан шуд, ки воқеан агар чанд моҳе сабр кунӣ, аз ғӯраи тумчу давчаи шӯр ангуру зардолуи ширин мепазад. Ва аммо маънии сухани дигар пас аз умре маълум гашт.

Маълум шуд, ки мусулмонӣ, яъне дин эътиқод будааст ва эътиқод фаврӣ, бо зӯрӣ, ё зару ё хоҳиш, ё ҳукми касе ҳосил намешудааст, балки ба замонҳо ва дар натиҷаи хондану шунидану мушоҳида карданҳо ҳосил мешудааст. Ва пайдоиши эътиқоду рушди он ба ду омил ниёз доштааст:

*Нахуст* -- замон,

*Дигар* -- шароити мусоид.

*Хоҷа Аҳрори Валӣ.*

Дар бораи ин одам дар сари дуроҳа будем: дар мактаб сиёҳ мекарданду дар хона аз рӯҳашон мадад мехостанд.

Акнун шинохтем, ки эшон кӣ будаанд.

Мактаббачае бо номи "Убайдулло" ҳудуди панҷ қарн пеш аз ин, дар шаҳри Чочи куҳан (Тошканди кунунӣ) як ҳикмати падарбузурги худ *Шайх Умари Боғистониро* шунида дар суроғи маънии он зиёд пурсу ков мекунад. Дар мактабу мадраса аз посух ба он оҷиз мемонанд. Ва эшон мадрасаро тарк гуфтанд.

Шайх Умари Боғистонӣ хитобан ба писари худ -- Шайх *Хованди Таҳур* -- ки мазорашон имрӯз дар Тошканд зиёратгоҳи мардумон мебошад, гуфта буданд:

-- "Таҳур, мулло машав, шайх машав, сӯфӣ машав, мусулмон шав!"

Ин суханро дар як деҳаи дурдасти кӯҳистонии чағониён *Мавлоно Яъқуби Чархӣ* маънидод карданд.

Ва Убайдулло барои иҷрои супориши ҷадди бузургвори худ камар бастанд.

Ҳосили кори эшон мухтасар ин аст: "ту" буданд, "Шумо" шуданд, *"Убайдулло"* буданд, *"Хоҷа Аҳрори Валӣ"* шуданд, то мартабаи як намояндаи барҷастаи Нақшбандия расиданд.

*Хоҷа Аҳрори Валӣ* чӣ кор карданд?

Эшон умру ҳастӣ ва дороии худро бедареғ сарф карданд, ҳама гуна имконотро ба кор бурданд то кӯмаке ба мазлуме бирасад, фақире аз бенавоӣ бираҳад, пеши ҷангу хунрезӣ гирифта шавад, дасти золиму дузду ғоратгар кӯтоҳ гардад...

Эшон барои ин аҳдофи олӣ номаҳое менавиштанд, миёнҷӣ мефиристоданд, худ шахсан миёнарав мешуданд.

Эшон дар замони худ касе буданд, ки дар миёни кулли табақаҳои ҷомеа -- гадоёну бенавоён, деҳқонону ҳунармандон, олимону адибон, амирону ҳокимон -- нуфузу эътибори бузурге доштанд.

Ба андозае, ки назири эшонро ягон каси дигар надошт.

Хоҷа Аҳрори Валӣ обрӯи воқеан фавқулодда доштанд.

Чаро ки аҳдофашон фавқулодда буд.

Рафтору гуфтору андешаашон фавқулодда буд.

Ин ҷо як гуфтаи эшон нақл мешавад. Ҷиҳати табаррукӣ. Тӯморворӣ:

“Кор он аст, ки боре аз дили мусулмоне бардорӣ ва бар дили худ ниҳӣ, на он ки аз дили худ бардориву ба дили мусулмоне ниҳӣ”.

Ахиран, яке аз бародарони гиромӣ ва фарзонагони Самарқанд, профессор Ботурхон Хилъатпури Валихоҷа китобе бо номи “Хоҷа Аҳрори Валӣ” навиштаанд, ки дар Душанбе ва Самарқанд борҳо чоп шуд. Нигоранда сипосгузор аз сарнавиштсоз аст, ки ин рисолаи арзишмандро ба хатти форсӣ омода ва дар Теҳрон чоп кардааст.

*Таърих.*

Таърих силсилаи азиместу ҳар насле -- халқае дар он.

Одам -- ҳалқаест дар занҷир.

Одам чун арзишҳо ва суннатҳои аҷдодиро тарк кард, занҷири таърих гусаста мешавад.

Ҳалқа дар занҷир гусаста шавад, он ҳалқаву занҷир дигар ба кор намеоянд.

Ҳалқаи ҷудошуда ё занг мезанаду нобуд мегардад, ё обаш мекунанду ба занҷири дигар пайванд мезананд.

Чунон ки аз ҳалқаҳои порашудаи тоҷикон дар Чин чинонӣ сохтанд, дар Ҳиндустон ҳиндӣ сохтанд, дар Туркманистон туркман сохтанд, дар...

*Одаму фариштаву дев.*

Одамро аз хок шӯридаанд.

Аз хоки фариштаву дев.

Андаке аз хоки фаришта ва бештар аз хоки дев.

Намебинӣ, ки одам умре бандаи нафс асту гоҳе бандаи ақл.

Борҳо дидаӣ, ки ҳангоми бало аксар тамошобин мешаванду каме халосгар.

Агар инсоф диҳӣ, иқрор мешавӣ, ки фариштаҳӯе зуҳур кунад, девтинатон сангсораш мекунанд...

*Одаму кор.*

Одамон аксар пур мегӯянду кам кор мекунанд.

Баъзеҳо таносуби ҳар дуро баробар нигоҳ медоранд.

Ягон-ягон касон ҳарфро камтар мезананду корро бештар мекунанд.

Ин касон нағз медонанд, ки фурўшандаҳои харидорталаб паллаи сангро сабук нигоҳ медоранду паллаи борро сангин.

*Рўшноии дигар.*

Кор мисдоқи рўшной аст.

Ҳар ки бо кор бештар машғул аст, пеши пои худро нағзтар рўшан мекунад.

Ҳар ки кор намекунад, муҳити торик дораду пешпой хўрданаш ногузир аст.

Кор нағзию бадӣ надорад.

Ончунон, ки ҳар навъ фонус рўшной мепошад.

*Ду рўи кор.*

Кор ҳам даромад дорад, ҳам тану ҷонро дуруст нигоҳ медорад.

Кори дилхоҳ, роҳати ҷон аст.

*Рўғани умр.*

Кор рўғани умри инсон аст.

Ҳар ки ҳамеша бо кор машғул будааст, умри дароз дидааст.

Ва ҳар ки бекор будааст, умри худро кўтоҳ кардааст.

Аробаи умр аз берўғанӣ занг мезанаду дар нимароҳ мемонад.

*Оби чашма.*

Нерў ва шавқи одамиро "оби чашма" метавон гуфт: агар маҷрои муносибу истифодаи дуруст надошта бошад, на танҳо исроф мешавад, балки хеле ҷой ва чизро харобу бекора хоҳад кард.

*Аспу лаҷом.*

Нерў ва шавқ ҷуфти ҳамдигаранд: яке дигареро мехоҳад.

Монанди аспу лаҷом.

Ва яке бе дигаре хидмат намегуморад.

*Савора.*

Агар нерў асп асту шавқ лаҷом, хирад савора мебошад.

Саворае, ки асбро сўи манзили мурод меронад.

*Дев.*

Аз асп беҳуда "дев" таъбир намекунанд.

Агар асп саворӣ нашудаасту савора надида -- деве воқеист, кори ӯ -- харобкорӣ асту бас.

Магар зӯрмандони бекор харобкор нестанд?

*Кору бекорӣ.*

Агар кор умрро афзояд, бекорӣ онро фарсояд.

*Ғаму кор.*

Агар ғам занг асту умрро мехӯрад, шуғлу кор рӯған асту зангро мехӯрад.

*Бекорӣ.*

Солҳост, ки сӯҳбати марде дар зеҳнам нишаста. Сӯҳбате, ки дар Душанбе, дар утубуси барқӣ иттифоқ афтода буд.

Марде калонсол аз фарзандони қобилу коргараш хурсанд буд. Вай мегуфт:

-- Фарзандонамро аз бачагӣ бекор намегузоштам. Агар коре ба назар нарасад, мефармудам фалон гӯшаи ҳавлиро биканад ва хокашро ба фалон гӯша бибаранд; ва боз аз он ҷо ба ҷои худ...

*Шарик.*

Сӯҳбати марди дигар ҳам дар ёд ҳаст. Вай аз одобу рафтори фарзандонаш хеле қаноатманд буд.

Мегуфт:

-- Ҳанӯз дар даврони хурдӣ, агар яке аз фарзандон гуноҳ мекард, дигаронро низ қатор мекардаму ҷазо медодам. Ба ин гуноҳ, ки онҳо пеши кори ношоистаро нагирифтаанд, монеъ нашудаанд. Яъне ки шарик шудаанд.

*Ғаму нафс.*

Агар ғам занг асту умрро мехӯрад, нафс заҳр асту номро мехӯрад.

*Нафсу ном.*

Нафсу ном -- ду понздаҳ (як сӣ) нест.

Талош барои нафс ба гумномӣ мебарад.
Талош барои ном ба номдорӣ мерасонад.

*Аз фаришта то дев...*

Устодро пурсиданд:

-- Аз олами зинда якеро "дев" мегӯянд, дигареро "фаришта". Миёни онҳо чӣ тафовут ҳаст?

Гуфт:

-- Як ваҷаб: агар ғуломи нафс аст, дев аст, агар амири нафс -- фаришта.

*Ҷамъбандии нокомил.*

Ончунон ки роҳӣ, пас аз паймудани порае аз роҳ, ба пушт нигоҳ мекунад, вақти рафта ва натиҷаи омадаро ба андеша мегирад, ҳамин тавр, ҳар инсон низ пас аз паймудани порае аз умраш, баъд аз анҷоми коре ва ё ҳалли масъалае, ба пушташ назар мекунад, бурду бохташро месанҷад ва тасҳеҳоти лозимаро ба барномаи оянда ворид менамояд.

Бо сухане дигар, *ҷамъбандӣ* ва *тарҳрезӣ* мекунад. Дар дилаш. Ва на танҳо дар дилаш.

Ҷамъбандӣ ва тарҳрезӣ барои худаш. Ва на танҳо барои худаш.

Ва аммо ин ҷамъбандӣ ҳанӯз комил нест. Вақте комил мешавад, ки инсон ба поён расида бошад.

Ва аммо ин ҷамъбандиро дигарон анҷом медиҳанд. На барои вай. Балки барои худашон.

Ончунон, ки дар бораи аллома *Айнӣ,* устод *Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, Сотимхон Улуғзода...* мо ҷамъбандӣ мекунем. Ва барои худамон.

*Гули дубӯя.*

Гули қаноат дубӯя аст: хушу бад.
Он чӣ дорӣ, қаноат кунӣ, хуб аст;
Он чӣ накардӣ, қаноат кунӣ, бад аст.

*Иззати меҳмонӣ.*

Дар ҳаққи гардуни бечора чиҳое нагуфтаанд:

-- Арӯс асту бешумор шавҳар карда, аммо духтар монда;
-- Ҳазорхонаи гов асту ҳамаро раҳгум занонда;

-- Хари даҷҷол асту ҳамаро бо намоишҳои бемаънӣ саргарм дошта;

-- Гурбахӯсту бачаҳояшро якояк хӯрда...

Ва аммо нагуфтаанд, ки:

-- Меҳмонхона асту ту меҳмон; ва иззати меҳмонӣ нигаҳ дор!

*Яке... ва чанде...*

Яке барои кор вақт надорад, чанде кор надорад, ки вақтро кушад.

Яке азият аз серӣ мекашад, чанде аз гуруснагӣ.

Яке дар андешаи дигарон аст, чанде дар андешаи худ.

Яке бо дард қалам мекашад, то шеър эҷод шавад, чанде коғазу қалам мекушад, то "шеър" нависад.

Яке ҳангоме қалам мебардорад, ки пеши чашмонаш ташнагон намудор мешаванд, чанде -- баргҳои нав дар китоби оянда...

*Гул...*

Мегуфтанд:

-- Гул барои дидану бӯйидан аст.

Бояд гуфт:

-- Гул барои дидан асту бас.

*Гули бехор.*

Гулпарварон умрҳо ҷон каданд, то гули бехор рӯёнанд.

Рӯёнданд. Аммо ин гул бӯй надорад.

Акнун умрҳо бояд ҷон канд, то гул бӯй пайдо кунад.

*Мояи шодӣ.*

Мегуфт:

-- Гул агар насиб нашуд, хор бас аст...

Ва бо хор шодмон буд:

Хор ҳамдами гул будааст.

*Ҳут.*

Ҳут дурӯя аст.

Як рӯяш баҳору дигараш зимистон.

Як нафас баҳору як нафасаш зимистон.

Як сафҳааш баҳору як сафҳааш зимистон.

Ҳут дурӯя аст.

Яке дар пешу яке дар пушти сараш.

*Ҳути дигар.*

Ҳут -- як пораи чандрӯза аст, дар миёни зимистону баҳор.

Ва аммо на зимистон асту на баҳор. На барфу борон дораду на сабза.

Аммо боди сарду тунде дорад, ки лаб мелесаду гӯш.

Дар роҳу гузаргоҳҳо тӯдаҳои сиёҳу бетартиб ҳам дорад, ки аз зераш об мешорад.

Ва аз ҳамин шоридани об пай мебарӣ, ки замоне ин тӯдаи сиёҳ барфи сафеди нозанин будааст.

Агар баҳорро дӯст дорӣ, бояд ки ҳуташро ҳам таҳаммул кунӣ.

*Хоҳар.*

Баҳор, гӯё хоҳари меҳрубон асту замин -- бародараш.

Хоҳар чеҳраи бародарашро, ки аз хоби дарозу гарон хестааст, бо меҳр мешӯяду пок мекунад.

Ва паҳлавон барои набарди оянда ҷону мадори тоза меёбад.

*Бӯсаи замин.*

Одам вақте ба қадри худованди худ мерасад, ки аз онҳо хеле фосила гирифта ва аз умру таҷриба бар хӯрда бошад.

Намебинӣ, ки меваи шохаи дарахт чун ба пухтан мерасад, майл ба парварандааш – Замин мекунад.

*Бӯи замин.*

Чаро қомати пирон мехамад?

-- Чунки одам дар фарози умр бӯи заминро эҳсос мекунад, ба он хӯ мегираду лаззат мебараду рафта-рафта чунон сармаст мешавад, ки дар мағзаш ҷо меёбад...

*Тану ҷон.*

Тан вазнин асту ба поин мекашад.

Ҷон сабук асту боло мебарад.

Тан майл ба замин мекунад. Ва оқибат ба мақсадаш ҳам мерасад.

Ҷон майл ба осмон дорад. Ва оқибат ба осмон ҳам меравад.

Тан нишастану хӯрдану хобидан мехоҳад.

Ҷон бол кушодану парвоз кардан мехоҳад.

Тан торикӣ аст. Ва танпарвар торикипарвар аст.

Ҷон рӯшноӣ аст. Ва ҷонпарвар рӯшноипарвар аст.

Тан бо торикиву хобу коҳиливу хомиву зиштӣ... робита дорад.

Ҷон бо рӯшноиву ҳушёриву парвозу пухтагиву зебоӣ... ҳамтабор аст.

Мегӯянд, ки рӯҳи солим дар тани солим мешавад. Ин ба он маънӣ аст, ки одам бояд фикри саломатии тани худро дошта бошад, то рӯҳи солим таркаш накунад. Ва аммо на ба он маънӣ, ки ҷон ғуломи тан бошад.

Танпарварон сусту гарон роҳ мераванд.

Рӯҳпарварон – сабуку чобук; гӯё, ки парвоз мекунанд.

Танпарварон наздик мераванд.

Рӯҳпарварон дур мераванд. Ҳам дар роҳ, ҳам дар зиндагӣ.

*Ҳаракату баракат.*

*Манзараи якум:*

Чун танҳо буд, дучарха савор мешуд;
Чун сараш ҷуфт шуд, мотор гирифт;
Чун се нафар шуд, сечарха ба даст овард;
Чун чаҳор нафар шуданд, мошин харид...

*Манзараи дуввум:*

Замоне ки сари танҳо дошт, мошин савор мешуд;
Вақте сараш ҷуфт шуд, ба сечарха гузашт;
Чун се нафар шуданд, рӯзашон ба мотор монд;
Ҳангоме ки чаҳор нафар шуданд, пиёда монданд...

*Ҳамсафар.*

***Орзу ва андеша ҳамсафарони инсонанд.***

*Ҳамсафарони судманд.*

Ҳар касе бо ин ҳамсафарон унс мегираду бештар улфат мегузинад, фазлу камоли шоистаро дармеёбад.

Ҳар касе ба ин ҳамсафарон дил намебандаду дар нимароҳ мегузорад, дар нимароҳи камол бозмемонад.

Анҷоми орзуву андеша анҷоми мусофирати инсон дар ин биёбони зиндагӣ аст.

*Рӯҳи шод.*

Рӯҳи касе абадан шод аст, ки гирён омадаву хандон рафтааст.

*Мурғи андеша.*

Ин мурғи андеша ҳар ҷое писандад, менишинад; ҳар гоҳ хоҳад, ба парвоз меояд.

Гувоҳаш мурғҳои ҳамин катак аст, ки дар муддати ду-се сол ва дар ҷойҳои гуногун, аксар дар кӯчаву хиёбонҳои Эрону Туркманистону Хоразм, дар даруни мошину қатору ҳавопаймо, ҳангоми роҳ рафтану хӯрок хӯрдан ва ... ба дом афтодаанд.

Чунончи ҳамин мурғи лоғар дар рӯзи 25.01.1996 дар Ниёварони Теҳрон дар даруни мошин банд шуда ва пас аз замоне дар даромадгоҳи Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалии Вазорати умури хориҷаи Эрон ба қайд омадааст.

*Катак.*

Ин катак ғайриоддӣ аст.

Дар он ҳам мурғҳои хонагӣ ҳаст, ҳам даштӣ, ҳам афсонаӣ.

Яъне чизҳое, ки оддӣ асту ҳама ҷо мебинӣ, чизҳое, ки гоҳ-гоҳ метавон дид, ва чизҳое, ки метавон танҳо тасаввур кард.

Дар ин катак мурғҳои гуногун ҳаст: зебову безеб, диданиву нодиданӣ, нигоҳ доштаниву раҳо карданӣ...

Ҳар касу ихтиёраш...

*Хаёли хом.*

Баргҳое аз ин китобчаро пеши наздиконам хондам.

Чанде даст афшонданд.

Ба худ гуфтам:

-- Агар баҳои "Саду як андеша"-ат ин аст, ҳоли китобҳои дигарат чун бошад?

*Чу бишнавӣ...*

Гумон намеравад, касе пайдо шавад, ки ҳамаи гуфтаҳои ин дафтарро сад дар сад биписандад.

Охир, хӯрдание нест, ки ба ҳамагону дар ҳама ҳол бифорад. Ҳатто чизе ҳам ҳаст, ки ба ҳамон як одам дар замоне мефораду дар замони дигар намефорад.

Ва пӯшидание ҳам нест, ки ба ҳамагону ҳамеша муносиб бошад. Ҳатто нафаре ҳам пайдо нашуда ва нахоҳад шуд, ки ҳамон як либосро чаҳор фасли сол пӯшида тавонад...

Ҳангоми арзёбӣ набояд аз дидгоҳ дур андохт: одамон на танҳо дар ҷинсу синну солу завқу мизоҷ гуногун мешаванд, балки дар муҳити ҳархелаи иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳатто ҷуғрофиёиву мавсимӣ басар мебаранд.

Воқеан ки:

Чу бишнавӣ сухани аҳли дил, магӯ ки хатост...

*Ҷаҳон кӯҳнаву сухан кӯҳна.*

Хонандаи гиромӣ чашминтизор набошад, ки сухане нав мешунавад.

Он чи гирд оварда шудааст, борҳо ва борҳо гуфта шудаанд. Шояд дар шакли беҳтар...

Охир, ин кӯҳнакитоби ҳастӣ, ки аввалу охираш ҳам афтодааст, ба андозае душворфаҳму печида мебошад, ки ҳар ҳарфаш ҳазор китоб тафсир мехоҳад.

*Ду бародар?*

Устоди зиндагӣ ба дасти яке аз бародарон асои дарвешӣ доду ба кӯчаву хиёбон баровард, то ҳама несту ҳасташро дар дидгоҳи мардум гузорад.

Ҳамон устод ба рӯи бародари дигар ниқоби тақво кашиду пушти минбари хонақоҳ бурд, то на танҳо фарзандонаш бародарону хоҳарони худро нашиносанд, балки занонаш низ аз вуҷуди ҳамдигар бехабар бошанд.

*Шири хомхӯрда.*

Кайҳонро "бепоён" гуфтаанд.

Дар ин кайҳони бепоён ситорае (ё ҳатто ситораҳое) ҷуз аз сайёраи мо низ ҳаст, ки имкони ҳаёти махлуқоти зиндаро дорад.

Ва аммо махлуқоти он сайёраҳо аз одамони Замини мо бамартаба бошуууртару ботадбиртар будаанд.

Чунончи, онҳо аз масоили дохилии худ фориғ гашта дастгоҳҳои паррон борҳо ба Замин равон кардаанд.

Яъне ки онҳо дар бораи Замини мо тасаввуроте рӯшан доранд. Шояд бештар аз худи мо.

Ва аммо одамон ба омӯзиши ситораҳои дигар акнун сар кардаанд. Гӯё сар кардаанд.

Одамон ҳамагӣ чанд ситораро муайян кардаанд, ки шароити зиндагиро надоранд.

Одамон бо масоили рӯзмарраву ҳаминсоатаи худ саргарманд. Чандоне дар фикри фардо нестанд.

Одамон беш аз ними имконоти худро барои ҷангу илми ҷангу силоҳи ҷангӣ сарф мекунанд.

Яъне ки дар назари одамон ҷангу хунрезӣ аз ҳама муҳимтар менамояд.

Шояд барои ҳамин одамизод худро "ширихомхӯрда" номида бошад?

Ё шояд ин номро ҳам ба мо аз сайёраи дигар додаанд?

*Фаҳш.*

Тамошои филми беадабона, хондани китоби беадабона, дидани акси беадабона... аз шумори шаробу тарёку занакабозист.

Аз ҳисси кунҷковӣ мехоҳӣ, ки лаззат бибарӣ.

Пас аз андаке андаки дигар... боз андак... ва боз...

Вақте бедор шудӣ (ва ё бедорат карданд), об аз сар гузаштааст.

Об ки аз сар гузашт, чи як ваҷабу чи сад ваҷаб.

Яъне ки ба хоби абад рафтӣ.

Ва аммо хоби абади бадномӣ.

*Шиорҳои Теҳрон.*

Дар саросари Эрон ва аз ҷумла шаҳри Теҳрон, дар ҳар қадам шиоре дучор меояд. Бисёре аз онҳо шиорҳои пурмаъниву инсонсоз.

Шиорҳое, ки ҳар кас, бидуни истисно, чизе барои худ дармеёбаду бармедорад.

Шиорҳои баргузида аз гуфтори бузургони фарҳангиву динии пешин; гоҳе муосир ҳам.

Худ таваҷҷӯҳ кунед ба ин намуна:

1 -- "Он чизе, ки миллатҳоро месозад, фарҳанги саҳеҳ аст";

2 -- "Оё вақти он нарасида, ки тавба кунем?"

3 -- "Агар бадҳиҷоб тамаддун аст, пас ҳайвонот мутамаддинтаранд";

4 -- "Покизагӣ аз имон аст";

5 -- "Хор нигоҳ доштани худ гуноҳе бас бузург аст";

6 -- "Хирадмандон бо мардуми нодон бояд монанди табиб бо мариз, сухан бигӯянд";

7 -- "Дар фикри худсозии хеш бош, ки умр бас кӯтоҳ аст";

8 -- "Замоне, ки мегузарад, "будан" аст, ва танҳо замоне, ки дуруст истифода мешавад, "зиндагӣ" аст";

9 -- "Шаҳодат ҳунари мардони худост";

10 -- "Илм қалами баён аст, ки метавонад башарро бисозад";

11 -- "Кори муаллим ҳидоят, тарбият, раҳбарӣ ва паёмбарӣ аст";

12 -- "Гул зебост, вале бар рӯи шоха зеботар";

13 -- "Ҳеҷ чиз монанди хушхулқӣ зиндагиро ширин намекунад";

14 -- "Як лаҳза тафаккур аз ибодати ҳафтод сол болотар аст"...

*Китоби Эрон.*

Агар азизон дар Тоҷикистон тааҷҷуб кунанд, ки "ин одам нависанда набуду ин қадар гапро аз куҷо ёфт?" -- Посух ин аст:

-- Аз китоби Эрон бардоштам. Магар устод *Бозор* нафармуда, ки "Ҳар касе як моҳ дар Теҳрон бигардад, ҳам форсихон мешаваду ҳам мулло"?

*Сагу корвон.*

Дар бораи Эрон ҳар кӣ ҳар чӣ мегӯяд.

Бадхоҳаш на танҳо дар берун, балки дар дарун ҳам ҳастанд. Магар нодонҳои худӣ каманд?

Ва аммо барои ман Эрон кишварест, бузургу муқаддас.

Чаро ки куҳансолтарин адабиёти зиндаи ҷаҳонро дорад.

Чаро ки бе *Фирдавсиву Хайём, Аттору Хоҷа Насир, Саъдию Ҳофизи* эронӣ адабу фарҳанги ҷаҳонӣ хеле ҳам камбағал мебуд.

Чаро ки Эрон сарои нобиғаи нотакрор Бӯалӣ аст.

Чаро ки Эрон қадамгоҳи Носири Хусраву ҷавлонгоҳи Хоҷа Камол будааст...

Чаро ки Эрон зодгоҳи Зардушти паёмбару Салмони Поку даҳҳо пешвоёни ислом аст.

Эрон бароям сарзамини биҳиштӣ аст.

Ман ба хокаш бо пои рост ва ботаҳорат ворид шудаам.

Бадгӯиҳои касҷдаҳоноч худ гувоҳе аз бузургии Эрон аст.

Саг меҷакаду корвон меравад.

Корвоне, ки аз роҳи ҳазоронсола омадааст. Бо атри ғубори ҷонбахш.

Ва корвоне, ки роҳи ҳазоронсола, иншооллоҳ, дар пеш дорад. Бо паёмҳо ва таҷоруби зиндагисоз.

Худо раҳнамо ва пуштибонаш!

*Ин бехабарон...*

Бехабарон нукта мегиранд, ки ин мардум дар сӯги рафтагон беҳуда сиёҳ мепӯшанду хун мегирянду занҷир мезананд...

Чун надонӣ, ки гузаштагонат кӣ буданду чи ормонҳо доштанду куҷо мерафтанд? Аз куҷо донӣ, ки куҷо меравӣ? Ва ояндагонат кӣ хоҳанд шуд? Ва куҷо хоҳанд рафт?..

Ва боз:

Гузаштагонатро нашиносӣ, ояндагонат туро хоҳанд шинохт?..

*Гувоҳи бузургӣ.*

Ҳеҷ қавме дар дунё монанди ақвоми эронӣ, ва аз ҷумла тоҷикон, талошгари фарҳангу баробариву бедорӣ набудааст.

Ниёкони накӯкору некандеши мо гардиши рӯзону шабонро дунбол кардаву дунбол карда, айёми баробарии онҳоро пайдо намудаанд; оромиву ҷунбиши ҳастиро пайгирона омӯхта, они бедор шуданашро рӯшан карда, рӯзҳои баробарӣ ва бедориро оғози соли нав эълон доштаанд, ҷашн гирифтаанд.

Рӯзҳои баробарӣ ва бедориро Наврӯз хондаанду Пешонии Сол гуфтаанд.

Ниёкони накӯкору некандеши мо, Наврӯзро бас бузург доштаанд. Ва сари ҷашнҳо доштаанд.

Ниёкони накӯкору некандеши мо, дар бузургдошти Наврӯз, чунончи Тахти Ҷамшедро сохтаанд. Ва онро дар ҷое бунёд ниҳодаанд, ки офтоб дар соати шашу сифру сифр аз дасти чап мехезаду дар соати шашу сифру сифр дар дасти рост менишинад.

Бузургтарин кохи дунёро ниёкони мо дуруст кардаанд. Барои ҷашни Наврӯз.

Ҷашни баробарӣ ва бедорӣ.

*Тандиси фарҳанг.*

Ҳар касе тандиси зиндаи Ҳазрати Фарҳангро дидан хоҳад, бояд ки аз Эрони гиромӣ дидан кунад.

Шираи таъриху фарҳанги Эрон аз забони миллаташ мечакад.

*Ҷомаи зарбофти фарҳанг.*

Бузургоне чун Дорову Куруш, Исмоили Сомониву Рӯдакӣ, Бӯаливу Носири Хусрав, Фирдавсиву Низомӣ, Хайёму Аттор, Саъдиву Ҳофиз, Камолу Хусрав, Ҷомиву Бедил... ва мардуми бузургвор ва бузургворзой чунон ҷомае аз фарҳанг дӯхтаанд, ки бар тани Эрон бас шинаму зебанда аст. Барои имрӯзу фардо ҳам. Барои ҳамеша.

Ва аммо имрӯз (чун дирӯз) касоне пайдо мешаванд, ки аз нодонӣ ва ё аз нотавонбинӣ, аз ин ҷома бадгӯӣ мекунанд: доғдору дарида ва тангу фарсуда... вонамуд карданӣ мешаванд; пора-пора кардан мехоҳанд.

Аммо худ нағз медонем, ки ин ҷома чи *ҷома* аст.

Аз нафрати кӯршабпарак Офтобро чи бок?!

*Чеҳраи Эрон.*

Ҳангоме сари Эрон меандешам, пеши чашм Бобои Зайналӣ меояд.

Пирамарде, ки телевизиони Теҳрон дар рӯзи 23 фарвардини соли 1375 нишон дод.

Ин пирамарди поку нуронӣ 144 сол дораду 346 набераву абераву чабераву натиҷа...

Ин эронии биҳиштӣ бо вуҷуди қомате камонвор, бардаму чолок роҳ мерафт ва сӯҳбат мекард; ва гумон мекардӣ, ки аз чаккаҳояш хун мечакад...

*Поси ҳамхунӣ.*

Ҳамон як олуи зарди нағзеро дар Ҳироту Нишопуру Теҳрон "Олуи Бухоро" мегӯянд ва дар Бухорову Самарқанду Хуҷанд "Олуи Ҳирот".

Ҳамин тавр, як навъ тути сафеди хушгуворро дар Фароруд "Тути Балхӣ" меноманд ва дар Афғонистону Эрон "Тути Бухорой".

*Шамшери дудама.*

Шамшери эронӣ ду дам дорад:

Яке -- фарҳанг,

Дигаре -- дин.

Худоё, ин шамшердору шамшерашро ҳамеша дар паноҳат нигоҳ дор!

*Худо яке аст.*

Худо яке аст.

Ва аммо ӯро ҳар касе бо чашми худ мебинаду бо ақлу дили худ мешиносад.

Магар нагуфтаанд, ки дузд ҳам "худо" мегӯяду соҳиби мол ҳам.

Бузургиву беинтиҳоии худованд дар ҳамин нест?

*Дӯст.*

Худо дӯст аст.

Дӯстро бо ихлосу самимият мешиносанду моил мекунонанд.

На бо дурӯягиву бевафой.

*Гавҳари фитрӣ.*

Тоҷикон пушт андар пушт ва то мағзи устухон худоҷӯву диндор будаанд.

Ин ду далел ба ҳамин маънӣ кофӣ аст:

1 -- Вақте ба ислом расиданд, бо истилоҳоти худашон омаданд, ҳамчун: "худо", "паёмбар", "биҳишт", "дӯзах", "рӯза", "намоз", "ҷонамоз", "намозгоҳ"...

2 -- Чун болшевикҳо омаданду динро қадаған эълон карданд, камунистони тоҷик мурдаи худро пинҳонӣ ҷаноза мекарданд, пинҳонӣ худоӣ медоданд, пинҳонӣ фотиҳа мегирифтанд...

*Шарофат.*

Шоирони машҳур хеле зиёданд.

Шоирони ҳунарманд низ кам нестанд.

Ва аммо шоири соҳибҳунару шарофатманд кам андар кам меояд.

Шоире, ки ҳам ҳунарро хор накарда бошад ва ҳам шарафи инсонии хешро поймол.

Монанди: *Ҳаким Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ҷунайдулло Ҳозиқ. Аҳмади Дониш, Сотим Улуғзода, Бозор Собир...*

*Тарозу.*

Мағзу забону дил боястӣ бо ҳам баробар бошанд.

Чун тарозуи осмон.

*Машқ.*

Шарти мардиро дар аморат бар нафс дидаанд.

Рӯза машқест, барои аморат.

*Каланд.*

Рӯза каландест, ки баландиву пастиҳои нафсу иродаро ҳамвор мекунад.

*Саломатӣ.*

Саломати тан аз шустушӯст.

Саломати ҷон аз ибодат.

Саломати ҷону тан аз шустушӯву ибодат.

*Ибодат.*

Парвардани орзуву андешаи нек ҳам бояд ибодат бошад.

*Аспу лаҷоми дигар.*

Дил агар аспи саркаш аст, ақл лаҷоми ӯст.

*Ду бол.*

Майнаву дил ду боли инсонанд.

Танҳо бо яке наметавон парвоз кард.

*Танҳоӣ ва...*

Гуфтаанд, ки ё дар шаҳри азим бош, ё дар кӯҳи баланд.

Ин ҳикматро мардуми андешапарвар сохтаанд.

Чаро ки дар шаҳри азиму кӯҳи баланд, касе ҳарчи хоҳад метавонад танҳо бошад.

Ва аммо танҳоӣ ба хотири парвариши андеша аст.

Ва чиллахонаро низ барои ҳамин мақсад сохтаанд.

Ва андешаи танҳоӣ барои ҷамъият аст.

Магар нагуфтаанд, ки:

Қадри ҷамъият касе донад, ки танҳо мешавад...

*Баракат.*

Мегӯянд, ки чизҳое ҳастанд -- бахшу пахш шаванд, афзун мегарданд, чунончи:

яке -- шодӣ;
дигаре -- меҳр;
севвумӣ -- некӣ;
чаҳорумӣ -- дониш;
панҷумӣ -- ҳунар...

*Дузди зӯр...*

Аблаҳе ба доно тохт.

Доно сукут ихтиёр кард.

Нодон шерак шуд:

-- Дидӣ, ки гуфтаанд: "ҷавоби аблаҳ сукут"?!

*Бахши севвум:*

# ТОҶИКИСТОНУ МИЛЛАТ

*Баракати зиндагӣ.*

Баракати зиндагӣ аз ҳаракат аст -- ба сӯи рӯшноӣ ва нармиву некиву гармӣ.

Монанди ҳаракати ташнаи биёбонӣ ба сӯи обу ободонӣ.

*Оби дари ҷӯй.*

*Александр Блок,* шоири шаҳири рус, Меҳанро "ҳамсар" хондааст.

Шояд ин ба он маънӣ бошад, ки чун ҳамнафасаш ҳастӣ, ба қадраш намерасӣ, вале чун аз канораш афтодӣ, ҷонат ба ҳалқумат ояд.

*Тоҷикистон аз кист?*

Тоҷикистон аз сарону раҳбарони Тоҷикистон нест.

Тоҷикистон танҳо аз тоҷикони Тоҷикистон ҳам нест.

Тоҷикистон аз ҳамаи аҳли Тоҷикистон аст.

Тоҷикистон ба ҳамаи онҳое тааллуқ дорад, ки хуни нофи ҳафт пушташ дар хоки он рехтааст.

Ба Тоҷикистон тоҷикони берун аз кишвар ҳам ҳақ доранд. Ҳамаи онҳое, ки хоҳ дар даруни Тоҷикистон ва хоҳ дар беруни он, дилашон месӯзаду барои ободиву истиқлоли он фикре доранд ва мекӯшанд, ба ин кишвар ҳақ доранд.

Шарти соҳибият ба Тоҷикистон -- дар сари он будан нест, дар даруни он будан нест; балки дар сӯхтани дил аст барои вай, дар талош аст барои истиқлолу ободии он.

*Умри хирад.*

Устодро пурсиданд:

-- Мегӯянд, ки дил пеш мемираду хирад пас. Дуруст аст?

Гуфт:

-- Дуруст аст.

Пурсид:

-- Чаро?

Гуфт:

-- Риштаи дил яктоба аст: вай танҳо худашро бо соҳибаш бастааст; аммо риштаи хирад бисёртоба аст: соҳибашро бо дигарон ва замону макон бастааст.

*Санглох.*

Роҳи сулҳ пайроҳа асту роҳи ҷанг санглох.

Пайроҳа ба чашма мебарад, санглох ба ҷарӣ.

*Тоҷфурӯш.*

Хеле касон дар бораи маънии вожаи "тоҷик" изҳори ақида кардаанд. Нависанда *Мирзо Шукурзода* тақрибан сӣ мақоларо аз осори донишмандони рӯи замин дар китобе гирд оварда ва дар Теҳрон ба табъ расонд. Боз камаш сесад мақолаву шеър, ҳикояву сафарнома ҳаст, ки аз китоб берун монда. Натиҷаи ҳамаи ин гуфтору гуфтугӯҳо тақрибан чунин аст: маънии "тоҷик" *тоҷдор, тоҷзеб, тоҷофар, тоҷсор, тоҷсар, озода, деҳқон, наҷиб, покиза, ҳурнажод...* Баъзе аз "дӯстон"-и тоҷик ин ақидаро ҳам мегӯянд, ки "тоҷик" аз "тозик" аст, вайроншудаи "тозӣ", яъне "араб".

Бо арзи пӯзиш аз хонанда гуфта мешавад: ҳамаи ин муаллифон, ки аслан тоҷиканд ва ё тоҷикшинос, содагии тоҷикона зоҳир кардаанду маънии асливу асосии калимаро нагуфтаанд. (Ё шарм кардаанд?)

Воқеият гуфтаи онҳоро тасдиқ намекунад. Балки чизи дигарро пеш мениҳад.

Воқеият мегӯяд, ки маънии асливу асосиву ҳақиқиву ростини вожаи "тоҷик" *бегонапарвар* аст.

Воқеият мегӯяд, ки "тоҷик" *тоҷфурӯш* аст. Ба муфт.

Оё метавонед бишморед, ки тоҷик чанд қавми биёбониро тоҷдор кардааст?

Воқеият мегӯяд, ки *озодиву озодагифурӯш* аст. Ба муфт. *Шаҳрфурӯш* аст. Ба муфт. *Хонафурӯш* аст. Ба муфт. Ба муфт... Балки бо сарбории хуни худ.

Ҳазору анд сол пеш аз ин як тоҷики асиле, яъне содае, зуҳур кард. Бо номи *Исмоили Сомонӣ.* Аз содагии тоҷикона гуфт: ман тоҷиконро бо худашон ошно мекунам, бо ҳамдигар муттаҳид мекунам, худамро миёни халқам ва бегонаҳои душман девор мекунам...

Ва кард...

Ва аммо авлоди вай асолати аслии тоҷикона, яъне ҳувияти бегонапарварии худро гул кунонданд: *нахуст* -- ҳукумати вилоятҳоро ба сабуктегинҳои биёбонӣ арзонӣ доштанд, *дуввум* -- шаҳрояшон, *севвумӣ* -- хонаҳояшонро бахшиданд, *чаҳорум* -- дасту поҳояшонро бандонданд ва пеши пои бегонагон андохтанд...

Пас аз ҳазор соли *Сомониён,* аз миёни тоҷиконе, ки дар мағзи кӯҳҳо зинда монда буданд, якеро раги асилу асили тоҷиконааш ба ҷунбиш омад:

-- Ман аз аҷдодам тоҷиктараму асилтарам; онҳо шаҳру коху тоҷу тахтро бахшида бошанд, ман ин козаҳои тозаро ҳам мебахшам, ин мошину моторро ҳам мебахшам; агар дар заҳмати тоҷиккушӣ онҳо тамошобин шуда бошанд, ман ба кӯмакашон меоям, тухми тоҷикони беаслу гарданкашро худам пок мекунам...

Ин нияти Кулӯхакро ба бегонатарини бегонагон, яъне Салими Даҳанкаҷ расонданд. Вай аз шодӣ ба пӯсташ нағунҷид. Фаврӣ писархондаш Зафаралиро ба аждаҳои оҳанин савор карда, дастаи сиёҳпӯшони қотил ва муҳиммоти дигарро ба кӯмаки Кулӯхак фиристод.

Ва Кулӯхак болиду ғуррид ва ҳамроҳ бо гурӯҳе тоҷиктарини тоҷикон корзоре орост, ки монандаш набуд.

Вай асолати асили қавми худро чунон собит кард, ки ҳеҷ ҷои шубҳа намонд.

Ё шумо шубҳа доред?

## *Тоҷ маънӣ надорад.*

Ибтидои солҳои навадум, ки хушдимоғҳо бӯи истиқлолро эҳсос мекарданд, чанде дар тараддуди парчами Ҷумҳурӣ ва нишони давлатӣ шуданд.

Нависанда *Адаш Истад* хеле кӯшиданд, то бифаҳмонанд, ки дар парчам тасвири шер бошад. Бо кӯшиши муҳандис *Шакурӣ* соли 1991 тарҳи парчами Ҳизби Демократи Тоҷикистон омода шуд. Бо тасвирҳои шеру тоҷ.

Пас аз баҳси дар хотирҳо монданӣ, дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон (ноябри соли 1992) парчами серангаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Бо тоҷ, шер ва ҳафт ситора.

Пас аз муддате кори дурусте карданд: шерро номаълум аз рӯи парчам тарошиданд.

Рӯшан аст, ки рамзи шер тамкину шаҳомату тавоноӣ ва ҳаққгузориву олиҳимматӣ аст. Ва аммо тоҷиконе, ки ин сифатҳоро надоранд, парчамашон бо шер чи муносибате дорад?

Акнун парчами мо тоҷ дораду ҳафт ситора.

Аз ситораи дур на гармӣ ҳасту на хунукӣ. Бигзор бошад. (Шояд, ба замоне ситораи ин қавм гарм шавад?)

Ва аммо тоҷи сар дар парчам маънӣ надорад. Тоҷ нишоне аз давлату давлатдорӣ, солору солордорӣ, бузургвориву бузургвордорӣ, таъриху таърихдорӣ, озодагиву озодадорӣ ... аст, ки тоҷикон инҳоро надоранд. Модоме надоранд, рамзаш чи лозим?

Тоҷро бояд аз парчам тарошид. Беҳтар ки номаълум...

*Обу Тоҷикистон.*

Ба қадри ҳаётии об вақте мерасӣ, ки дар биёбон бошиву ташна.

Чун Тоҷикистон: ба қадраш вақте мерасӣ, ки аз канораш дур афтода бошӣ.

*Ободиву Тоҷикистон.*

Чун дар ободӣ басар мебарӣ, ба қадри он намерасӣ; чун ба нообoдӣ расидӣ, ба қадри ободӣ мерасӣ ва дар паи омили он мешавӣ.

Чун Тоҷикистон: ба қадраш вақте мерасӣ, ки аз доманаш афтода бошӣ.

*Волидайну Тоҷикистон.*

Чун дар сояи падару модар ҳастӣ, офтоби зиндагиро эҳсос намекунӣ ва дар хидматаш нестӣ.

Чун Тоҷикистон: то дар сояаш ҳастӣ, ба қадраш нарасӣ ва дар хидматаш набошӣ.

*Дарди кампир ғӯза.*

Барои сарватмандо̀н сарват лозим асту барои мансабхоҳон мансаб.

Барои авлоди эшон -- Тоҷикистон.

*Гуноҳи ҳусн.*

Мавзӯи "тоҷ" чанд паҳлӯ дорад, чунончи:

-- дар сохтанаш беҳтарин маводу усто истифода мешавад;

-- ҷойгоҳаш тарки сар аст;

-- дар ҷойгоҳаш соатҳои башумор қарор мегирад;

-- бахши умдаи умрашро дар сандуқи торик ва ё гӯшаи таҳхона месипарад;

-- барояш талошу ҳасади ҳамешагӣ ҷараён дорад; чи миёни худиҳо, чи бегонагон;

-- зиёд рух дода, ки дар зери пой шикаставу реза-реза шудааст (сарнавишти ҳазоронсолаи тоҷиконро ба ёд оваред);

-- бисёрҳо шуда, ки лангу кӯр, шалу кал, золиму номард ... ба сар гузошта ва аммо дар сафҳаи таърих на ҳамчун "тоҷдор", балки чун "ланг"-у "кал"-у "шал"-у "кӯр" ... унвон ёфтааст...

*Зоғу булбул.*

Чаро ба зоғу калоғ кордор намешаванд?

Чаро булбулу тӯтиро ҷой дар қафас мекунанд?

Чаро хор умрашро болои решааш сипарӣ мекунад?

Чаро гулро, ки акнун ғунча шуда буд, дукорд дар гулӯяш мегузоранд?

Бобои Рӯдакӣ аз ҷӯши илҳом гуфта буд? Ва ё аз сарнавишти қавмаш?

Ба ҷурми ҳусн чу Юсуф асири зиндонӣ...

*Хонаву киштиву кишвар.*

Хонавода ба киштӣ мемонад, дар дарё.

Ва сукон дар дасти нохудо.

Агар вай ҳушёр асту фаросат дорад ва дар зарурат бо дигарон машварат мерояд, киштиро зудтару бехатар ба манзили мурод мерасонад. Вале агар зӯъму нодон бошаду маслиҳатнопазир, ё нафарони номуносиб дар канори нохудо нохудоӣ кардан хоҳад, киштӣ ба манзили мурод ё намерасад, ё бо таъхиру талафот мерасад.

Кишвар низ мисдоқи ҳамон хонаву ҳамон киштист.

*Имрӯзу дирӯз.*

Тафовути имрӯз аз дирӯз барои аксар ин аст, ки дар ком аз имрӯз танҳо талхиро эҳсос мекунанду аз дирӯз танҳо шириниро.

Агар ҳамон аксар дар коми худ шириниҳои имрӯзро эҳсос карда метавонистанд, зиндагӣ ширинтар мебуд ва кишвар ободтару мардум осудатар.

*Чашмсерӣ ва шикамсерӣ.*

Аз пири доное пурсиданд:

-- Чашмсерӣ беҳтар ё шикамсерӣ?

Гуфт:

-- Чашмсерӣ дилро рӯшану танро сабук мекунад ва ба умр бақо мебахшад, аммо шикамсерӣ дилро торику танро сангин мекунад ва аз умр мекоҳад.

Вай боз гуфт:

-- Чашмсерӣ нишоне аз муруввват асту шикамсерӣ нишоне аз хасосат.

*Дуроҳа.*

Агар ҳастӣ китобест зинда ва ба ҳар замон дигаршавандаву душворхон, хондани китоб ин замон зиёда душвор шудааст: омехтагии қавму дину забонҳо, рушди адами эътиқод ба худованд ва афзоиши пурсуръати истеҳсоли силоҳҳои ҷангӣ печидаро печидатар ва гиреҳро кӯргиреҳтар кардаанд.

Ё башар барои наҷоти худ хонандаи наву тафсиргари наву шунавандаи нав ба дунё меорад ва ё худ ба сӯи чоҳи бетаҳ меравад.

*Мегузарад.*

Мегӯянд, ки яке аз бузургони пешин ангуштарие доштааст бо ин сухан дар нигин: "мегузарад".

Вай ҳангоми шодӣ чун чашмаш ба нигин афтод, ҳушёр мешуд, чунки медонист: шодӣ дар замоне хоҳад гузашт. Ва ҳангоми ношодӣ, ғамро аз дил меронд...

Дар зиндагӣ бешумор санҷида шуда, ки чизе абадӣ набуда, ҳама гузарандаанд. Даврони навозишҳои модар мегузарад, навбати дилбастагиҳо ба устод мегузарад, замони ишқбозиҳо мегузарад, фурсати дӯстдориҳои фарзанду набера

паиҳам мегузаранд, давраи алоқамандӣ ба кору ҳамкорон мегузарад...

Ин ҳама давронҳо, ҳарчанд намехоҳем, мегузаранд.

Ончи мемонад -- танҳо нақшест дар *хазинаи хотираҳо.*

Ягона меҳре, ки бепоён аст ва поёнаш лаби гӯр аст -- меҳри Миллату Кишвар аст.

Ҳамин меҳр аст, ки чун бузургдошти худованд андоза надорад.

*Хоби ғафлат.*

Онҳое, ки худро аз ҳодисоти сиёсӣ дур мегирифтанд, агар медонистанд, ки ин бетарафӣ на танҳо хиёнат ба Миллату Кишвар ва доду ростӣ аст, балки хиёнат ба авлоду хонавода, зану фарзанд, шарафу номуси худи вай ҳам ҳаст, "ман бетараф" намегуфт, дар сояи чанор паноҳ намешуд, балки дар талоши доду бедодӣ, шарафу бешарафӣ, ватандориву ватанфурӯшӣ як пои малах шарик мешуд.

Чӣ гарон аст хоби ғафлат!

*Гӯр сӯзад...*

Манфиатҷӯе, ки аз бедории мардум дар ҳарос буд, иллати фоҷиаро дар бедорӣ ва сиёсатшиносии мардум дид.

Воқеан, ки...

*Бедорӣ.*

Бедорӣ чашми боз нест.

Бедорӣ гардиши андеша аст.

Чашмони бози беандешаро ба сӯрохи пӯстак монанд мекунанд, ки тамоман дуруст аст.

*Хобу бедорӣ.*

Хобу бедорӣ чун шабу рӯзанд.

Яке ояд, дигаре meравад.

Яке бе дигаре шинохта нест.

*Ҷавонмардӣ.*

Бузургонро шинохтану ба ростӣ арҷ ниҳодану аз дод ҷонибдорӣ кардан, нахустин нишонаҳои ҷавонмардист.

*Банд.*

Ҷорӯбро агар бо банде набанданд, ҷорӯб намешавад. Мӯро бо мӯ набанданд, мӯқалам намешавад. Панҷаҳо бо рагу пай баста набошанд, мушт намешавад.

Одамон бастаи якдигар набошанд, ҷомеа намешавад.

Ҷорӯб бо сим баста мешавад. Мӯқалам бо ришта. Панҷаҳо бо рагу пай...

Одамон бо ҳувияти миллӣ, эҳсоси ватандорӣ, эътиқодоти динӣ, ба воситаи забону фарҳанг бо ҳамдигар баста мешаванд ва ҷомеа ташкил медиҳанд.

Агар ҷомеаи тоҷиконро душман осон парешон карда бошад, иллаташ ин буда, ки бандҳо пӯсидаву фарсуда будаанд...

Агар хоҳем, ки ҷорӯбе бошему сарзамини худро покиза кунем, мӯқаламе бошему нақше аз худ гузорем, мушите бошем маҳкам бар даҳони душман, то дасташ аз домони кишвари мо кӯтоҳ гардад -- бояд ки бо ҳамдигар баста шавем...

*Бало пой надорад.*

Бало бол надорад, ки аз осмон ояд; пой надорад, ки аз дар дарояд.

Вайро худамон мехонем, даъват мекунем. Меорем.

Вақте хушомадгӯ, ба хотири нафъи шахсии худ, аз доду ростӣ чашм мепӯшад, балоро мехонад.

Вақте нафаре ба посухи ҳақ ба ҷои "бале" "бало" мегӯяд, балоро мехонад.

Вақте сари маърака сӯи омӯзгор хитоб мекунад: "бихез, муаллим, ба дасти меҳмон об рез!" -- балоро мехонад.

Вақте аҳли маҳалла дар ғами омӯзгори фарзандони худ нестанд ва омӯзгор ночор ба мардикорӣ меравад, балоро мехонад.

Вақте кӯдак ба ҷои дарс бо чизе дигар машғул мешавад, балоро мехонад.

Вақте одамон ба ҷои омӯзгору таҷрибадор пулдору соҳибмансабро болонишин мекунанд, балоро мехонанд.

Вақте мардум ба ҷои фарзона ба сарватманду соҳибҷоҳ раъй медиҳанд, балоро мехонанд...

Бало бол надорад, пой надорад; вайро худамон меорем, худамон мепарварем ва бо ду дасти адаб дар хидматаш мешавем...

*Рисолати паёмбарону бузургон.*

Ҳаким *Носири Хусрави Қубодиёнӣ* фармудаанд, ҳастӣ монанди китобест, дар ҳар замон ба тафсиргар ниёзманд.

Рисолати паёмбарону бузургони дигар дар дуруст хондану дуруст маънидод кардани ҳамин китоб аст.

Ва аммо гоҳе хонанда ва тафсиргари бузургтароше ҳам пайдо мешавад, ки мардумро на ба роҳ, балки сӯи чоҳ ҳидоят менамояд.

*Лутфи худованд.*

Яке аз бузургтарин лутфҳои худованд барои инсон шояд ҳамин бошад, ки ихтиёрро ба дасти худи вай додааст: бо роҳи Раҳмон равад ва ё аз паси шайтон шавад; ҷониби покиву ҳусну доду ростиву кӯшоиро гирад ва ё барои ғаждиву зиштиву зулму каживу коҳилӣ иқдом намояд.

Худованд ихтиёрро ба дасти одамону атрофиёни онон гузоштааст, то маҳбуб бошанд ё номаҳбуб, хушбахт бошанд ё бадбахт, хушном бошанд ӗ бадном...

*Масъулият.*

Агар ҳама масъулият мешинохтанд, яъне ҳар кас медонист, ки дар вуболу савоби ҳастӣ шарик мебошад ва аз рӯи ҳамин дониш ҷавонмардона амал мекард, ниёзе ба паёмбару авлиёву раҳбар набуд.

*Ҳиммат.*

Ҳиммат -- дарк асту амал.

Аз рӯи масъулият.

*Ҷадидҳо.*

Сарка эҳсос кард, ки марғзоре хушалаф наздик аст. Ба пои рама нигоҳ накарду шитофт, то роҳро барои рама шиносой кунад.

Даҳмардаву рама чун ба марғзор расиданд, диданд, ки аз сарка шоху мӯю устухон мондааст.

Саркаро гург хӯрда буд.

Ва аммо рама ба марғзор раҳ ёфт.

*Шоири ношуд.*

Ончунон, ки бисёре аз падарон пеши фарзандони худ ҷавобгарӣ ҳис намекунанду вазифаро танҳо дар рӯёндани бача мебинанд, хеле аз шоирон низ вазифаи худро дар гуфтани суханони мавзуну қофиядор мебинанду бас.

Ончунон ки падарони асили тарбиятгар хеле каманд, гӯяндагони шеърҳои нағзу пурмаънӣ ва коршоям низ гоҳ-гоҳе пайдо мешаванд.

*Такрори таърих.*

Ҳазору сад сол пеш аз ин, вақте таъсири импературии хилофат суст шуд, миёни вилоятҳову минтақаҳо чандон мувофиқат набуд, кӯчиёни саҳрой ба шаҳру рустоҳо метохтанд, мардумро тороҷу азият мекарданд...

Дар чунин ҳол иқболи тоҷикон баландӣ карду *Исмоили Сомонӣ* зуҳур намуд. Вай рисолати худро пеш аз ҳама ва беш аз ҳама дар ин ду чиз дид: ҳам банду пайванд мардумонашро маҳкам кард, ҳам истиқлоли кишварашро таъмин намуд. Вай дар роҳи ин мақсади оливу созанда аз арзишҳои миллии забонӣ ва фарҳангии мардумаш фаровону ғамхорона истифода кард...

Пас аз ҳазору сад сол, ки империтурии Иттиҳоди Шӯравӣ фурӯ рафт, тоҷикон дар дарун созиш надоранд, аз дароздастону сиёҳдилони беруна тааддӣ мебинанд, аҳли илму фарҳангаш сарсону саргардонанд...

Иқболи ин қавм бори дигар баландӣ мекарда бошад? Ворисй *Исмоили Сомонӣ* пайдо мешуда бошад?..

*Тафовут.*

Тоҷикон аз афғонистониҳо, бештар аз эрониҳо тафовут доранд.

Ҳамаи эрониҳо -- чи форсу курд, чи балуҷу турк ... ҳама бар сари Эрони гиромӣ рост меистанд.

Чунки онҳо ҳамеша соҳиби давлату миллат будаанд ва собиқаи ҷангҳои сершумори меҳаниро доштаанд.

Ҳамаи афғонистониҳо -- чи тоҷику пашту, чи ҳазораву ӯзбак... ҳама бар сари Афғонистони гиромӣ рост меистанд. Агар душманони маккору қаттол оташи ҷангро ин бор аз дарун дар намедоданд, балки ошкор аз берун меомаданд, инон яктану якҷон ба сарашон мерехтанд ва гумашонро медиданд.

Чунки онҳо соҳиби воқеии Афғонистон будаанд ва собиқаи чанд ҷанги меҳаниро (чунончи бар муқобили инглисҳо ва шӯравӣ доранд).

Ва аммо тоҷикистониҳо...

Тоҷикистониҳо -- чи бадахшониву хатлонӣ, чи хуҷандиву ҳисорӣ... бар сари Тоҷикистони гиромӣ рост намеистанд.

Чунки соҳиби воқеии Тоҷикистон набуданд ва собиқаи ҷанги меҳаниро ҳам надоранд.

Чунки тоҷиконро дар поёни солҳои даҳуми садаи бисти мелодӣ бо баҳонаи "ҷадид" бесар карданд; дар солҳои сӣ бо тамғаи "душмани халқ" бесар карданд, дар замони ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ бо баҳонаи дифоъ аз "Ватани Шӯравӣ" бесар карданд, дар солҳои шаст бо баҳонаи "устодони ришвахӯр" зарба заданд, дар солҳои навад...

Тоҷикон акнун соҳиби воқеии Тоҷикистон, соҳиби давлату миллат мешаванд.

Акнун собиқаи ҷанги меҳаниро низ пайдо карданд.

Акнун, акнун ки дар сари мӯ истодани Тоҷикистон барои ҳамагон аён аст, ҳама -- чи бадахшониву хатлонӣ, чи хуҷандиву ҳисорӣ... бар сари як Тоҷикистон -- Тоҷикистони ягона ва гиромӣ -- рост хоҳанд истод.

Иншооллоҳ.

*Дарди бедармон.*

Ҳаргуна дард дармон доштааст.
Ба ҷуз оворагӣ, ки дармон надорад.
Ҳама гуна фироқ таскин доштааст.
Магар фироқи диёр, ки таскин надорад.

*Нерӯи кашиш.*

Мегӯянд, ки қорӣ Муҳаммадҷон ҳангоме даст аз ҷон мешӯяд, хоҳиш мекунад, мурдаашро дар Афғонистон ғариб накунанд, баранду Тоҷикистон гӯронанд. Вақте ваъдаро мегирад, ҷон ба ҷонофарин таслим мекунад.

Аз овораи дардманде худам шунидам, ки мегуфт:

-- Агар поям ба Ватан нарасад, рӯ ба Тоҷикистон гӯрам кунанд; аз худову паёмбар мехоҳам, ки аз гуноҳам гузаранд.

*Хаймаи кач.*

Дӯстам *Бахтиёри Муртазавӣ*, ки солҳо дар Афғонистон ифои вазифа кардааст, нақли ҷолибе аз як тоҷики ғариб мекард.

Марди куҳансоли қубодиёнӣ, ки солҳои сӣ аз дасти Шӯравӣ ба Афғонистон паноҳ бурдааст, хайма дар лаби Ҷайҳун дошта ва ин хайма сӯи Тоҷикистон хам задааст.

Ин пирамард, ки ҳангоми нишастану хуфтан мудом рӯ ба Тоҷикистон доштааст, ба нависанда мегуфта:

-- Ин лочуқ монанди дилам сӯи Ватан дар хамидан аст; ҳар ду ҳам он тарафу дар ҳасрати ҳамон тараф баробар фурӯ хоҳем рафт...

*Гуруснаи Ватан.*

***Овора аз нон сер шавад ҳам гурусна аст.***

Гуруснаи Ватан.

*Ватани модар.*

Ватан монанди модар аст.

Ба ҳарфу суханаш на ҳар фарзанд дурусту саривақт гӯш медиҳад, супоришашро аз таҳи дил баҷо меорад.

*Оғуши модар.*

Ватан монанди модар аст.

То дар оғӯшаш ҳастӣ, лаззаташро дуруст намефаҳмӣ.

*Ватан модарбузург аст.*

Ватанро "модар" гуфтаанд.

Ва аммо эҳсос мешавад, ки *модарбузург* аст.

Модар фарзандашро барои шӯхӣ сарзаниш мекунад, барои гуноҳаш танбеҳ медиҳад.

Ва аммо модарбузург аз шӯхиҳои набера шод мегардаду аз гуноҳонаш мегузарад.

*Меҳан.*

"Ватан"-у "Меҳан" якеанд.

Ва аммо "Ватан" маъруф асту "Меҳан"-ро на ҳама мефаҳманд.

"Меҳан" вожаи худӣ буду фаромӯш гашта, "Ватан" бегона буду худӣ шуда.

Ин мисоли ягонаву тасодуфӣ набуд, балки аз тинати табиии мардуми мо сар зад. Барои таъйидаш ҳатто мисоле ҳам заданд: "оши ҳамсоя ширинтар аст".

Оё ба бунбаст аз бегонапарастӣ нарасидем?

Худпарвар ҳам мешуда бошем?

*Малулӣ.*

Як донишманд, ки маҳраму меҳрубон ҳам буд, сухан аз китобчаи "Тоҷикистон: Озодӣ? ё марг!" оғоз карду ин пурсупос ба миён омад:

-- Шитоб кардаед, сабр лозим буд.

-- Хондед? Ғалат дорад?

-- Нахондаам. Аммо медонам, ки ин воқеа тарафҳои торик ҳанӯз бисёр дорад.

-- Дуруст. Аммо хомӯш бошанд, торикӣ худ аз худ рӯшан мешавад?

-- ...

Малул шудам: рӯшанфикре, ки рисолаташ дар рӯшан кардану раҳнамоӣ аст, ба хомӯшӣ даъват мекунад.

*Ҷомеаи тандуруст.*

Ҷомеаи солиму тандуруст дар сурате имконпазир аст, ки ҳар яке аз афродаш бо чашмони бегонаи сахтгир ва аз даричаи ҳақиқат ба худ нигариста тавонад ва дар паи дармони иллатҳои худ бошад.

Дарду иллат дармон нашавад, саломатии тан аз куҷост?

Афрод солим набошад, саломатии ҷомеа аз куҷост?

*Мору остин.*

Дар ҷомеае, ки роҳи солим надорад, бача мор мешаваду падар -- остин.

*Турку тоҷик.*

Яке тавоноиро дар виқор мебинад, дигарӣ дар доноӣ.

Яке мехоҳад ҳамсӯҳбаташ бо забони вай сӯҳбат кунад, дигарӣ мекӯшад бо забони вай сухан кунад.

Ин ду бародар турку тоҷик аст.

*Гуноҳи адабиёт.*

Тоҷиконро қавми нармхӯй ва бегонапарвар гуфтаанд.

Дуруст гуфтаанд.

Сабаби ин ҳолро дар адабиёт дидаанд.

Дуруст дидаанд.

Ин адабиёт на танҳо деринатарину ғанитарин, балки инсонпарваронатарин адабиёти зиндаи ҷаҳон ҳам ҳаст.

Ин адабиёт ҳар андоза дар ҷаҳон густариш ёбад, ҳамон андоза ба нафъи инсонҳост.

*Эҳсоси ҳақорат.*

Ватандорӣ -- эҳсоси комилӣ ва солимии ҳастии ҷисмонӣ ва маънавӣ аст.

Инсони беватан ҳамеша ва дар ҳама ҷо ва дар ҳама ҳол худро ноқису нотамом ва носолим ҳис мекунад.

Имкон дорад кас дар ғурбат ҳама чизро пайдо кунад. Ҷуз яке: Ватан. Онро надорад, ки надорад...

*Ватандорӣ суханбозӣ нест.*

Ватандорӣ дар Ватан будан нест.

Бузургдошти забонӣ ҳам нест.

Ватандорӣ -- ифтихор аз доштани Ватан аст; ва кӯшишҳои бедареғу пайваста баҳри беҳбудӣ ва тавоноии он.

*Ватандорӣ хидмат аст...*

Басо касо, ки дар Ватан асту онро надорад; ва ҳатто хору бадномаш мекунад, дониста ё надониста дар нобудиаш мекӯшад.

Басо касо, ки дур аз бағали Ватан асту барои вай ҷон меканад.

Беватан нест ғарибе, ки кунад ёди Ватан!
Дар Ватан будаи бе ёди Ватан -- беватан аст!

*(Мастон)*

*Ватандорӣ.*

Дифоъ аз Ватан махсусу маҳдуд ба сарбозон нест.

Дифоъ аз Ватан махсусу маҳдуд ба раҳбарону сиёсатмадорон ҳам нест.

Дифоъ аз Ватан -- вазифаи ҳар нафаре аз аҳли Ватан аст -- чи пиру ҷавон, чи марду зан; ва сарфи назар аз касбу кор ва таҷрибаву ҷойгоҳ.

Ватандорӣ -- дар бораи Ватан андешидан аст, ба нафъи он кӯшидан аст, ғами озодиву ободиву амнияту шӯҳраташро хӯрдан аст.

*Тоҷикистон шод бодо, шод!..*

Тоҷикистон модар аст. Модари озода.

Модаре, ки фарзандонаш аз нодонӣ бо ҳамдастии душманон хор кардаанд.

Агар модар ношод бошад, ҳеҷ фарзандаш хушбахт нахоҳад шуд.

Агар Тоҷикистон ношод аст, ҳеҷ яке аз мо хушбахт нахоҳад буд.

Ҳар кас ва ҳамагон бояд бикӯшем, то модари яккаву ягонаи ҳамаи мо шод бошад. То ҳар яке ва ҳамагон хушбахт бошем.

Тоҷикистон шод бод, то ки хушбахт бошем!

*Офтобпараст.*

Офтобпараст офтоб мепарастад. Бомдодон рӯяшро ба сӯи офтоббаро мегардонаду интизори офтоб мешавад. Чун офтоб баромад, бо тамоми ҳастии беҷонаш то шомгоҳон, яъне то лаҳзаи нопадид гаштани азизи дилаш, ӯро дунбол мекунад. Ва шаб то рӯз рӯяшро боз ба сӯи офтоббаро, беғалат ба нуҷтаи баромади офтоб, мегардонад...

Кунҷкове сари офтобпарастро бурид, то бубинад тани бесар чи хоҳад кард?

Тани бесар чи кард?

То нам дар бадан дошт, худро ба дунболи офтоб кашид.

Чаро ки меҳри кашиш дар хун аст. То хушкидани хун хунрабояш мекашад...

Тоҷикистон Офтоби мост.

Чи бо сарему чи бесарем, то хун дар гардиш аст, аз дунболаш ҳастем!

*Меваи дарахти ҳафтодсола.*

Тухме, ки болшевикҳо дар солҳои бисту сӣ киштанд, ин ҳафтод сол меваи фаровон дод.

Он замон масҷиду мадрасаро хароб карданд, китобро сӯхтанд, муллову мударрисро куштанд, табъи дили худ "мулло" сохтанд ва аз онҳо барои ҷосусӣ истифода карданд. (Муллоён монанди кулли соҳибнуфуз ва соҳибмансабҳо афроди КГБ буданд).

Ин замон мо на танҳо модару меҳан, хоҳару бародар, балки худро ҳам намешиносем.

*Хости душман буд.*

Агар Тоҷикистон модари гиромӣ ва ягонаи ҳамаи мост, пас ҳамаи фарзандонаш бародарон ва хоҳарони ҷониву хунианд.

Оё равост, ки бародарону хоҳарони ҷонӣ ҳамдигарро биёзоранд?

Агар ин корро кардаем, хости душман будааст.

Дареғо ки:

Даст ба ғайр додаву дast зи ҳам кашидаем...

*(Ёдгорӣ)*

*Ҷаҳон, баъди Тоҷикистон.*

Оворае як мушт хоки Тоҷикистонро дар халтачае махмаливу зардӯзиву пӯпакдор андохта ва бо банде абрешимӣ баста, ба дастаи тирезаи хонааш овехта буд.

Ҳар гоҳ бо мақсаде, чунончи: дидани ситораи шом ё моҳи шомхӯрда, муоинаи осмону ҳаво, мушоҳидаи рӯшноӣ ва торикӣ... мухтасар, рӯзе ҳазор бор ба дунёи берун нигоҳ кардан хоҳад, нигоҳаш нахуст ба хоки Меҳан меафтаду пасон ба берун мелағжад.

Овора дунёи ҳастиро аз пушти хоки Тоҷикистонаш мебинад.

*Ҳасрат.*

Оворае, ки нороҳатиҳои зиёде дошт, муҳимтаринашро бо маҳрами розаш дарди дил мекард:

-- Ба як мушт хоки Тоҷикистон хиёнат кардаам, агар дар ин оворагӣ бимирам, ду мушт мешавад. Пӯсту гӯшту устухонам, ки дар интиҳо як мушт хоканд, низ парвардаи обу хоки Тоҷикистонанд. Кам кардани ду мушт хоки Тоҷикистон гуноҳест, ки бахшиданашаванда.

Тоҷикистон, мазҳари ман

Сарзамини камзамин (...)
Чунки фарзандони ту дар тӯли таърихи дароз
Ҳар куҷо рафтанд, муште хок бо худ бурдаанд...

*(Лоиқ)*

***Сарнавишти овора.***

Реги ночизе, ки ба саҳро мебинӣ, замоне харсанг буду дар синаи кӯҳ макон дошт.

Чун овора гашт, ҳақираш карданд. Поймоли мору калтакалос шуд...

Аз фавҷҳои садҳоҳазораи оворагони тоҷик дар солҳои бистуму сиюм акнун дар саҳрои қораҳои гуногуни дунё танҳо-танҳо арзи вуҷуд мекунанд.

Гӯё арзи вуҷуд мекунанд.

***Рӯзшуморӣ.***

Яке аз соҳибватанон аз оворае пурсид:

-- Чӣ муддат аст, ки меҳмон ҳастед?

Гуфт:

-- 1424 рӯз аст, ки аз Тоҷикистон дур афтодаам ва 1310 рӯз аст, ки ин ҷо музоҳим ҳастам.

Мизбон:

-- Яъне ки рӯз мешуморед...

Овора:

-- На танҳо рӯз, балки соат ҳам...

Яке аз ҳозирон ба хотир овард:

-- Зиндониён ҳамин тавр рӯз мешуморанд...

Овора:

-- Онҳо аз мо бартаранд: рӯзи озодии худро медонанд, мо намедонем...

***Зиндонӣ? Астағфруллоҳ!***

Азизе ғарибхонаро рӯшан карда буд. Пурсид:

-- Чанд муддат аст, ки ин ҷо ташриф доред?

Арз шуд, ки:

-- Ҳамин рӯз, яъне 31 урдубиҳишти 1376 хуршедӣ (21 маи 1997 мелодӣ) як ҳазору понсаду шаш рӯз шуд, ки ба обу нони ин азизон шарикам.

Гуфт:

-- Зиндонӣ ҳам рӯз мешуморад.

Ба андеша рафтам...

Ва иқрор кардам, ки зиндагӣ бо зиндониён монандиҳо дорад, чунончи:

-- Рӯзу соати гузаштаро мешуморам. Лекин онҳо рӯзу соати боқиро медонанду ман намедонам;

-- Расман ҷое кор намекунам;

-- Ҷою хобу хӯрокамро муфт додаанд;

-- Ҳамонанди зиндониён худам ҳастаму андешаҳоям;

-- Ин имкон низ ҳаст, ки ҳама авқот масрафи китобу коғазу қалам бошад; тавре ки *Соиби Исфаҳонӣ* дар яке аз мусофиратҳои худ гуфта буд:

То баромад аз Ватан Юсуф, азизи Миср шуд,
Дона гавҳар дар замини поки ғурбат мешавад.

-- Ҳамонанди онҳо муштоқи хабаре аз хона (яъне Тоҷикистон) ҳастам;

-- Ҳамонанди онҳо соати раҳоиро мепоям...

Ва аммо...

Алҳамдуллилоҳ ки зиндонӣ нестам.

Балки меҳмонам. Дар Эрони гиромӣ. Чун меҳмон ғояти иззатро ҳам мебинам.

Ва аммо чи кунам, ки гуфтаанд:

Меҳмонӣ хуш асту хона хуштар...

*Ману ашк.*

Ашкам.

Аммо мехоҳам имтиёзе дошта бошам:

-- Агар вай наметавонад ба хонааш – чашм, баргардад, ман мехоҳам бо ҳар илоҷе, ба хонаам, Тоҷикистонам, баргардам.

*Ваҳдати миллат чист?*

Ваҳдати миллат монанди хонадоне аст, ки аҳлаш:

-- Ҳама ҳамдигарро дӯст медоранд,

-- Ҳурмат мекунанд;

-- Пуштибону ёвари якдигаранд;

-- Ҳар яке бо кору вазифаи худ машғуланд;

-- Ба сардори хонадон дар зарурат машварат медиҳанд;

-- Ва ҳама супоришашро ба ҷо меоранд...

*Такягоҳи ҳамдигар.*

Саодат он ҷост, ки ҳукумат пуштибони миллат бошаду миллат такягоҳи ҳукумат.

Яке бе пуштибонии дигаре натанҳо пеш намеравад, балки буда ҳам наметавонад.

Чун ду рӯи як сикка.

*Нафси аҷал.*

Одамон бинобар биниши худ бар чаҳор гурӯҳ ҷудо шудаанд:

Яке -- худбин,
Дигарӣ -- маҳалбин,
Севвумӣ -- меҳанбин,
Чаҳорумӣ -- ҳамабин.
Якумӣ танҳо бехи бинии худро мебинад;
Дуввумӣ гирди худро мебинад;
Севвумӣ то чашмрас мебинад;
Чаҳорумӣ онро ҳам мебинад, ки ба чашмҳо намехӯрад.
Якумӣ аҷали худро мехонад;
Дуввумиро пас аз марг наздикон ба ёд меоранд;
Севвумиро аҳли миллат зинда медорад;
Чаҳорумиро ҳама зинда нигаҳ медоранд.
Якумиҳо хеле ва хеле зиёданд;
Дуввумиҳо аз онҳо камтаранд;
Севвумиҳо хеле ва хеле каманд;
Чаҳорумиҳо ба замонҳо яке пайдо мешаванд.
Якумиҳо аҷали миллатанд;
Дуввумиҳо бадхоҳи миллатанд;
Севвумиҳо хайрхоҳи миллатанд;
Чаҳорумиҳо бақои миллатанд.

*Меҳри Меҳан.*

Меҳри Меҳанро ба меҳри модар баробар кардаанд.

Шояд.

Ва аммо...

Навозишҳои модарро яке метавонад то андозае ҷуброн кунад.

Валекин навозишҳои Ватанро касе ва чизе наметавонад ҷуброн кунад.

*Зиллат.*

Агар Тоҷикистон модари яккаву ягонаи ҳамаи мост ва ҳамаи мо сарфи назар аз ин, ки яке золиму дигарӣ мазлум, яке дорову дигарӣ бечора, яке дар Ватану дигарӣ овора -- бародарони ҳамдигарем, пас, чаро гурӯҳе бо кӯмаки бегонагон дар муқобили бародарони худ теғ мекашанд?

Фардо он кӯмакгарон нахоҳанд гуфт, ки барои модари шумо пули мо сӯхтааст?

*Тоҷикистони муштипар.*

Тоҷикистон модар буд.

Модари гиромӣ.

Аммо фарзандонаш муштипараш карданд.

Мо кардем.

Фарзанди нодонтар, ки "паҳлавон" маҳсуб мешуд, бар сари бародаронаш теғ бардошт.

Фарзанди тавонотар, ки "раҳбар" маҳсуб мешуд, пояи курсиро дар китфи "паҳлавон" диду каф кӯфт.

Фарзанди донотар, ки "калон" маҳсуб мешуд, аз сояи теғ тарсиду сар даруни гиребон кашид.

Ва...

"Паҳлавон" дар ҳавлӣ яккатозӣ кард. Ва аз модар мушти пар монд.

Агар...

Агар "раҳбар" раҳбарӣ мекарду ҷилави бародари "паҳлавон"-ро мегирифт; агар "калон" калонӣ мекарду забонро на ба ситоиш, балки ба накӯҳиш мегушуд.

Модар мотамдор намешуд,

Аз модар мушти пар намемонд...

Модарро, мо -- фарзандони нодону курсихоҳ ва тарсу, муштипараш кардем...

*Гурусна ва гуруснатар.*

Гурусна дар Ватан гурусна асту гуруснаи овора -- гуруснатар.

Гурусна дар Ватан гуруснаҳои дигарро мебинаду тасаллӣ меёбад, чаро ки "балоҳо ом бошанд, хушанд".

Ва аммо гуруснаҳои овора серонро мебинаду аз алами гуруснагӣ ва дарду ҳақорат гуруснатар мешавад.

*Бадӣ.*

Дастае аз минбару матбуот ва садову симо маслиҳатҳои хирадмандона мегуфтанд, роҳҳои хуруҷ аз ҷангали буҳронро нишон медоданд.

Аммо бефоида...

Қатраи заҳр косаи асалро нобуд мекунад ва қатраи асал дар косаи заҳр бенишон мешавад.

*Қотил.*

Оне, ки силоҳ ба даст гирифтаасту одам куштааст, қотил нест.

Қотил -- системи болшевикӣ ва раҳбарони ваянд, ки ҳувиятҳои милливу мазҳабӣ ва меҳри фарзандиву бародариро дар ниҳоди мо куштаанд.

Магар Павлик Морозов -- душмани қаттоли падари хеш, тимсоли қаҳрамонии болшевикона набуд?!

*Бунбасту кӯр.*

Кишваре, ки самташ равшан нест, бунбаст дар пеш дорад.

Кишваре, ки самташро мардумаш равшан намедонад, ин мардум чашмони баста доранд.

*Гуле ки хор шуд...*

Гуфтаанд, ки гул дар буттаи худ азиз аст.

Вой бар гуле, ки дар буттаи худ хор шуд!

*Сиёсату мавқеъ.*

"Сиёсат" маъниҳои хос дораду ом.

"Сиёсат" ба маънии хос -- роҳу равиши Давлат аст дар робита бо самти кишвару давлатҳои дигар.

"Сиёсат" ба маънии ом -- он донише аст, ки мардум дар бораи ҳадафи аслии роҳбар, самти кишвар ва амалкарди ҳукумати худ медонад. Агар ин дониш комилу рӯшан аст, саҳми мардум дар ҷараёни солими сиёсат ва бад-ин васила -- рушди кишвар, афзуну босамар хоҳад буд.

Касоне, ки мардумро ба "сиёсатзадагӣ" муттаҳам кардани мешаванд, ё аз нодонӣ аст, ё аз душманӣ.

*Мавзӯи иншои озод.*

Тоҷикистон имрӯз мавзӯи иншои озод шудааст: яке барои ошкор кардани ҳақиқати фоҷеа қалам ба даст мегирад, чанде барои ному дағдаға ин корро карданӣ мешавад, тоифае ба умеди курсиву даромади муфт орзуи китоб мекунад...

Ва оне, ки қалам дошта наметавонад, қаламрон киро мекунад. Бахусус имрӯз, ки бозори мардикорони қаламрон гарм аст.

Тибқи таҷриба. Дар ёдҳо ҳаст, ки дар замони Шӯравӣ ба ҷои довталаби мактаби олӣ, гоҳе иншонависи дигарро киро мекарданд.

Ва боз тибқи маъмул: муаллим ба мазмуни иншо чандон кордор набуд, балки ба шакл, ба миқдори ғалати забонӣ баҳо медод...

Имрӯз Тоҷикистон мавзӯи иншои озод аст. Ноширон ба ғалатҳои имловӣ эътибор медиҳанду бо маънӣ коре надоранд.

Ба мазмуни ин китобҳо мардум ва замон баҳо хоҳанд дод.

*На ҳар ки каҷ нишаст, сикандарӣ донад...*

На ҳар ки дар вазорат нишаст, давлатдорӣ донад;

На ҳар ки дар мавзӯи Тоҷикистон китоб навишт, воқеиятро арз кард;

На ҳар ки аз фоҷеаи тоҷик лоф зад, дилаш ба ин мардум сӯхт;

На ҳар ки силоҳ ба даст гирифту тоҷик кушт, ватанпарвар аст;

На ҳар ки аз Тоҷикистон берун рафт, овора аст;

На ҳар ки дар Ватан аст, ватандор аст;

На ҳар ки овора аст, беватан аст...

*Даҳ шарти миллат.*

Ҷамъияти ҳар кишваре дар шароити сиёсиву фарҳангиву иқтисодии поёни садаи бисти мелодӣ ва ибтидои садаи бисту як, бо вуҷуди имконоте шарафи миллатро дармеёбад, аз ҷумла:

1 -- Агар хоку марзу шаҳрҳои таърихӣ дошта бошад;

2 -- Агар ҳама ҳаққу ҳуқуқи ҳар якеро, ки хуни нофи ҳафт пушташ дар ҳамин марзу бум рехтааст, ба обу хоки он қоил бошад;

3 -- Агар забони қавми асосии кишвар давлатӣ бошад, ҳама онро донаду эҳтиром кунаду ба кор барад;

4 -- Агар аҳли илму адабу фарҳанг пеши ин ҷамъият мӯҳтарам бошанд;

5 -- Агар Давлат ғамхору хидматгузори ҷамъият, ҷамъият фармонбардори Давлат бошанд;

6 -- Агар ҷамъият ятиму бевaву бечораву барҷомондагонро гиромӣ доранд;

7 -- Агар Давлат самти кишварро дуруст муайян карда, агар ин ҳадафро рӯшан дида, барои расидан ба он худро масъул дониста бошад ва кӯшиш ба харҷ диҳад;

8 -- Агар ҳар фарде ёдгориҳои таърихӣ, сарватҳои табиӣ ва суннату арзишҳои зиндагисозии мардумиро донаду ҳифз кунад ва барои афзунии мафохироти кишвар бикӯшад;

9 -- Агар ҳар фарде ҳам ҳисси ифтихор ва ҳам эҳсоси масъулиятро дошта бошад, ки узви фалон миллат аст;

10 -- Агар аҳли кишвар афроди сазовортарро ба раҳбарӣ гузида тавонад, эҳтиромашро гузорад ва дар ҳузуру ғайбаташ "шумо" гӯяд...

*Мушхона.*

Вақте фаразандони нимбедори ҷомеа аз тарси гум кардани ҷои гарм, худро ба хоб мезананд, авбошони зиндонӣ ба мақоми раҳбариву бобой мерасанд ва ба пӯсти бедорҳо коҳ ҷой мекунанд.

*Дар хами кӯчаи якум.*

Аҳмад, ки масъул буд, гуфт:

-- Миллат, аҳли ислом аст, сарфи назар аз қавмаш, хоҳ тоҷику тозӣ, хоҳ тотору зангӣ.

Тошмад, ки вазифааш поинтар буд, изҳор кард:

-- Пеш ҳамин тавр мегуфтанд. Ва баъд дигар шуд; яъне миллат, аҳли як қавм аст, бо шароите, ки худро шинохта ва рушди фарҳангиву иқтисодиву сиёсӣ дошта бошанд.

Эшмад, ки ҳеҷ мансаб надошт ва фикрашро ҳам касе намепурсид, гуфтанӣ шуд:

-- Миллат аҳли як кишвар ҳастанд, дар сурате, ки худу кишварашонро шинохта, ҳувияти худро бо ҳастии кишвар комил эҳсос мекарда бошанд.

*Душмани гиребонгир.*

Дар фитнаи Тоҷикистон душманро ҳама ҷо меҷӯянд: дур, наздик, дарун, берун...

Дуруст мекунанд: душманро бояд шинохт, то аз фитнаи дигар пешгирӣ карда бошем.

Ва аммо душмане дорем, ки зери биниӣ асту намебинем; гоҳе бинем ҳам, нодида мегирем.

Ин душман дар даруни куртаи мост. Ва дасташ ҳамеша дар гиребонамон.

Ва аммо ҳеҷ не, ки ӯро дурусттар бишиносем.

Ба шарте хоҳем шинохт, ки ба ин пурсишҳо посухи дуруст ёфта бошем:

-- Чаро мансабталошӣ кардем? Чаро даст ба ғорату дуздӣ задем? Чаро хона сӯхтему одам куштем?..

-- Барои нафс.

*Шарафи миллат.*

Ҷамъият шарафи миллатро он гоҳ дармеёбад, ки ҳамаи аъзояш – чи марду зан, чи пиру ҷавон, чи мактабхону бознишаста -- рисолати аслии худро хуб шинохта ва лоиқи ҳоли худ барои иҷрои он талош варзанд.

*Паррехта.*

Агар миллат соҳиб надорад, паррехта аст.

*Ҳеҷ.*

Чизҳое ҳастанд, ки дар замоне аз онҳо як маънӣ ирода мекунанд, дар замоне дигар маънии дигар, чунончи:

Ҳеҷро ҳар чиз кардӣ, зинда бош эй инқилоб!

Оне ки ҳеҷ аст, яъне ки аз ҳама чиз холиву тиҳӣ ва маҳрум, дар ҳама замонҳо муҳаққар аст.

Ва аммо дар замони Шӯравӣ *ҳеҷӣ* сифате мусбат шуд.

Агар *ҳеҷ* бошад, *чиз* шуда метавонад?!

*Шинохти ҳикмат.*

Ҳикматҳои раҳматӣ падари бузургвор, чунончи "нафси бад балои ҷон", "кам хӯру ҳамеша хӯр!", "ними нон роҳати

ҷон, яктои нон балои ҷон"... тамоми умр дар гӯшам садо медиҳанд. Ва аммо маънии комили онҳоро имрӯз мефаҳмам.

Дар имтиҳони фоҷиаи Тоҷикистон.

*Суннат.*

Вақте олиму шоиру нависандаву омӯзгор дасту пои чапро аз дасту пои рост намешиносад ва бар хосияти онҳо қоил нест, хайрият аз он қавм умед накунанд.

*Сабақе аз бузурге.*

Оворае аз ихлоси худ ба *Бозор Собир* сӯҳбат мекард:

-- Гуфтаанд, ки ҳар ҷое бошам, ба сӯи деҳ пой намеёзам, ба хотири он ки хоки модарам он ҷост. Аз қиёси ҳамин -- мегуфт овора -- сӯи офтоббаро пой дароз намекунам, рӯй ба он сӯй ҷавоби чой намедиҳам, чунки он ҷо Тоҷикистон ҳаст.

*Ягона.*

Дар ин ҳазору анд сол, ки гузашт, касони бисёре шоҳнома навиштанд.

Ва аммо *шоҳи номаҳоро* танҳо *Фирдавсӣ* суруд.

*Фирдавсӣ.*

Шоирони ҳунарманд зиёд буданд. Ҳатто соҳибони волотарин ҳунар.

Ситоишгарони Меҳан ҳам зиёд буданд. Ҳатто меҳанпарастони ашаддӣ.

Ва аммо шоире, ки волотарин ҳунарро нисори Меҳан карда бошад, танҳо *Фирдавсӣ* аст.

*Мавзӯи бепоён.*

Ҳама гуна мавзӯъ интиҳо дорад.

Ҷуз мавзӯи Меҳан.

Ҳама гуна мавзӯъ кӯҳнагӣ дорад.

Ҷуз мавзӯи Меҳан.

Гувоҳаш "Шоҳнома" -- *шоҳи номаҳост.*

*Мавзӯи ом.*

Ҳама гуна мавзӯъ ба доираи тоифае махсусу маҳдуд буда метавонад.

Ба ҷуз мавзӯи Меҳан, ки ом аст, барои ҳамагон ва ҳамеша.

Монанди "Шоҳнома", ки *шоҳи номаҳост.*

***Чашмсерӣ ва чашмгуруснагӣ.***

Агар Фирдавсиву Унсурӣ -- ин ду шоири тавонои мо, ки дар як замон зистанд, яке бузург шуда ва дигаре нашуда бошад, иллаташ ин буда, ки яке ба дунё бо чашмони калон нигариста ва аз он сер будааст, дигарӣ бо чашмони танг нигоҳ карда ва аз он сер нашудааст.

***Шоҳи номаҳо.***

Ҳангоме бегонагон "Шоҳнома"-ро чун "Китоби шоҳон", "Китоб дар бораи подшоҳон" тафсир мекунанд, чандон ҷои алам надорад: бегонаанд ва забонро нағз намедонанд; ва шояд ғараз ҳам дошта бошанд.

Вале вақте баъзе аз нависандагони худӣ ҳамин маъниро такрор менамоянд, чунончи пажӯҳишгари тоҷик, дуктур Комил Бекзода гуфтааст:

Номаи шоҳон накӯҳишномаи бедодҳост,
Нуктасанҷон рози ин бедодро нашнохтанд.

Хеле аз нависандагони эронӣ низ ҳамин маъниро гуфтаанд.

"Шоҳнома"-- *шоҳи номаҳост.*

Аз қиёси "шоҳасар", "шоҳбайт", "шоҳкор", "шоҳкоса", "шоҳраг", "шоҳроҳ", "шоҳсуфа", "шоҳтут", "шоҳсутун" ва...

Ҳанӯз Абӯрайҳони Берунӣ вожаҳои "шоҳбулут", "шоҳлуҷ" (олуи калон ва сафеди ширин), "шоҳмуруд" ва монанди инҳоро ба кор бурда буд.

***Ғараз.***

Соҳибқаламе, ки ҳамқалами худро аз сиёсат фаро мехонад, дар ғафлати мардум манфиат дорад.

Соҳибқаламе, ки ҳамқалами худро ба сиёсат фаро мехонад, дар бедории мардум манфиат дорад.

Воқеан, ки:

Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст,
Он шиносад, ки дилаш бедор аст.

*(Рӯдакӣ)*

*Дастеву шохае.*

Ҳар яке аз бузургон дасте ба шохае дароз карда ва мевае хос барои мардум фароҳам овардаанд. Чунончи устод *Рӯдакӣ* ва ҳувияти Сомониён, ҳаким *Фирдавсӣ* ва Эрон, ҳаким *Носири Хусрав* ва фарҳанг, шайх *Саъдӣ* ва панд, *Хоҷа Камол* ва ишқ...

Ҳамин ҳол дар замони нав низ идома доштааст, чунонки аллома *Аҳмади Дониш* ва маърифат, устод *Айнӣ* ва бедории мардум, устод *Улуғзода* ва мафохироти тоҷикон, устод *Бозор Собир* ва миллат...

*Фардо ва соли оянда.*

Мехоҳем, ки фардо аз имрӯз ва соли оянда аз имсол беҳтар бошад.

Ва дар чунин хоҳиш ҳақ ҳам дорем. Чаро ки аз имрӯзу имсоли худ чандон қаноатманд нестем.

Аммо фардову соли оянда ба худии худ беҳтар намешавад. Фардову солиояндаро *бояд* беҳтар кард.

Фардову солиояндаро як нафару ду нафар, даҳ нафару сад нафар беҳтар карда наметавонад. Агар тавонад, барои худ мекунаду бас. Беҳбудии як нафару ду нафару даҳ нафару сад нафар дар баробари ҳамагон маъние надорад.

Лозим аст, ки фардову соли оянда барои ҳамагон беҳтар карда шавад; зарур аст, ки ҳамин беҳбудиро *ҳамагон* бихоҳанд; ва зарууртар он аст, ки ҳамагон барои беҳбудӣ *талош* аз худ зоҳир намоянд. Ва ҳар яке дар ҷои худ: хурд ба андозаи хурдтар, бузург ба ҳадди бузургтар. Ончунон ки мошин қисмҳои бузург ҳам дорад ва мурватҳои хурд ҳам.

*Нисбияти нағзӣ.*

Рӯзе аз рӯзҳо метавонад нағз бошад. Соле аз солҳо метавонад нағз бошад.

Даврае аз даврахои дигар метавонад нағз бошад.

Аммо имкон надорад, ки рӯзеву солеву даврае мутлақ нағз бошанд.

Чаро ки панҷ ангушт баробар нест. Чунки шаб ҳасту рӯз ҳам ҳаст, гармо ҳасту сармо ҳам ҳаст...

***Таассуб.***

Таассуб бо як сухан, дидани чизест аз як паҳлӯ, дудаста часпидан ба ҳамон паҳлӯ ва нодида гирифтани паҳлӯҳои дигар.

***Тарозуи дигар.***

Ба чиз, ҳодиса, масъала ва ... намешавад бо як дидан аз як паҳлӯ баҳои комил дод. Аксари моҷарову нохушиҳо аз дасти он мехезанд, ки одам бо дидани як тараф қаноат карда ва ҳукм ронда.

Баҳо дар он сурат дурусту воқеӣ хоҳад буд, ки пеш аз ҳукм кулли тарафҳо бо ҳавсалаи том муоина гашта, ҷиҳатҳои торику рӯшан ва мусбату манфии он ҷамъу тарҳ шуда бошанд.

Essential: Ончунон ки вақти харидории чизи муҳимме тамоми тарафҳои онро такрор батакрор аз назар мегузаронанд.

***Сиёсатмадор.***

Барои сиёсатмадор сиёсат аввал асту барои инсон -- дил.

Яке аввал сиёсатмадор асту баъд инсон.

Дигарӣ аввал инсон асту баъд сиёсатмадор.

***Як сухани мушкил, як гоми сангин.***

Гоҳе як сухан ва ё як қадам фоҷеаро пешгирӣ менамояд.

Ва аммо иқбол баргардад, гуфтани ҳамон як сухану бардоштани ҳамон як гом хеле ва хеле душвор мешавад. Ба андозае, ки на ҳар кас аз ӯҳдаи он бармеояд.

Агар оқои *Қаҳҳор Маҳкамов*, умраш дароз буд, як даҳан мегуфт, ки: "дар Баҳманмоҳи Хунин халқи тоҷик гунаҳкор нест, гунаҳкор дигаронанд", фоҷеаи Тоҷикистонро пешгирӣ карда буд.

Агар оқои *Раҳмон Набиев* (худо биёмурзад) як қадам мегузошт ва назди мардуми пушти дараш, ки панҷоҳ шабу рӯз вайро мехонданд, ҳозир мешуд, фоҷеаи Тоҷикистонро пешгирӣ карда буд.

Агар ҳамон оқои *Раҳмон Набиев* ба пурсиши бадхоҳон, ки мехостанд тазоҳуроте дигар ташкил бидиҳанд (ва доданд), як даҳан "не" мегуфт, фоҷеаи Тоҷикистонро пешгирӣ карда буд...

*Иттифоқу ихтилоф.*

Иттифоқи сиёсат бо илму фарҳанг калиди шукуфоӣ ва омили озодии инсон будааст. Чунонки Бухоро дар давраи *Сомониён*, Русия дар ҳукумати *Пётри Кабир.*

Ихтилофи сиёсат бо илму фарҳанг омили ҷаҳлу таассубу зиндон аст. Чунонки зиндагӣ дар замони Темури Ланг, Манғитиён ва Шӯравӣ буд.

*Пирӯз кист?*

Замоне ҷамъияти ҳамаи шаҳрҳои Фарорудро қавмҳое ба нажод эронӣ ташкил медоданд. Ба замони дигар аз дашту саҳро қабоили кӯчӣ ба шаҳрҳо нишеб шуданд; оҳиста-оҳиста шаҳрҳоро соҳибӣ карданд. Ва кардан доранд. Марву Насафу Кеш...ро ҳазм карданд, Бухорову Самарқанду Чуст...ро ҳазм кардан доранд; ба Кӯлобу Бадахшону Кобул чашм дӯхтаанд...

Ду нерӯ бо ҳам ҷанг кард. Ҷанги ошкоро, бештар тадриҷиву пинҳонӣ, на нерӯи ҷисмонӣ ва нерӯи фарҳангӣ. Ва ҳар ду ҳам пирӯз шуданд: яке дар ҷисм, дигаре дар фарҳанг.

Пирӯзии онҳоро ҳама мебинанд. Чунки ҷисмонӣ асту ҳама намудор. Ва аммо пирӯзии инҳоро на ҳама мебинанд. Чаро ки фарҳангӣ асту танҳо ба чашми ақл метавон дид.

Ба ин гуфта ҳамин як мисол кофист: агар билфарзи "Шашмақом" аз таркиби мусиқии Ӯзбакистон хориҷ карда шавад, чӣ боқӣ мемонад?

*Гул бирезад, нарезад аз вай бӯй...*

Як қошуқ асалро ба як пиёла чои доғ андохтанд.

Асал акнун асал нест. Чой ҳам дигар чой нест. Балки *асалчой* шуд.

Тоҷикони хеле аз минтақаҳои Фарорӯд мисдоқи ҳамин асаланд.

*Ду нигоҳ ба ҳизб.*

Баҳс дар бораи нерӯ ва нуфузи ҳизб мерафт.

Ҷобир мегуфт:

-- Обрӯи ҳизб аз сафи вай аст, аъзо бисёр бошад, ҳизб ҳам пирӯз аст.

Носир фикри дигаре дошт:

-- Нерӯи ҳизб дар мағзи вай аст, дар мавқеъ ва равиши вай аст, миёни масоил ва ҳодисоти зиндагӣ.

Нозир доварӣ кард:

-- Ҳар ду ҳам ҳақ ҳастеду дар ҷои худ дуруст мегӯед. Тафовут дар ин аст, ки гапи Ҷобир дар заминаи дирӯз асту гапи Носир аз фардо. Тамоми ин солиёни гузашта ақли мардум занҷирбанд буду ҳар чи сардор мегуфт, ҳақиқати кулл мепиндошт ва тибқи он бечуну чаро амал мекард. Дар он шароити султаманиш обрӯ ва нуфузи ҳизб воқеан дар сафи аъзои он буд. Ва имрӯз кишвар истиқлоли дорад ва мардум ҳам наметавонанд бо ақли занҷирбанд зиндагӣ кунанд ва истиқлолу озодии воқеии кишвари худро таъмин намоянд. Зарур аст, ки имрӯз мардум ақли фаъолу ҷӯё дошта бошанд, сухани нағзи пурмағзро аз гапи гандаву зарарнок худашон ташхис бикунанду амал намоянд. Ҳамин аст, ки имрӯз, бахусус фардо, обрӯи ҳизб аз мавқеъ ва равиши он мехезад. Он ҳизб обрӯманд хоҳад буд, ки масъалаҳои печидаи зиндагиро ҳаматарафа ва мудаққиқона таҳлил карда, ҳодисоти ояндаро беғалат пешгӯӣ карда ва роҳи дурусттаринро ба мардум ҷасурона нишон дода тавонад. Ҳизби нерӯманд он аст, ки дар канори мардум аст, на бар сари вай.

*__Ҳизб чист?__*

Аҳмаду Тошмаду Эшмад дар бораи зӯрӣ ва заъфи се ҳизби умдаи Тоҷикистон баҳс доштанд.

Якумӣ Ҳизби Камунистро "зӯр" мегуфт:

-- Анд ҳазор аъзо дорад, молу мулк дорад, ҷоҳу мансаб дорад...

Дуввумӣ Ҳизби Наҳзати Исломиро ситоиш мекард:

-- Нерӯи разманда дорад, силоҳ дорад, пуштибон дорад...

Севвумӣ аз Ҳизби Демократ ҷонибдорӣ менамуд:

-- Зӯрии ҳизб дар теъдоди аъзо нест, дар силоҳу дасти дарозу молу ҷоҳ низ нест. Нерӯи ҳизб дар ақидаи вай аст, дар кушода тавонистани муҳимтарин масъала ва гиреҳҳои иҷтимоӣ аст, дар ёфтани роҳи беҳтарин аст. Ҳизб он нест, ки дар сари мардум ҷо бигираду ба вай фармонфармоӣ кунад. Балки асли ҳизб дар он аст, ки бо мардум бошаду ба вай роҳ нишон диҳад...

Ва аммо ҳар се ба ин натиҷа расиданд, ки:

-- Зӯрӣ ва саодати ҷомеа дар ин аст, ки ҳамаи ҳизбу созмонҳо эҳтироми ҳамдигарро баҷо оранд ва аз ҳар сӯе дар хидмати миллату кишвар бошанд.

*Фитнаи болшевикона.*

Созмони мардумии "Растохез" ки рисолати худро дар начоти чумхурӣ аз бӯхрони фарҳангиву иқтисодӣ медид, дар поёни соли 1989 ба фаъолонаш маслиҳат дод, ки дар интихоботи порлумонӣ сабти ном кунанд. Ва созмон ба мардум рӯй овард, то ба фарзандони дилсӯзи худ раъй бидиҳанд. Дар қабули ин даъват гурӯҳе аз донишмандону донишгоҳиён, адибону рӯзноманигорон, омӯзгорону пизишкон номзад ба депутатӣ шуданд.

Кумитаи марказии Ҳизби Камунистии Тоҷикистон, ки аз тарси гум кардани мавқеи диктотурии худ ба ҳар гуна фитна қодир буд, ба кумитаҳои вилоятиву шаҳрӣ ва ноҳиявии худ супориш дод, ки аз ҳамаи чаҳордаҳ нафар растохезӣ ва тақрибан панҷоҳ нафар рӯшанфикри дигар, ки номнавис шудаанд, бо ҳар роҳ аз интихобашон пешгирӣ шавад.

Ва камунистон, ки ҷуз курсӣ ягон чизи дигар дар андешаи эшон чарх намезад, супоришро аъло иҷро карданд: танҳо ду нафар аз фарзандони дилсӯзи мардум: шоир *Бозор Собир* ва доктор *Тоҳири Абдуҷаббор* интихоб шуданду бас.

Агар бист нафари дигар, лоақал даҳ нафар аз фарзандони дилсӯзи мардум дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурӣ меомад, нафарони ношоиста бар сари Тоҷикистон ва Шӯрои Олии он шояд намеомаданд.

Ва фоҷеа ҳам бар сари Тоҷикистон намеомад.

*Савдои болшевикона.*

Таърихи тақрибан садсолаи камунистҳо такрор батакрор собит карда, ки ҳангоми дифоъи манофеъи ҳизбии худ ба ҳар қабоҳат, ҳатто сӯхтору куштор осон даст мезананд.

Ду мисоли бе баҳс дар ҳамин маънӣ.

Чун дар соли 1990 эҳсос карданд, ки диктотурӣ дар порлумон аз даст меравад, Баҳманмоҳи Хунинро эҷод карданд.

Чун дар соли 1991 диданд: курсии раёсати ҷумҳурӣ аз даст меравад, ду шаҳри як миллат, ду фарзанди як моми Тоҷикистон, яъне Хуҷанду Хатлонро "бародаршаҳр" эълон карданд.

"Бародархонда" бегонагон мешаванд, ё бародарон?

***Камунистон пешвоянд?***

Дар кулли вилояту шаҳру ноҳияву деҳот ҳамагуна дастгоҳи давлативу иқтисодиву иҷтимоиву фарҳангӣ, магар дар дасти камунистҳо набуд?

Дар кулли вилояту шаҳру ноҳияву деҳот ришваву фасоду тороҷи амволи ҷамъиятӣ ва истисмори оммаи заҳматкаш магар равнақи рӯзафзун надошт?

Агар камунистҳо пешво буданд, чаро ин офатҳоро пешгирӣ накарданд? Балки офариданду доман заданду обу тобаш доданд?!

Агар камунистҳо пешво буданд, чаро имрӯз, ки мардум нони хӯрданӣ ва чӯби сӯхтанӣ надоранд, онҳо тафохур ба осмони ҳафтум мезананд? Имрӯз, ки ҳатто ҳукумат наметавонад рӯзномаашро муттасил ба чоп расонад, аз куҷо рӯзномаҳои сершумори камунистӣ ба чандин забон чоп мешаванд ва боз ҳам бо сафсатаҳо ва ваъдаҳои осмонӣ мағзи одамонро гиҷ мекунанд?

Агар камунистҳо пешвоянд, чаро бахше аз дуздиҳои худро дар ин рӯзи сахт ба соҳибонашон, яъне мардуми бечора, намебахшанд?

Чаро ҳанӯз ҳам бар фарози мардуманд?

Чаро бар канори мардум намеоянд?

Онҳо пешвоянд? Ё пеш вой?

***Даҳ иллат.***

Аҳмад, ки аз ҳизби камунист ҷоҳу ҷалолу манол ёфта буду акнун бохта, ва намедонист куҷо дандон занад, гуфт:

-- Айби шумо, демократҳо, ин аст, ки ҳамаи камунистҳоро ганда мегӯед, тамоми давраи Шӯравиро сиёҳ мекунед...

Эшмад, ки на молу ҷоҳ дошт ва на аз даст дода, вале ба ҳаққу ҳуқуқи бохтааш дилаш месӯхт, гуфт:

-- Ҳар кас инро гуфта, ғалат кардааст. Аксари камунистҳо одамони поку меҳнатӣ буданд. Ва ҳамаи онҳоро "бад" гуфтан: "ширро" сиёҳ гуфтан аст. Давраи Шӯравӣ таърихи се насли одамони шӯравӣ аст. Ин давраро комилан сиёҳ гуфтан – аз як фосилаи бузурги таърихи ҷаҳон чашм пӯшидан аст... Ва аммо иллат дар одамони ҷудогона набуд, балки дар усули диктотурии Давлати Шӯравӣ, яъне дар моҳияти аслии Ҳизби Камунист буд. Ва ин иллатҳоро

лашкари бузурги камунистсарварон амалӣ мекарданд. Лашкаре, ки сараш дабири кулли ҳизби камунист буду думаш котиби ташкилоти камунистии корхона, муассиса, идора, донишгоҳ... Иллатҳои усулии онҳо зиёданд, чунончи:

-- Худоро инкор карданд,

-- Паёмбарро нашинохтанд,

-- Расму одатҳои дар таҷрибаи асрҳо танзимёфтаро шикастанд,

-- Усули бозорро зери по гузоштанд,

-- Ҳувиятҳои милливу меҳанпарастиро пушти по заданд,

-- Гуногунфикриро, ки асоси пешрафти ҷомеа аст, аз миён бардоштанд,

-- Худро ба синфи имтиёзноки ҷомеа табдил доданд,

-- Ҷилави тавбаро аз ёд бурданду лаҷоми нафсро сар доданд...

Аҳмад, ки мулзам шуда буд, тоқат наёварду гуфт:

-- Ҳамин қадар шумурдед, кофист. Кофист...

*Иштибоҳ?*

Эшмад, ки аз нозпарвардони Ҳизби Камунист буду намедонист ба кӣ часпад, гуфт:

-- Ҳизби Демократ нағз сар кард. Ва аммо баъд ба иштибоҳ роҳ дод. Агар ба иштибоҳ роҳ намедод, обрӯи бештар мегирифт ва ҷонибдоронаш ҳам зиёд мешуд.

Вай иштибоҳи Ҳизби Демократро ба фаҳми худ тавзеҳ дод:

-- Бо Ҳизби Наҳзати Исломӣ ҳамроҳ шуд, ки ҳамин кораш нағз набуд.

Эшмад посух дод:

-- Мо бо Наҳзати Исломии Тоҷикистон, бо "Растохез"-у "Лаъли Бадахшон" иттиҳоди тавоно бастем ва диктотурии Ҳизби Камунистро шикастем, ҳукумати Мусолиҳаи Миллӣ ҳам таъсис додем; ва аммо душман зӯрӣ карду дӯст нодонӣ, ҷанг сар шуд. Акнун ҳам мо бо ҳам ҳастем; бо ҳамаи нерӯҳое, ки барои озодии комил ва истиқлоли Тоҷикистон, барои бозгашти оворагон талош мекунанд, ҳамроҳ ҳастем, агар ин ҳамроҳӣ гуноҳ аст, мо онро ба гардан мегирем...

*Сарчашмаи лутф.*

Теҳрон. 1994. Даҳуми август. Шомгоҳон.

Ҷаласаи фақиронае дар бузургдошти чаҳорумин солгарди Ҳизби Демократи Тоҷикистон дар ҷараён буд.

Сухан аз дарди Тоҷикистон мерафт. Аз иғвои душманон. Аз бародаркушии тоҷикон. Аз тоҷиккушии бегонагон. Аз ноўҳдабароии роҳбарон...

Навбати сухан ба доктор *Маҳмадуллоҳи Лутф* расид.

Эшон дона-дона ҳарф мезаданд. Паст. Хеле паст. Гоҳе танҳо лабашон меҷунбид.

Ва аммо ҳозирон ҳамаро шуниданд. Ба гўши ҷон. Ҳарфе раҳо намешуд.

Ҳама шоҳид шуданд, ки ашк дона-дона шориду риштаи суханро тар карду канд ва донаҳои суханро пошид...

Гуфтаи яке аз аҳли дил ба ёд омад:

-- Оби чашм аз сафои дил аст.

### *Мушкили Тоҷикистон.*

Аз муҳимтарин мушкилоти Тоҷикистон яке ин аст, ки бар сари раҳбарии он даҳҳо нафар даъвогар буданд.

Ва аммо миёни ин даҳҳо нафар якеро ҳам надидем, ки бори масъулият эҳсос мекарда бошад.

### *Табар.*

Мо ба монанди меваему Тоҷикистон дарахт.

Дарахт дар амон бошад, ҳар баҳор мева меорад...

Душман, ки пухтанамост, ба бехи ин дарахт табар мезанад. Дукаса аз ду тараф мезанад. Бо дасти худамон. Ғофил аз ин, ки ин дарахт набошад, водии сабз биёбон мешавад.

Мо, ки ҳанўз ҳам хомем, ҳай шодона табар мезанем; аз "боракалло!" гуфтанаш болу пар пайдо мекунем...

### *Подош.*

Тоҷикон бо араҷи пешониву хуни ҷигар, гоҳе бо баҳои сар, кохи ҷаҳонии фарҳанг бунёд карданд, шаҳрҳо сохтанд, боғу бўстон обод намуданд...

Ҳамин ҳусн ин қавмро борҳо оғуштаи хун кардааст. Ва ин бор ҳам кард.

Монанди ин ки сайёдро бар сари сайд хуни худи вай меорад.

Ончунон ки булбулро хонишаш ба қафас даровардааст...

*Подош кадом аст?*

Барои андешаи неку рафтори неку кирдори нек *Дақиқиву Наҷмиддини Кубро,* шайх *Атторy Мансури Халлоҷ, Ҳилоливу Ҳозиқро* ба қатл расонданд, ба чашмони устод *Рӯдакӣ* мил кашиданд; *Адиб Собиру Абдулқодирхоҷаи Савдоро* ба оби рӯдхона ғарқ карданд; *Носири Хусраву Хоҷа Камолро* дар биёбони ғурбат андохтанд; Шайхурраис *Бӯалии Сино* ва *Масъуди Саъди Салмонро* борҳо ва муддатҳо ба зиндон кашиданд; ҳаким *Фирдавсиро* пас аз маргаш ба гӯристон роҳ надоданд; гӯри *Абдураҳмони Ҷомиро* (ки хушбахтона писараш ҷасадро пешакӣ кӯчонда буд) ба оташ кашиданд; устод *Айниро* 75 чӯб заданд, *Туғралро* куштанд, лабони *Фаррухии Яздиро* дӯхтанд; *Лутфулло Бузургзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Абдушукур Пирмуҳаммадзодаро* амдан ба дами Аждаҳои Ҷанг фиристоданд; *Пирам Сатториро* тирборон карданд; *Бозор Собирро* 279 рӯз дар зиндон нигоҳ доштанд...

Подош ҳамин буд?

На.

Ин кӯрнамакӣ буд. Қадрношиносӣ буд. Аз нодонӣ.

Подош -- он номи нек аст, ки дар сафҳаи таърих ва синаи мардумон сабт ёфта.

Барои ҳамеша.

*Ғофил.*

Оворае ғарра буд, ки дорои кох асту ҳамаи наздиконашро низ берун кашида ва ҳамаро бо хонаву ҷою маош таъмин намуда.

Вай мепиндорад, ки ба кишвар чандон ниёз надорад.

Вай медонад, ки ин кох моли ӯст. Ва аммо намедонад, ки замини кох аз вай нест.

*Бегона.*

Чеҳраи амаки Исмоилҷон ҳеҷ аз пеши чашм дур намеравад.

63 сол пеш модараш аз Бухорои шариф берун бурдааст. То писараш кофир нашавад.

Амаки Исмоилҷон ҳама чизро ёфтааст: хонаву дар, ду писару ду духтар, набераҳо.

Аммо чизе, ки нороҳаташ мекунад, ин буда, ки дар поспурташ навиштаанд: "бегона".

Амаки Исмоилҷони бухороӣ ҳама чизро ёфта, аммо худиро гум кардааст.

*Ватанпарвар.*

Ватанпарвар -- касест, ки сарфи назар аз синну солу касбу кор дар бораи Ватан андеша ронад ва то қадри имкон бикӯшад, то фарзанду набераву абераааш сокин дар Ватан бошад, бо амну осоиш.

Ватанпарвар -- касест, ки ҳарчи дар тавон дорад, сарф кунад, то дар шиносномаи наслҳои ояндааш нанависанд: "табааи бегона".

*Ватандӯстӣ.*

Меҳанпарваре бо ҳамватани худ баҳс дошт.

Вай мегуфт:

-- Ватандӯстӣ суханбозӣ нест. Балки феълу амал аст. Меҳанпарвар касест, ки на танҳо фикру зикраш, балки кораш ҳам бар нафъи кишвараш бошад. Барои ин мақсад ҳатто аз роҳату маишаташ ҳам даст бикашад.

Вай афзуд:

-- Меҳанро бесабаб "мом" нагуфтаанд, "модар" нагуфтаанд. Агар ҳар фарзанде вазифадор аст, то модари худро чун гавҳараки чашм ҳифз намояд, ҳамин тавр, қарзи фарзандии ҳар фард аст, ки моми меҳанро нигаҳдориву нигаҳбонӣ кунад.

*Миллатдӯстӣ.*

Миллатпарваре бо ҳаммиллати хеш баҳс дошт.

Вай мегуфт:

-- Миллатдӯстӣ суханбозӣ нест, балки тинату кор аст. Миллатпарвар касест, ки на танҳо фикру зикраш, балки рафтору кирдораш низ бар нафъи миллаташ бошанд. Чунончи одоту русуми миллаташро аз таҳи дил баҷо орад, забонашро эҳтиромона ба кор барад...

Вай афзуд:

-- Миллатро дар тамсил "падар" гуфтаанд. Чаро ки он ҳамчун падар муҷассамаи таҷрибаву донишу ҳикмат аст. Азбаски фарзанд вазифадор аст, то ҳамаи фармудаҳои

падарашро иҷро кунаду худашро тоҷи сар донад, ҳамин тавр, ҳар фарди соҳибшуур қарздор аст, ки боби миллатро дар тори сар дошта бошад.

*Бандгумкарда.*

Касе эътиқоди динӣ надорад, аз банде маҳрум аст, ки вайро бо дигарон, бо ҷомеа, бо гузашта ва имрӯзу фардо мебаст.

*Иҷоранишин.*

Касе эҳсоси миллиро надорад, гӯё ки дар хонаи падарӣ басар намебараду иҷоранишин аст.

Дар ҷое бегона, ба муддате номуайян.

*Хоб.*

Гурусна нон хоб мебинад, овора -- Ватан.

*Доғи ҳасрат.*

Доғи ҳамаи ҳасратҳо, чунончи ҷудоӣ аз дӯстону наздикон, ҳатто падару модар, ба гузашти замон хурдтару сардтар мешавад.

Ҷуз ба доғи ҳасрати Ватан, ки бо гузашти замон калонтару сӯзонтар гардад.

*Озодӣ.*

Агар дар порлумон баҳс то даст ба гиребон кашад, метавон гуфт, ки интихобот озодона сурат гирифтааст.

Аммо агар баҳс тунд дарнагирад -- ё диктотурии шадид аст ва ё доду ростӣ дар ҷсмеа ҳокими мутлақанд.

*Хонаи Тоҷикистон.*

Агар Тоҷикистон ба ҳукми хонаест, ҳар яке аз аҳлаш хиштеву сангеро мемонад.

Бо рафтани як нафар аз аҳли Тоҷикистон, хиште ва ё санге аз ин хона кам мешавад.

Мабод, ки ин хона фурӯ равад!

*Боз ҳам мурғи андеша.*

Мурғи андеша зодаи табиат нест. Набераи вай аст.

Вайро одам месозад.

Вай гиряро медонаду замону маконро намедонад.

Чунончи, ин мурғи андешаи ман дар сонияе ба замони *Куруш* меравад, бар сари оромгоҳаш меояд, дар сонияе дигар ба суроғи *Шайхурраис* меравад, ба гӯри танҳои *Исмоили Сомонӣ* сар мехалад, дар сонияи севвум бар фазои "Майдони Шаҳидон" пар мезанад ва тори хаймаи оворагонро дар канори Ому ба нишон мегирад...

Ин мурғи андешаи ман, ки зодаи табиат несту зодаи одам аст, гоҳе одамвор ба фиғон меояду гирён мешавад.

На як бор, балки борҳо дидам, ки ин мурғ бар фарози ҷадидон зор-зор гиристааст, бар фарози шаҳидони замони болшевикҳо зор-зор гиристааст, бар суроғи гӯрҳои ғарибонаи Магадану Мадагаскар рафтааст, бар кӯрии ақли раҳбарон талх-талх гиристааст.

Ва имрӯз бар ҳоли зори Тоҷикистони бесоҳиб зор-зор мегиряд...

*Гавҳари виҷдон.*

Фоҷеаи Тоҷикистон нишондиҳандаи дараҷаи инсофу имони бисёре аз мансабдорону мансабхоҳон шуд: ҳарчи ба даҳонашон омад, гуфтанду навиштанд.

Мегӯянду менависанд.

На аз худо метарсанду на аз мардум шарм мекунанд...

Шояд пеши виҷдони хеш иқрор кунанд?

Шояд...

Агар он бошад.

*Ҳилоли моҳу Тоҷикистон.*

Имрӯз, ки аз рамазони овора се рӯз мегузарад, се нафар ба ҳилоли моҳи сērӯза дида медӯзаду бо ашки шашқатор даҳони бастаро боз мекунад.

Ва ин се нафар дар се гӯшаи дур аз ҳамдигар тақрибан як суханро ба забон меоварад.

Зане дар Тоҷикистон:

-- Худоё! То моҳи нави дигар бародари овораамро ба хона баргардон!

Зани ғариб аз Ватан:

-- То моҳи нави дигар моро ба дидори Тоҷикистон бирасон!

Оворае, ки дар кишвари ҳамсоя боздошт шуда, таҳқирҳо дида, аз даричаи зиндон дидаи хунбор ба доси моҳи нав дӯхтааст:

-- Худоё! Ба дили бародарон андоз, то камонро гузоранду оштӣ кунанд ва моро аз ин нангу зиндон бираҳонанд...

Худоё! Дуои ин ҷамъи парешонро мустаҷоб кун!..

*Тарёк.*

Вақте одамро ба машқи одамкушӣ мекашанд, вай ҳанӯз гумон надорад, ки рӯзе ҷаллод мешавад.

Вай ба ин машқ ё аз кунҷковӣ дода мешавад, ё аз шавқи пулу мол.

Вақте вай нахустин бор одам мекушад, муддате оромии худро гум мекунад.

Вақте такрор ёбад, одат мешавад.

Чаро ки мазаи пул бадомӯз мекунад.

Вақте одамкушӣ одат шуд, ба хумор табдил меёбад, чаро ки аз ҳувияти худ мекоҳад.

Ҷаллод ҳамеша гӯш ба қимор аст: аз куҷо бӯи пули калон меояд...

Ин одат он гоҳ тарк мешавад, ки ё кушанда ҷони нахустин фармондеҳи худро мегирад, ё ҷони худашро мегиранд.

Ва аммо роҳи севвум низ ҳаст.

Агар дар гавҳар чизе ҳаст, биҷунбаду раги дастро бикашад.

*Иншо.*

"Асали бобош" *Оноҳитоҷон,* ки парир (27.01.1996) ба ёздаҳ даромад, ду сол дар мактаби тоҷикии Душанбе хонд, соле дар мактаби инглисии Деҳлӣ таҳсил карда, инак ду сол боз дар мадрасаи байналмилалии духтаронаи Теҳрон таҳсилро идома медиҳад.

Омӯзгори мадраса имрӯз иншо супурдааст.

Ва *Оноҳитоҷон* "шеъре" бадоҳатан навишта ва баҳои "сад" гирифтааст.

Дар хона ҳамакаса хоҳиш кардем, ки шеърашро барои мо бихонад. Вай ба осонӣ розӣ нашуд.

Вале вақте хонд, ҳамакаса гиристем.

Ин аст он "шеър":

I left my country when I was a child
I left it because of the fight
I love my country it is my home
Even if it burns it is still my home

Тарҷумааш:
Ҳангоме ки ман кишварамро тарк кардам, кӯдак будам.
Барои он тарк кардам, ки он ҷо ҷанг буд.
Ман кишварамро дӯст дорам, чунки вай хонаи ман аст,
Ҳатто агар он сӯхта бошад ҳам, хонаи ман аст.

*Дарахти миллат.*

Агар миллат дарахт аст, заминаш мактабу донишгоҳ, решааш шогирдону омӯзгорон ва устодон.

Ва мевааш -- истиқлол.

*Ниҳоли истиқлол.*

***Ниҳоли истиқлоли кишвару ободӣ ва пешравии онро дар боғи мактаб мешинонанд.***

Боғбонон – муаллимонанд: чи омӯзгорони мактабҳои миёнаву махсус ва чи устодони мактаби олӣ.

*Орият.*

Камубеш понздаҳ сол пеш, нависандаи ҷаҳонии қирғизҳо, Чингиз Айтматов гила аз сарнавишт карда буд, ки ба мардумаш “Ватан” надодаанд ва ночор “Родина”-и русиро гирифтаанд.

Ин ҳама сол дар андешаам чарх мезанад, ки чаро тоҷикон “Меҳан”-и худро канор гузошта, “Ватан”-и арабҳоро ба кор мебаранд.

Оё арабҳо “Меҳан”-и моро нобуд карда, “Ватан”-и худро бор карда буданд?

Ё шояд ба орият гирифтаем?

То замоне?

То бедорӣ?

*Сар.*

Ба аъзои бадани Тоҷикистон оташ аз он афтод, ки сари солим надошт.

Сар агар солим набошад, на дарди аъзо эҳсос мешавад, на амалашон идора.

Пас, нишинем, ки модари тоҷик фарзанде сардор зояд?

*Даст ба даст!..*

Яке аз сабабҳои аслии оташ дар Тоҷикистон, оби Тоҷикистон аст, лаълу тиллои Тоҷикистон аст.

Барои ин сарватҳо дастдарозӣ хатар дорад. Барои соҳибони даст ҳам.

Даст ба даст додан лозим аст.

Магар нагуфтаанд? --

“Ҳамсоя аз сӯхтори ҳамсоя эмин нест”.

*Лимӯ.*

Ба киноя “Зира ба Кирмон” гуфтаанд; “Самовар ба Тула” гуфтаанд...

Аммо чаро “Лимӯ ба Тоҷикистон” нагуфтаанд?

Хоҳанд гуфт. Вақте ки тамоми Қӯрғонтеппа ба як лимӯзори бузург табдил меёбад; ва замоне, ки ба ҷаҳониён шиносонда тавонистем, ки он бемонанд аст.

*Ояти наҷот.*

Бало барои тоҷик нав нест.

Тоҷик дар оташи бало пухтааст. Дар бӯю дудаш обутоб ёфтааст.

Балоро бар сари тоҷик борҳо борондаанд. Аз дуру наздик овардаанд. Аз таги по хезондаанд.

Онро дар даҳаи солҳои шаст оварданд. Бар сари донишгоҳиён, ки мағзи миллатанд. (Аҳли дард фаромӯш накарда, ки дуктур *Исомиддин Насриддиновро* барои як кило чакка ба чи муҳокимаи говсуд кашиданд).

Онро дар солҳои ҷанги фашистон оварданд. Гурӯҳи калонеро аз аҳли илму адабу фарҳанг ба коми аждаҳо фиристоданд. Ва бедортарин фарзандони миллат, монанди *Лутфулло Бузургзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Абдушукур Пирмуҳаммадзода* ... барнагаштанд.

Онро дар нимаи солҳои сиюм оварданд. Даҳҳо нафар аз аҳли саводу қаламро зиндон карданд, куштанд, ба Сибир табъид намуданд. Ҳатто устод *Айниро* ба зиндон кашиданд. Ҳамон *Айние,* ки 75 чӯби амир *Олимхони* манғитро хӯрда,

бародарашро аз даст дода ва инқилоби болшевикҳоро бо чеҳраи боз пешвоз гирифта буд. (Агар устод *Лоҳутӣ* намебуд, маълум нест, ки сарнавишти *Айнӣ* бо чи меанҷомид).

Онро дар солҳои 1917-1918 оварданд. Ба пешонии рўшанфикрони мубориз тамғаи "ҷадид"-ро часпониданд, фатвои "кофир"-ро насб намуданд ва қатли ом карданд.

Онро дар поёни садаи гузашта хезонданд. Деҳқонони мазлумро таҳқиру тороҷ намуданд, сарварашон *Восеъи* қаҳрамонро дар пеши чашми амири манғит ба дори баланд кашиданд...

Балоро бар сари тоҷик дар ҳамин солҳои ахир ҳам оварданд: устод *Бозор Собирро* ба зиндон кашиданд; *Пирам Сатторӣ, Қулмуҳаммад Абдулҳусейнов, Хушбахт Ҳайдаршо, Саидмурод Ёриён, Муҳиддин Олимпур, Муродулло Шерализода, Нафасбеки Раҳмонӣ, Юсуфхон Исҳоқӣ, Муҳаммад Осимӣ, Минҳоҷ Ғуломов, Моёншоҳ Назаршоев, Шамсиддин Собир, Айниддин Содиқ, Кароматуллои Қурбон, Мўсои Исо, Фатҳуллохон Шарифзода* ва... ва хеле касони дигарро ба шаҳодат расонданд; *Бурҳон Ғанӣ, Одина Ҳошим, Қутбӣ Киром, Баҳром Фирўз, Раҳим Додхудоев, Мавҷудаи Ҳаким, Ашўр Сафар, Амонбек Шоҳзода, Султон Шоҳзода, Сармад, Насрулло Асадуллоев, Мукаррамаи Камол, Шамсии Собир, Саҳобиддин Сиддиқ, Ардашери Карим* ва ... ро пеш аз аҷал куштанд; *Сотимхон Улуғзода, Бозор Собир, Муъмин Қаноат, Гулрухсор, Сиёвуш, Рустами Ваҳҳобниё, Аҷамӣ, Мирзо Гадо, Давлати Худойназар, Ардамеҳр* ва бисёр касони дигарро ба кўи ғурбат андохтанд.

Балоро бар сари тоҷик пайваста овардаанд.

Тоҷик дар оташи бало пухтааст. Дар кўрдудаш обутоб ёфтааст.

Ва аммо аҷаб ин аст, ки тоҷик аз кўраи балоҳо зинда мондааст.

Шояд сирраш ин буда, ки ояти наҷотро медониста. Ояте, ки фарзанди бузургаш Рўдакӣ ба забон оварда буд:

Андар балои сахт падидояд
Фарру бузургмардиву солорӣ.

*Дар ин ҳафтод соли сипаришуда фарру бузургмардиву солории мо кост, ҳувияти фитрии мардуми мо шикаст. Аз султаи миллаткуши Шўравӣ.*

Бо ҳамин иллат, ба осонӣ аз як киш-киши бадхоҳон ба ҷони ҳамдигар дарафтодем...

Агар тоҷик аз фарри яздонии худ чизе ҳанӯз дар бисот дорад, агар нерӯи бузургиву бузургмардиро ҳанӯз дар хуни худ эҳсос мекунад, агар мазаи солорӣ ҳанӯз дар димоғаш боқист, ин бор ҳам хезе мезанаду худро наҷот медиҳад. (Иншоаллоҳ.)

Тафсири содаи ояти наҷот ин аст, ки аз калон то хурд, аз бегуноҳ то гунаҳкор, аз хос то ом, аз мазлум то золим *тавба кунад,* аз ҳамдигар узр пурсад ва ҳамдигарро бахшад. Ҳатто силоҳдоре, ки аз нодонӣ ва ё сабабе дигар одам куштааст ва акнун тавба мекунад, сазовори бахшидан аст.

Ва аммо алифбои наҷот шинохтани дӯст аст аз душман.

Дӯстро бояд бибахшид, душманро бояд бипурсид.

# Феҳраст

*Пешгуфтор* 4

*ЗАНУ КӮДАК* 6

Шоҳсутун. 6
Алифбо. 6
Ҳалқаву танакору гиреҳ. 7
Лайзери чашм. 7
Одамсоз. 7
Чароғ: 7
Хонаи равшан. 7
Зан -- оташ. 7
Зану оташ: 7
Зану рӯшноӣ. 7
Дарёи зан. 7
Ё сафо ё аҷал. 8
Забони ҳиҷов. 8
Парда. 8
Ғилофи силоҳ. 8
Кудак. 8
Гулаксоз. 8
Вазифаи аслӣ. 9
Ченак (малок). 9
Фардо ва кудак. 9
Рисолати марду зан. 9
Масъулияти зан. 9
Салому дастбӯсӣ. 10
Боз ҳам дуруду дастбусӣ. 10
Шарофату подош. 10
Чӣ веҳ. 11
Сахтӣ ва нармӣ. 11
Шоҳу вазир. 11
Марду шоҳу нохудо. 11
Аҷали имон. 11
Аспу ароба. 11

Гови ало. 12
Гуфтугӯ 12
Зану мард, шабу рӯз. 12
Фиреби зан. 12
Ду рӯйи сикка. 12
Дурӯяги. 12
Лофу заъф. 13
Хонавода ҳам кишвар аст. 13
Агар ҳофизаи тифлӣ мемонд. 13
Хори гул. 13
Табдили мавкеъ. 13
Бало? Ё дармон? 14
Оё метавонад?.. 14
Рисолати падарӣ. 14
Ситора дар доман. 14
Хомтамаъ. 14
Тарбият. 14
Чашмаву ниҳол. 15
Шох. 15
Нуф (Акси садо). 15
Кӯрӣ 15
Душмани ширин. 15
Мусича. 16
Хилофи рисолат. 16
Модар. 16
Навозиши модар. 17
Вазифаи модар. 17
Модар модар аст. 17
Насиҳати падар. 18
Намак агар ганда гардад... 18
Бобову момои Фирӯз. 18
Қумғон. 19
Чашма. 19
Дах дидании зебо. 19
Беғаразтарин хайрхоҳ. 20
Падар розӣ, Худо розӣ. 20

Ифтихори зан. 20
Модари меҳрубон ва модари сахттир. 20
Ҳезуму гугирд. 21
Хому пухта. 21
Риштаву сузан. 21
Коғазу қалам. 21
Фосилае ва умре. 21
Дарёи неруи зан. 21
Гувоҳи фарҳанг. 22
Омили саодату вақо. 22
Одаму ҳадаф. 22
Лутфу пастӣ. 22
Покиву дуруштӣ. 22
Зану дунё. 23
Қотил ва ёди модар. 23
Ҳазору ду. 23
Руй ва даҳон. 23
Дасти зананда. 23
Гугирд. 23
Заҳру позаҳр. 23
Маъҷуни лутф. 23
Ҳусну неру. 24
Суккони хонадон. 24
Не нишоне, не нишона. 24
Хонаи марди муҷаррад. 24
Чароғ ва чароғдор. 24
Ду нафар... 24
Се нафар. 25
Ҳован. 25
Нимшикаста. 25
Гарданбанд. 25
Марворид. 26
Ҳиҷов. 26
Сурох дар кулвор. 26
Имтиёз. 26
Ситоиш ва накуҳиш. 26

Ҳаё. 26
Хонаи зулм. 26
Мушки ноб. 27
Покӣ. 27
Чароғи ҳусн. 27
Ҷойнишин. 27
Ҳалқаҳои занҷир. 27
Ху. 27
Тухми оянда. 28
Ғазали бепоён. 28
"Забонаш ширин..." 28
Пеши руй ва пушти руй. 28
Домоду арус. 28

## *ИНСОНУ ФАРҲАНГ* *29*

Сиккаи ҳунар. 29
Устод. 30
Реша ва бар. 30
Умр. 30
Шоиру миллат. 30
Аз тарми он гурбахӯ. 32
Меҳри сузон. 31
Ҳудодода. 31
Парии Илҳому умри абад. 32
Қаҳри Парӣ. 32
Издивоҷи ғайриоддӣ. 32
Пирхона. 33
Коғаз. 33
Луқмаи пок. 33
Шоиру нафс. 34
Фарзанди беном... 34
Гаранг. 34
Тавоноӣ. 34
Ҳофиза. 34
Ду ва се. 34
Фарҳанг. 35

Фарҳангӣ. 35
Фарҳанг ва фарҳангиён. 35
Масъулияту фарҳанг. 35
Шаҳрӣ ва деҳотӣ. 36
Шаҳрӣ ва деҳотии дигар. 36
Нони фарҳанг. 36
Яке хушном, яке хушнон. 36
Фарҳангу айш. 37
Гавҳари возу. 37
Тафовути инсон. 37
Хасак. 37
Ваҷҳи хеле муҳими иштирок. 38
Дар мактаби зиндагӣ. 38
Илму ҷаҳл. 38
Ду руи оқил ва ҷоҳил. 38
Суханҷаллов 38
Донову сухандон. 38
Забон. 39
Сагро мегазанд? 39
Саггазида. 39
Намад. 39
Сигоркашу носкаш ва... 39
Аждаҳо. 40
Санги нафс. 40
Гушна ва сер. 40
Сер ва гурусна. 40
Маргу зиндагӣ. 41
Тарс аз марг. 41
Шинохти марг. 41
Зистан пас аз марг. 41
Одаму ҳайвон. 41
Фазли забонӣ. 41
Фазли одам. 42
Вазифа. 42
Файзи саҳар. 42
Сипоси гул. 43

Ҳар чизе ҷой дорад. 43
Ҷавҳари рушноӣ ва торикӣ. 43
Нотавонии фарҳангӣ. 43
Бачаҳои як модар. 43
Кина. 43
Кинаву меҳ. 44
Кирми кина. 44
Фарқи ду ҷанг. 44
Мурдан ё зистан? 44
Бузургӣ. 44
Ҳаққу шараф. 44
Рисолат. 45
Анҷоми рисолат. 45
Роҳҳои талош. 45
Шатак. 45
На ҳар нозпарвард... 45
Барги чанор. 45
Шатта (лагад). 45
Ҳамсоя ва ҳаққи худо баробар. 46
Кому ном. 46
Дунё. 46
Насли пуч. 47
Чароғи шараф. 47
Шишаи ноёб. 47
Об. 47
Бурдборӣ ва замон. 47
Обу санг. 48
Талоши об. 48
Обу даст. 48
Рушноӣ. 48
Манзили мурод. 49
Ҷавонӣ ва нишона. 49
Самти зиндагӣ. 49
Ихтиёри инсон. 49
Ойина. 49
Раҳмону шайтон. 49

Талош. 50
Қатра ва дарё. 50
Сахтӣ ва роҳат. 50
Кимиёи сабр. 50
Сабр? Ё ғафлат? 50
Сад бибину яке гуй! 50
Зиндагӣ, яъне набард аст... 51
Фарзанди носазо. 51
Офтоби пушти абр. 51
Парвариш. 51
Дасти Маҳмуд... 51
Роҳи дурусттарин. 52
Роҳи зиндагӣ. 52
Моми замин. 52
Мардӣ. 52
Офтобу моҳтоб. 52
Шинохти бузургӣ. 53
Зиндадилу мурдадил. 53
Устодӣ. 53
Эроду инкор. 53
Муваффақтарин устод. 53
Ҳафт сабақи устод. 54
Шогирду оби ҷӯй. 54
Ақлу эҳсос. 55
Кундаву хас. 55
Ошёни баланд. 55
Риштаи дутоба. 56
Қаҳрамон. 56
Дурбин. 56
Дӯст бештар... 56
Омили тарбият. 56
"Падарлаънат". 57
Ду нишони адаб. 57
Маҳаки муошират. 57
Тафовут аз куҷост... 57
Ришу ноқид. 57

Роҳату ном. 58
Маъҷун. 58
Ғафлат. 58
Забони вежа. 58
Шаҳру куҳ. 59
Ҳавои шаҳру куҳсор. 59
Роҳбалад кист? 59
Зери дандон. 59
"Мурод туӣ?" 59
Заҳмату подош. 59
Ҷавонию пирӣ. 59
Пирӣ. 60
Марзи пирӣ. 60
Боз ҳам пириву ҷавонӣ. 60
Нигоҳ. 60
Куҷо меравӣ? 60
Ҳазрати шароит. 60
Ҳарам. 60
Офтоби кас. 61
Девори қиёмат. 61
Баҳор. 61
Чеҳраи баҳор. 61
Ойинаи баҳор. 61
Дусту душман. 62
Имтиҳон. 62
Гавҳари хирад. 62
Мояи тасаллӣ. 62
Фосилаи орзу ва воқеият. 62
Ҳам зери по, ҳам тоҷи сар. 63
Шаҳд аз куҷову заҳр аз куҷо... 63
Гавҳар. 63
Силоҳ. 63
Далели бузургӣ. 63
Андозаи бузургӣ. 64
Бузургӣ чист? 64
Баландӣ. 64

Мукофоти боғбон. 64
Зиндагӣ. 64
Озода. 64
Худову ростиву накуӣ. 65
Аждаҳои дуруғ. 65
Дин. 65
Дилеву ҳавасе. 65
Руза. 66
Покиву руҳ. 66
Пусту мағз. 66
Имон. 66
Эътиқод. 66
Мояи фахр? Ва ё нанг? 67
Соҳил. 67
Ҳар ҷомеа монанди як дарёст. 67
Мусулмонӣ оҳиста оҳиста... 67
Хоҷа Аҳрори Валӣ. 68
Таърих. 69
Одаму фариштаву дев. 69
Одаму кор. 69
Рушноии дигар. 70
Ду руи кор. 70
Руғани умр. 70
Оби чашма. 70
Аспу лаҷом. 70
Савора. 70
Дев. 71
Кору бекорӣ. 71
Ғаму кор. 71
Бекорӣ. 71
Шарик. 71
Ғаму нафс. 71
Нафсу ном. 71
Аз фаришта то дев... 72
**Ҷамъбандии нокомил**........................75
Гули дубуя. 72

Иззати меҳмонӣ. 72
Яке... ва чанде... 73
Гул... 73
Гули бехор. 73
Мояи шодӣ. 73
Ҳут. 73
Ҳути дигар. 74
Хоҳар. 74
Бусаи замин. 74
Буи замин. 74
Тану ҷон. 74
Ҳаракату баракат. 75
Ҳамсафар. 75
Ҳамсафарони судманд. 75
Рухи шод. 76
Мурғи андеша. 76
Катак. 76
Хаёли хом. 76
Чу бишнавӣ... 77
Ҷаҳон куҳнаву сухан куҳна. 77
Ду бародар? 77
Шири хомхурда. 77
Фаҳш. 78
Шиорҳои Теҳрон. 78
Китоби Эрон. 79
Сагу корвон. 79
Ин бехабарон... 80
Гувоҳи бузургӣ. 80
Тандиси фарҳанг. 81
Ҷомаи зарбофти фарҳанг. 81
Чеҳраи Эрон. 81
Поси ҳамхунӣ. 82
Шамшери дудама. 82
Худо яке аст. 82
Дуст. 82
Гавҳари фитрӣ. 82

Шарофат. 83
Тарозу. 83
Машқ. 83
Каланд. 83
Саломатӣ. 83
Ибодат. 83
Аспу лаҷоми дигар. 83
Ду вол. 84
Танҳоӣ ва... 84
Баракат. 84
Дузди зур... 84
*ТОҶИКИСТОНУ МИЛЛАТ* 85
Баракати зиндагӣ. 85
Оби дари ҷуй. 85
Тоҷикистон аз кист? 85
Умри хирад. 85
Санглох. 86
Тоҷфуруш. 86
Тоҷ маънӣ надорад. 87
Обу Тоҷикистон. 88
Ободиву Тоҷикистон. 88
Волидайну Тоҷикистон. 88
Дарди кампир ғуза. 88
Гуноҳи ҳусн. 89
Зоғу булбул. 89
Хонаву киштиву кишвар. 89
Имрузу дируз. 90
Чашмсерӣ ва шикамсерӣ. 90
Дуроха. 90
Мегузарад. 90
Хови ғафлат. 91
Гур сузад... 91
Бедорӣ. 91
Хову ведорӣ. 91
Ҷавонмардӣ. 91

Банд. 92
Бало пой надорад. 92
Рисолати паёмбарону бузургон. 93
Лутфи худованд. 93
Масъулият. 93
Ҳиммат. 93
Ҷадидҳо. 93
Шоири ношуд. 94
Такрори таърих. 94
Тафовут. 94
Дарди ведармон. 95
Неруи кашиш. 95
Хаймаи каҷ. 96
Гуруснаи Ватан. 96
Ватани модар. 96
Оғуши модар. 96
Ватан модарбузург аст. 96
Меҳан. 96
Малулӣ. 97
Ҷомеаи тандуруст. 97
Мору остин. 97
Турку тоҷик. 97
Гуноҳи адавиёт. 98
Эҳсоси ҳақорат. 98
Ватандорӣ суханбозӣ нест, Ватандорӣ хидмат аст... 98
Ватандорӣ. 98
Тоҷикистон шод бодо, шод!.. 99
Офтобпараст. 99
Меваи дарахти ҳафтодсола. 99
Хости душман буд. 100
Ҷаҳон, баъди Тоҷикистон. 100
Ҳасрат. 100
Сарнавишти овора. 101
Рузшуморӣ. 101
Зиндонӣ? Астағфруллоҳ! 101
Ману ашк. 102

Вахдати миллат чист? 102
Такягоҳи ҳамдигар. 103
Нафси аҷал. 103
Меҳри Меҳан. 103
Зиллат. 104
Тоҷикистони муштипар. 104
Гурусна ва гуруснатар. 104
Бадӣ. 105
Қотил. 105
Бунбасту кур. 105
Гуле ки хор шуд... 105
Сиёсату мавқеъ. 105
Мавзуи иншои озод. 106
На ҳар ки каҷ нишаст, сикандарӣ донад... 106
Даҳ шарти миллат. 106
Мушхона. 107
Дар хами кӯчаи якум. 107
Душмани гиребонгир. 108
Шарафи миллат. 108
Паррехта. 108
Ҳеҷ. 108
Шинохти ҳикмат. 108
Суннат. 109
Сабақе аз бузурге. 109
Ягона. 109
Фирдавсӣ. 109
Мавзӯи вепоён. 109
Мавзӯи ом. 109
Чашмсерӣ ва чашмгушнагӣ. 110
Шоҳи номаҳо. 110
Ғараз. 110
Дастеву шохае. 111
Фардо ва соли оянда. 111
Нисбияти нағзӣ. 111
Таассуб. 112
Тарозуи дигар. 112

Сиёсатмадор. 112
Як сухани мушкил, як гоми сангин. 112
Иттифоқу ихтилоф. 113
Пируз кист? 113
Гул бирезад, нарезад аз вай бўй... 113
Ду нигоҳ ва ҳизб. 113
Ҳизб чист? 114
Фитнаи болшевикона. 115
Савдои болшевикона. 115
Камунистон пешвоянд? 116
Даҳ иллат. 116
Иштибоҳ? 117
Сарчашмаи лутф. 117
Мушкили Тоҷикистон. 118
Табар. 118
Подош. 118
Подош кадом аст? 119
Ғофил. 119
Бегона. 119
Ватанпарвар. 120
Ватандўстӣ. 120
Миллатдўстӣ. 120
Бандгумкарда. 121
Иҷоранишин. 121
Хоб. 121
Доғи ҳасрат. 121
Озодӣ. 121
Хонаи Тоҷикистон. 121
Боз ҳам мурғи андеша. 121
Гавҳари виҷдон. 122
Ҳилоли моҳу Тоҷикистон. 122
Тарёк. 123
Иншо. 123
Дарахти миллат. 124
Ниҳолу истиқлол. 124
Орият. 124

Сар. 124
Даст ба даст!.. 125
Лиму. 125
Ояти начот. 125

Rahim Musulmoniyon Qubodiyoni

# One hundred and one Thoughts

(Second notebook)

*Зану Кӯдак--*
*Инсону Фарҳанг--*
*Тоҷикистону Миллат--*
*-- пушту рӯи як сиккаанд:*
*бе ҳамдигар буда наметавонанд!*

Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ САДУ ЯК АНДЕША